**АКАДЕМИЯИ МИЛЛИИ ИЛМҲОИ ТОҶИКИСТОН**
**ШУЪБАИ СОТСИОЛОГИЯИ ИНСТИТУТИ ФАЛСАФА ВА СИЁСАТШИНОСИИ БА НОМИ А. БАҲОВАДДИНОВ**

**ВБД: 308+314+339+331.4 (575.3)** ***Бо ҳуқуқи дастнавис***

**АҲРОРӢ АДИБА МУХИДДИНҶОН**

# КАМБИЗОАТӢ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОӢ (ТАҲЛИЛИ СОТСИОЛОГӢ)

# ДИССЕРТАТСИЯ

барои дарёфти дараҷаи илмии
доктори фалсафа (PhD), доктор аз рӯйи ихтисоси 6D050100 – Сотсиология (6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ)

**Роҳбари илмӣ:**
н.и.ф., дотсенти кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Мирзода Фирӯз Сафаралӣ

**ДУШАНБЕ – 2026**

`

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО ................................................................ 3**

**МУҚАДДИМА..................................................................................... 4**

**ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ ................................................... 10**

**БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ ВА МЕТОДИИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ КАМБИЗОАТӢ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА ................................................................................ 22**

1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқу омӯзиши масъалаи камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ ........................................ 22

1.2. Масъалаи таснифоти камбизоатӣ ва шаклҳои зоҳиршавии он дар ҷомеаи муосир ...................................................................... 46

**БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ПАДИДАИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР ........................................ 65**

2.1. Нишондиҳандаҳо ва методҳои ченкунии камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ................................................................................ 65

2.2. Камбизоатӣ дар низоми табақабандии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон (дар охири асри XX ва аввали асри XXI) ............... 91

**БОБИ 3. САБАБҲОИ КАМБИЗОАТИИ АҲОЛӢ ВА РОҲҲОИ КОҲИШИ ОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН ........................... 118**

3.1. Сабабҳои камбизоатии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли Тоҷикистон118

3.2. Оқибатҳои иҷтимоии камбизоатии аҳолӣ дар Тоҷикистон .................. 140

3.3. Стратегияҳои паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ..................................................................... 156

**ХУЛОСА ............................................................................................ 178**

**ТАВСИЯҲО ВА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ...... 185**

**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ........................................................................ 190**

**II. Рӯйхати интишороти илмии довталаби дараҷаи илмӣ................................ 208**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

ИМА – Иёлоти Муттаҳидаи Амрико

ИҶШС – Иттиҳоди Ҷумҳуриҳои Шуравии Сотсиалистӣ

НТҶ – Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ

СММ – Созмони Милали Муттаҳид

## МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Дар ҷомеаи муосир бо вуҷуди дастовардҳо ва муваффақиятҳои назарраси иҷтимоию иқтисодӣ ва техникӣ то ҳол масъалаи камбизоатӣ нигаронкунанда боқӣ мемонад. Мувофиқи Индекси навсозишудаи байналмилалии камбизоатии бисёрченака (MPI) барои 110 кишвари ҷаҳон, ки аз ҷониби Барномаи рушди СММ (UNDP) ва Ташаббуси Оксфорд оид ба камбизоатӣ ва рушди инсон дар Донишгоҳи Оксфорд (OPHI) таҳия шудааст, соли 2023 дар ҷаҳон 1,1 млрд. нафар дар шароити камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд [120]. Мувофиқи маълумоти Бонки Ҷаҳонӣ дар соли 2024 шумораи одамоне, ки дар камбизоатии шадид қарор доранд, 700 млн. нафарро ташкил дода, аз рӯйи меъёри мамлакатҳои тараққикарда бошад, 3,5 млрд. нафар (яъне 44 фоизи аҳолии кураи замин) [146] дар ҳолати камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд. Бинобар ин, камбизоатӣ масъалаи мубраме мебошад, ки ба объекти таҳқиқоти илмии муҳаққиқони илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сотсиология қарор гирифтааст, аммо ҳамаи ҷанбаҳои он (махсусан, бо равиши сотсиологӣ) ба пуррагӣ омӯхта нашудаанд.

Мафҳуми «камбизоатӣ» дар замони муосир яке аз мафҳумҳои паҳншудае мебошад, ки ҳам дар адабиёти илмӣ ва ҳам дар муоширати рӯзмарра васеъ истифода мешавад. Одатан, мафҳуми «камбизоатӣ»-ро бештар ба маънои иқтисодӣ мефаҳманд, аммо он на танҳо категорияи иқтисодӣ, балки яке аз мафҳумҳои асосии илми сотсиология низ мебошад. Нишонаҳои иқтисодии камбизоатӣ дар ҷаҳон умумӣ ва хело наздиканд, мисли даромади кам барои пешбурди зиндагӣ нокофӣ, хароҷоти қисми зиёди даромад ба хӯрокворӣ ва ғайра, аммо хусусиятҳои иҷтимоии он дар давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ ва давлатҳои мутароққӣ аз ҳам фарқ мекунанд [41, с. 199].

Намояндагони назарияҳои аввалини тавсифи камбизоатӣ қайд мекарданд, ки на танҳо норасоиҳои захираҳои моддию маънавӣ боиси пайдоишу густариши камбизоатӣ мегарданд, балки он ба низоми арзишҳои иҷтимоӣ ва психологӣ ҳамбастагӣ дорад. Яке аз ин назарияҳо дар илми сотсиология бо номи «порчофарҳанги камбизоатӣ» маълум аст, ки аввалин маротиба ин мафҳум дар асарҳои этнографи англис О. Люис (1914-1970) истифода шудааст. Ӯ дар асари машҳури худ «Омӯзиши фарҳанги фақирон (маҳалҳои нообод)» ба хулосае меояд, ки зиндагии одамон дар зери таъсири камбизоатӣ тағйир меёбад. О. Люис таъкид менамояд, ки агар одамон дурудароз дар вазъи камбизоатӣ зиндагӣ кунанд, онҳо ба порчафарҳанги худмухтори камбизоатӣ мутобиқ шуда, дар сохтори иҷтимоии ҷомеа табақаи иҷтимоии худро тағйир дода наметавонанд [145, с. 5].

Камбизоатӣ дар Тоҷикистон масъалаи ҳалталаб мебошад, зеро ҳоло 19,0%-и шаҳрвандони Тоҷикистон дар ҳоли камбизоатӣ зиндагӣ мекунанд, аммо Ҳукумати Тоҷикистон бо роҳбарии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон кӯшиш менамоянд, ки тавассути дар амал татбиқ намудани низоми чорабиниҳои мухталиф марҳила ба марҳила сатҳи камбизоатии аҳолиро коҳиш дода, барои шаҳрвандони кишварамон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро таъмин намоянд.

Давоми 20 соли охир дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се ҳуҷҷати стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, ду барномаи баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ шуданд. Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки табақаи камбизоати аҳолии Тоҷикистон то соли 2030 ба 15% расонида мешавад [5, с. 88]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам

Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми навбатии хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 доир ба ин масъала чунин изҳори назар намуданд: «Дар натиҷаи амалисозии тадбирҳои зикргардида сатҳи камбизоатӣ аз 29,5 фоизи соли 2017 то 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд. Дар ду даҳсолаи охир сатҳи зиндагии мардуми кишвар тадриҷан беҳтар гардида, нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1991-ум то 62 банди фоизи дар соли 2023 паст карда шуд. Бо мақсади идома додани ин раванд ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххастро амалӣ намоянд» [129].

Паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва таъмин намудани зиндагии шоистаю сазовори шаҳрвандон унсури меҳварии принсипи инсондӯстӣ ва яке аз ҳадафҳои стратегии рушди устувори ҷомеаи муосири Ҷумҳурии Тоҷикистон ба ҳисоб меравад. Ҳамзамон, бо коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолӣ бештари масъалаҳои иҷтимоӣ ва иқтисодии кишварамон ҳалли худро меёбанд. Муҳиммияти ҳалли масъалаи камбизоатӣ ба давлати иҷтимоӣ будани Тоҷикистон созгор мебошад, зеро «Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [1].

Таҳлили болоӣ аз он шаҳодат медиҳанд, ки омӯзишу таҳқиқи сабабҳои пайдоишу густариш, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистони муосир хеле мубрам буда, истифодаи амалии натиҷаҳои таҳқиқот барои пешгирӣ ва бартараф намудани ин падидаи иҷтимоӣ мусоидат менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Аз замонҳои қадим мутаффакирон ба масъалаи камбизоатӣ диққат додаанд ва дар бораи ин падидаи иҷтимоӣ

фикру андешаҳои худро баён намуданд. Махсусан, аз донишмандони Юнони Қадим – Арасту дар осори илмии худ оид ба сохтори табақабандии иҷтимоӣ, рафтори шахсони камбизоат, таъсири камбизоатӣ ба ҷомеа, нобаробариҳои иҷтимоӣ ва нақши табақаи миёна фикру ақидаҳои арзишмандеро пешниҳод намудааст [9].

Ба масъалаҳои табақабандии иҷтимоӣ, нобаробариҳои иҷтимоӣ, таснифоти камбизоатӣ, таъсири камбизоатӣ ба ҷомеа, сабабҳои пайдоиши камбизоатӣ, зарурияти мавҷудияти табақаи камбизоат, ҳолати шахси камбизоат, оқибатҳои камбизоатӣ аз мутаффакирони форсу тоҷик А. Форобӣ [7], А. Сино [115], М. Ғаззолӣ [12], А. Дониш [15], С. Айнӣ [6] ва дигарон таваҷҷуҳ зоҳир намуда, вобаста ба давру замони худ ин масъалаҳоро таҳлил ва шарҳ додаанд.

Оид ба омӯзиши хусусиятҳо, сабабҳои пайдоишу густариш, таснифот, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои пешгирии зуҳуроти камбизоатӣ аз ҷониби сотсиологҳои классик ва муосир, мисли Э. Дюргейм [17], К. Маркс [44], М. Вебер [11], Т. Парсонс [26], Р. Мертон [22], Г. Спенсер [33], П. Сорокин [32], Р. Дарендорф [14], С. Раунтри [148], П. Таунсенд [149], Г. Ганс [143] ва дигарон таҳқиқоти илмии пурарзише ба анҷом расонида шудааст.

Дар таҳқиқу омӯзиши масъалаи камбизоатӣ корҳои илмии олимони рус низ ҷолиби диққат мебошанд. Назария ва равияҳои илмии омӯзиши масъалаи камбизоатӣ, равишҳои муайян намудани гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ ва хусусиятҳои хоси камбизоатӣ вобаста ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа аз ҷониби ҷомеашиносони рус З.П. Замараева [58], М.В. Игнаток [61], Ю.Ю. Изварина [63], Г.Б. Кошарная [68], Д.А. Поправко [85], О.В. Воронкова [54], З.Ф. Бадертдинова [51] ва дигарон таҳқиқ шудаанд. Масъалаҳои таснифот ва муайянсозии намудҳои камбизоатӣ дар ҷомеаи муосир, шаклҳои зоҳиршавии

камбизоатӣ дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа ва маргиналшавии аҳолӣ ҳамчун натиҷаи падидаи камбизоатӣ дар таҳқиқоти илмии ҷомеашиносони рус Л.А. Гордон [55], Н.М. Римашевская [90], Е.С. Балабанова [52], Л.М. Прокофева [87] инъикос гардидаанд.

Дар самти ченкунии сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ҷомеаи муосир, меъёрҳои муосири чен кардани камбизоатӣ, равияҳои консептуалии муайян намудани сатҳи камбизоатӣ, методҳои сотсиологии ченкунии камбизоатӣ, нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатӣ ва мушкилоти муайян намудани сатҳи он таҳқиқоти илмии анҷомдодаи сотсиологҳои рус, мисли Ю.Д. Алехина [47], В.С. Сичева [96], Г.П. Кулешова [69], И.В. Шугаева [110], Л.А. Зубкевич [60], О.В. Воронкова [54], М.В. Игнаток [61] ва дигарон қобили таваҷҷуҳи махсус мебошанд.

Дар бораи методҳои баҳодиҳии вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии оилаҳои камбизоат, консепсияҳои баҳодии камбизоатии аҳолӣ, хусусиятҳои хоси рафтори иҷтимоӣ ва иқтисодии намояндагони табақаи камбизоат ҷомеашиносони рус Н.В. Кондрашова [67] ва Л.Г. Батракова [53] таваҷҷуҳ намуда, маводи илмии пуразишеро пешниҳод кардаанд.

Доир ба сабабу омилҳои пайдоишу густариш ва роҳҳои коҳиши сатҳи камбизоатӣ, инчунин, бартараф намудани паёмадҳои манфии он донишмандони рус В.А. Светков [104], А.А. Разумов [88], А.А. Фомин [100], Л.Н. Овчарова [83] ва дигарон таҳқиқоти илман асоснокро анҷом дода, тавсияҳои арзишмандеро пешниҳод намудаанд.

Аз ҷомеашиносон ва донишмандони Тоҷикистон дар бораи мафҳум ва моҳияти «камбизоатӣ», методологияи таҳқиқоти омории сатҳи зиндагии аҳолӣ, сиёсати иҷтимоии давлат дар самти паст намудани сатҳи камбизоатӣ, масъалаҳои ҳифзи иҷтимоии камбизоатон, табақабандии иҷтимоии Тоҷикистон, таҳлили сотсиологии камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ,

сабабҳои пайдоиш ва усулҳои арзёбии сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, роҳҳои паст намудани сатҳи камбизоатӣ ва дигар масъалаҳои ба камбизоатӣ алоқаманд А.Ҷ. Азимов [46], И.З. Асоев [48], Ф.М. Ашуров [49; 50], Э.Ш. Зарипов [49; 50], К.Х. Барфиев [49], Л.Я. Бабаева [112], Ш.Д. Дӯстбоев [16], Т.Х. Мирзоев [16], Х.У. Умаров [16], Ш.М. Зокирова [59], Х.У. Идиев [62], А.Х. Олимов [62], Г.В. Айдарова [62], Қ. Искандаров [120], Д.М. Каримова [65], Г.Г. Каххоров [113], С. Муродбекова [70], Н.Д. Махмадиев [72], Х.Ҷ. Махмадиева [73], С. Хомидов [73], Ф.С. Миров [75], У.Н. Насирова [78], Ф.И. Насриддинов [79], А.Қ. Наҷибуллоев [80; 77], А.Н. Нурализода [82], Н. Мубораки [82], К.Н. Рахматова [89], Ш.М. Раджабова [89], П.Дж. Наботова [89], М.Б. Самиева [91; 92], Н.У. Сафаров [93], Т.М. Таваллоев [35; 36], С.И. Тиллоев [97], Н.М. Мирзо [97], А. Ҷабборов [39], Р.М. Хакимов [101], О. Шарипова [105], Ш. Шоисматуллоев [40; 41; 107], М.М. Юнусова [111] ва дигарон китобу мақолаҳои илмӣ навиштаанд.

Бо вуҷуди аҳаммияти илмӣ доштани таҳқиқоти гузаронидашуда, сарфи назар аз мавҷуд будани адабиёт ва маводи илмии зиёд мавзуи диссертатсияи номзадӣ, яъне камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон бо равиши сотсиологӣ дар сатҳи зарурӣ ва кофӣ таҳқиқ нагардидааст. Ҳарчанд баъзе аз таҳқиқот ва корҳои илмии олимони соҳа ба ҷанбаҳои алоҳидаи мавзуи диссертатсия дахл кардаанд, аммо моҳияти сотсиологии масъалаи таҳқиқшавандаро фарогир ва ҳаматарафа инъикос карда наметавонанд. Аз ин рӯ, бо равиши сотсиологӣ таҳқиқу таҳлил намудани камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ бо дар назардошти тағйироти назарраси Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонӣ мубрам буда, аз аҳаммияти бузург бархӯрдор мебошад.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ё мавзуъҳои илмӣ.** Диссертатсия мутобиқи Нақшаи дурнамои корҳои илмӣ-таҳқиқотии шуъбаи сотсиологияи

Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуъҳои «Ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Тоҷикистон: ҳолат, омилҳои рушд ва дурнамо»барои солҳои 2019-2023 ва «Механизмҳои асосии ташаккули ҳувияти аҳолии Тоҷикистон» барои солҳои 2024-2028 таҳия гардидааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсионӣ бо равиши сотсиологӣ таҳқиқ намудани зуҳуроти камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ дар ҷомеаи муосир, муайян намудани сабабҳои пайдоишу густариш ва роҳҳои коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон мебошад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои расидан ба мақсади гузошташуда дар таҳқиқоти диссертатсионӣ иҷрои чунин вазифаҳо ба нақша гирифта шудаанд:

- таҳқиқи равияҳои назариявӣ-методологии таҳлили масъалаи камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ;
- шарҳи асосҳо ва заминаҳои таснифоти камбизоатӣ ва шаклҳои зоҳиршавии он дар ҷомеаи муосир;
- таҳлили нишондиҳандаҳо ва методҳои ченкунии камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ;
- таҳқиқу баррасии низоми табақабандии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI;
- ошкор намудани сабабҳои камбизоатии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли Тоҷикистон;
- муайянсозӣ ва шарҳи стратегияи бартараф намудани камбизоатии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол.

**Объекти таҳқиқот.** Ба сифати объекти диссертатсия камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ баромад менамояд.

**Мавзуи (предмет) таҳқиқот.** Мавзуъ ё предмети таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқу таҳлили ҳамаҷонибаи камбизоатӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ташкил медиҳад.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот.** Доираи таърихии таҳқиқот аз давраи қадим то замони муосирро дар бар гирифта, худи таҳқиқоти диссертатсионӣ давоми солҳои 2021-2026 дар шуъбаи сотсиологияи Инситути фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон анҷом дода шудааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ ба равиши сотсиологӣ асос ёфтааст ва ин равиш имкон медиҳад, ки камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа таҳқиқ карда шавад. Дар омӯзиши мавзуи диссертатсия равишҳои таърихӣ, системавӣ, муқоисавӣ ва равиши сотсиологии функсионализми сохторӣ истифода гардидаанд. Ин равишҳо имконият доданд, ки мафҳуми «камбизоатӣ», омилҳои пайдоишу паҳншавӣ, оқибатҳои иҷтимоӣ ва роҳҳои коҳиши сатҳи он ба таври амиқу ҳамаҷониба таҳлилу баррасӣ карда шаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Дар таҳқиқи мавзуи диссертатсионӣ маҷмуи методҳои умумиилмии диалектикӣ, муқоисавӣ ва шарҳдиҳӣ, дедуксия ва индуксия, инчунин, методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, мисли таҳлили ҳуҷҷатҳо, пурсиши сотсиологии миқдорию сифатӣ ва кейс-стадӣ васеъ истифода шудаанд. Ҳамзамон, ба сифати сарчашмаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ адабиёти илмии соҳавӣ, натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, ҳуҷҷатҳои расмӣ ва таърихӣ, мақолаҳои илмӣ ва маводи сомонаҳои интернетӣ (махсусан, омори

расмӣ), маводи шабакаҳои иҷтимоӣ ва дигар сарчашмаҳои иттилоотӣ баромад намуданд.

**Навгонии илмии таҳқиқот** бо натиҷаҳои дар раванди таҳқиқот ҳосилшуда муайян ва ба таври зерин мушаххас карда шудаанд:

1. Аввалин маротиба дар илми сотсиологияи ватанӣ камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ бо равиши сотсиологӣ мавриди омӯзишу баррасӣ қарор гирифта, назарияҳои классикӣ ва муосири сотсиологӣ дар бораи он таҳқиқ гардиданд. Муайян гардид, ки дар равишҳо ва назарияҳои сотсиологӣ камбизоатӣ ҳамчун мушкилии иҷтимоӣ бо меъёр ва нишондиҳандаҳои сатҳи таъминоти зиндагӣ, мисли дастрасӣ ба захираҳо, таҳсилот, шуғл, мансубияти гендерӣ, минтақавӣ ва ғайра арзёбӣ мегардад. Ошкор карда шуд, ки меъёрҳои муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ҷаҳон вобаста ба сатҳи рушди иқтисодии давлат, фарҳанг, тарзи зиндагӣ, рафтори истеъмолӣ ва мавқеи ҷуғрофӣ аз ҳамдигар тафовут доранд.

2. Маълум гардид, ки айни замон низоми табақабандии ҷомеаи Тоҷикистон ташаккул меёбад, аксарияти аҳолии Тоҷикистон зери таъсири хусусиятҳои фарҳангӣ ва ҳувияти миллӣ худро ба табақаи миёна мансуб медонанд. Дар раванди омӯзиш муайян шуд, ки ҳолати дастрасии кофӣ надоштани камбизоатон ба кори мувофиқ, таҳсилоти босифат ва хизматрасониҳои иҷтимоӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ ба сатҳи саводу тахассусмандӣ ва шуғландии онҳо таъсири манфӣ мерасонад.

3. Ошкор гардид, ки яке аз сабабҳои камбизоатии шаҳрвандони Тоҷикистон қолабҳои фикрии аз замони шуравӣ боқимонда аст (масалан, давлат бояд шаҳрвандонашро ба ҷойи кор таъмин намояд ё ҷомеа ба камбизоатон кумак расонанд). Дар байни аҳолии камбизоат як навъ рафтори муфтхӯрии иҷтимоӣ ташаккул ёфтааст, ки як нафар зиндагии як хонаводаро

таъмин менамояд. Ҷавонон пас аз хатми донишгоҳ мустақиман дар ҷустуҷӯйи кор намешаванд, ҳарчанд дар ташкилоту корхонаҳои ватанӣ ҷойҳои кории холӣ зиёданд. Тасдиқ карда шуд, ки маҳз интизорӣ ва умедвориҳои иҷтимоӣ аз таъминоти иҷтимоӣ ва иқтисодӣ муфтхӯрии иҷтимоӣ, вобастагии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳанги камбизоатиро ба вуҷуд оварда метавонанд.

4. Муайян карда шуд, ки пайдоишу густариши камбизоатӣ ҷанбаҳои гендерӣ низ дорад, зеро аксарияти оилаҳои Тоҷикистон бо сабаби устувории қолабҳои гендерӣ бештар ба худмуайянкунии касбии писарон таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд. Дар натиҷа, аксарияти занону духтарон бе касбу ҳунар монда, аз ҷиҳати иҷтимоӣ ва иқтисодӣ вобастаи мардон мегарданд. Баъзе аз занон пас аз қатъи ақди никоҳ ба вазъи мушкили зиндагӣ дучор гардида, ба камбизоатии мутлақ гирифтор мешаванд, зеро барои таъминоти зиндагии худ касбу ҳунари лозимаро надоранд.

5. Ошкор карда шуд, ки камбизоатии иҷтимоӣ ба шиддат гирифтани нобаробариҳои иҷтимоӣ, баста шудани роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоии амудии аҳолӣ ва афзудани сатҳи каҷрафтории иҷтимоӣ (махсусан, ҳуқуқвайронкунӣ, ҷинояткорӣ, гаравиши баъзе ҷавонон ба гурӯҳҳои экстремистию террористӣ) мусоидат намуда, ба тандурустии аҳолӣ таъсири манфӣ мерасонад. Собит гардид, ки бо сабаби камбизоатӣ раванди муътадили иҷтимоишавии аҳолӣ халалдор шуда, худмуайянкунии касбии шаҳрвандон мушкил мегардад ва хатари ташаккули «фарҳанги камбизоатӣ» меафзояд.

6. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти анҷомдодаи мутахассисони соҳа (махсусан, Г. Ганс) нишон дод, ки баъзе аз вазифаҳо ва фаъолиятҳои иҷтимоӣ (аз ҷумла, корҳои ба истилоҳ «сиёҳ», каммузд, хатарнок ва ба саломатӣ зарарнок)-ро танҳо камбизоатон ба анҷом мерасонанд ва барои дастгирии

онҳо ташкилоти ҷамъиятӣ (бо ҷойҳои нави корӣ) созмон меёбанд. Ҳамзамон, камбизоатҳо мизоҷони доимии соҳибкории хурду миёна мебошанд, шахсони сарватманд ва саховатпеша ба нафарони муҳтоҷ кумак расонида, сатҳи худбаҳодиҳии хешро баланд мебардоранд.

7. Ошкор гардид, ки то ҳол дар Тоҷикистон методикаи ягонаи бақайдгирии шахсони камбизоат вуҷуд надорад ва камбизоатӣ бо меъёрҳо ё нишондиҳандаҳои мухталиф муайян карда мешавад. Дар сурати ҳамкории зичи сохторҳо ва муассисаҳои давлатӣ шаҳрвандони камбизоат ба таври дақиқ ба қайд гирифта шуда, нисбаташон низоми чорабиниҳои давлатӣ татбиқ мегарданд.

8. Дар раванди таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон як қатор тавсияҳои илман асосноки амалишаванда пешниҳод карда шуданд. Аз ҷумла пешниҳод карда шуд, ки барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ бояд сатҳи худмуайянкунии касбӣ, тафаккури илмӣ ва саводи иқтисодию ҳуқуқии шаҳрвандони камбизоат баланд бардошта шавад. Ҳамзамон, бояд барои ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ, рушди неру ва сармояи инсонии афроди камбизоат шароити заруриро фароҳам овардан лозим аст. Барои ба соҳибкорӣ, тиҷорати интернетӣ ва умуман, кушодани кори шахсӣ ба камбизоатон кумакҳои молиявӣ ва машваратӣ расонида шаванд, аз ҳама муҳим, аз ҷониби мақомоти дахлдор раванди риоя ва иҷрои талаботи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» зери назорати қатъӣ қарор гирад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда:**

1. Камбизоатӣ мушкилоти ҷиддии ҷомеа буда, барои пешрафти шахсию касбӣ, худмуайянкунии иҷтимоӣ ва зиндагии шоистаю сазовори инсон монеа

мегардад. Ба андешаи мо, камбизоатӣ вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии оила ва шахсони алоҳидаро ифода намуда, ҳамон оила ва ё шахсе камбизоат ҳисобида мешавад, ки музди меҳнат ва ё даромади иқтисодии онҳо барои сатҳи муайяни зиндагии қобили қабул (ҳадди ақали зиндагӣ) ва қонеи талаботҳои моддию маънавии ҳадди камтарин кифоягӣ намекунад. Падидаи камбизоатӣ дар назарияҳо ва равишҳои гуногуни сотсиологӣ, мисли дарвинизми иҷтимоӣ, эгалитаризм, функсионализми сохторӣ, равияи оморӣ-сотсиологӣ ва порчафарҳанги камбизоатӣ таҳқиқ гардидааст. Агар намояндагони равиши дарвинизми иҷтимоӣ камбизоатиро ҳолати табиии ҷомеа ҳисобанд, пас дар равияи «эгалитаризм» он ба нобаробариҳои иҷтимоӣ ва истисмори синфӣ алоқаманд дониста шудааст. Намояндагони равияи функсионализми сохторӣ камбизоатии аҳолиро натиҷаи ноустувории низоми иҷтимоӣ номидаанд, аммо дар равияи оморӣ-сотсиологӣ он вобаста ба нишондиҳандаҳои иқтисодӣ ва иҷтимоӣ-демографӣ муайян карда мешавад. Дар равияи «порчафарҳанги камбизоатӣ» масъалаи камбизоатӣ ҳамчун фарҳанги шахсӣ ва оилавие арзёбӣ мегардад, ки аз як насл ба насли дигар гузашта метавонад.

2. Дар назарияҳо ва равишҳои сотсиологӣ ба сифати меъёри таснифоти камбизоатӣ сатҳи даромади иқтисодӣ, таъминоти моддӣ ва дараҷаи қонеъ гардидани талаботҳои иҷтимоии шаҳрвандон ба назар гирифта мешавад. Аз ҳама таснифоти маъмули камбизоатӣ ҷудо намудани камбизоатии мутлақ, нисбӣ ва субъективӣ мебошад, ки мувофиқи он дар ҳолати камбизоатии мутлақ шахс одитарин талаботҳои иҷтимоии хешро қонеъ гардонида наметавонад. Камбизоатии нисбӣ тавассути меъёрҳои муқаррарнамудаи давлат, ҳадди ақали зиндагӣ ё дигар нишондиҳандаҳои стандартӣ муайян карда мешавад. Камбизоатии субъективӣ бошад, ба худбаҳодиҳии фард алоқамандӣ дорад. Барои муайян кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз меъёр

ва нишондиҳандаҳои гуногун, мисли методи оморӣ, тафриқавӣ, деприватсионӣ, эвристикӣ (субъективӣ) ва ғайра истифода мешаванд, ки дар ҳар як давлат вобаста ба рушди иқтисодӣ аз ҳам фарқ менамоянд. Ҳоло дар аксарияти давлатҳои ҷаҳон сатҳи камбизоатии аҳолиро тавассути методи ҳадди ақали зиндагӣ (бо дар назардошти сабади истеъмолӣ) чен мекунанд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ (махсусан, тавсияи Бонки Ҷаҳонӣ) камбизоатӣ дар Тоҷикистон вобаста ба даромади пулии як аъзои оила дар як шабонарӯз дар се сатҳ чен карда мешавад: то 1,9 доллари ИМА (камбизоати мутлақ), то 2,5 доллари ИМА (камбизоатии нисбӣ), 4,3 доллари ИМА (ҳадди болоии камбизоатӣ). Дар шароити Тоҷикистон барои муайян намудани сатҳи камбизоатӣ бояд хароҷоти аҳолӣ ба назар гирифта шавад, чунки аксарияти шаҳрвандон даромади пулии воқеии худро нишон намедиҳанд.

3. Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки дар Тоҷикистон то ҳол низоми табақабандии иҷтимоӣ ба пуррагӣ шакл нагирифтааст ва камбизоатии баъзе аз оилаҳо ё шахсони алоҳида вобаста ба шакли хоҷагидорӣ (махсусан, дар соҳаи аграрӣ ва муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ) хусусияти мавсимӣ дорад. Ҳарчанд сатҳи камбизоатии аҳолӣ муайян шудааст (соли 2025 то ба 19,0%), аммо ҳиссаи табақаҳои дигари иҷтимоӣ дар низоми табақабандӣ дақиқ маълум нестанд. Дар Тоҷикистон сатҳи камбизоатии аҳолӣ вобаста ба мавзеи ҷуғрофӣ, маҳалли аҳолинишин, шакли фаъолият, шумораи фарзандон дар оила ва тарзи зиндагӣ тафовут дорад. Пайдоишу густариши зуҳуроти камбизоатии аҳолии Тоҷикистон ба як қатор омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ, махсусан, басуръат афзудани аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, рушди нокофии истеҳсолоти саноатӣ, бекорӣ, ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ набудани сатҳи тахассусмандии аксарияти

шаҳрвандон, хароҷотҳои бесамари аҳолӣ дар ҷашну маросим, саводи пасти молиявии аксарияти аҳолӣ, қолабҳои гендерӣ, серфарзандӣ ва ғайра алоқамандӣ дорад.

4. Камбизоатӣ зуҳуроти номатлуби иҷтимоӣ буда, ба раванди рушди устувори ҷомеа, ҷойивазкунии иҷтимоӣ, тарзи зиндагии солими аҳолӣ, таҳсилот ва тандурустии шаҳрвандон таъсири манфӣ мерасонад. Махсусан, афзудани сатҳи камбизоатӣ ва давомнокии он хатари ташаккули «фарҳанги камбизоатӣ» ва шаклгирии «порчафарҳанги камбизоатӣ»-ро ба миён меорад. Афзоиши каҷрафториҳои иҷтимоӣ, махсусан, ҳуқуқвайронкунии наврасону ҷавонон, бевосита ба зуҳуроти камбизоатӣ низ ҳамбастагӣ дорад. Хушбахтона, Ҳукумати Тоҷикистон тавассути таҳия ва татбиқ намудани низоми чорабиниҳои махсуси давлатӣ (махсусан, барномаҳо ва стратегияҳо) сатҳи камбизоатии аҳолии Тоҷикистонро хеле коҳиш дода тавонист. Аз назари мо, дақиқ муайян намудан ва бартарафсозии сабабҳои пайдоишу густариши камбизоатии аҳолӣ барои пешгирӣ ва коҳиши сатҳи он мусоидат менамояд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Натиҷа, хулоса ва тавсияҳои диссертатсияро барои таҳқиқи минбаъдаи масъалаи камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ, муайян намудани сабабҳои пайдоиш ва густариш, ошкорсозии оқибатҳои иҷтимоӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон васеъ истифода бурдан мумкин аст. Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ ва тавсияҳои диссертатсия барои фаъолияти самараноки мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва таҳкими низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқии самти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҷолиб буда метавонанд. Маводи таҳқиқоти диссертатсиониро мутахассисони соҳаи сотсиология ва дигар ҷомеашиносон дар фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ (навиштани

диссертатсияҳои номзадию докторӣ ва гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ) ва омӯзгории худ, махсусан, дар таълими фанҳои «Сотсиология», «Табақабандии иҷтимоӣ», «Тағйироти иҷтимоӣ», «Сотсиологияи шаҳру деҳот», «Сотсиологияи гурӯҳҳои иҷтимоӣ-демографӣ» ва дигар фанҳои иҷтимоӣ-гуманитарӣ истифода бурда метавонанд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ** аз мувофиқати методология ва методҳои илмии интихобшуда ба мақсад ва вазифаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, намояндагӣ (репрезентивӣ) будани интихобнома ва мониторинги натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, коркарду таҳлил ва тасвиби натиҷаҳои таҳқиқот, дақиқияти маълумот, кифоягии ҳаҷми маводи таҳқиқотӣ, маърузаҳо ва мақолаҳои нашрнамудаи муаллиф ҳувайдо мегардад. Хулоса ва тавсияҳои муаллиф дар асоси таҳлили илмии натиҷаҳои таҳқиқоти назариявӣ ва амалӣ пешниҳод карда шудаанд.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Диссертатсияи таҳияшуда таҳқиқоти илмӣ дар соҳаи сотсиология ба ҳисоб рафта, ба ихтисоси 6D050103 – Сохтори иҷтимоӣ, ниҳодҳо ва равандҳои иҷтимоӣ мувофиқат мекунад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ кори илмие мебошад, ки онро муаллиф мустақилона анҷом додааст. Дар таҳқиқот муаллиф масъалаи камбизоатиро ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, сабабҳои пайдоишу густариш ва оқибатҳои иҷтимоии онро таҳлил кардааст ва барои ҳалли масъалаҳои камбизоатӣ дар Тоҷикистон тавсияҳои илман асоснокро пешниҳод намудааст. Ғояҳо ва натиҷаҳои таҳқиқот бо дар назардошти натиҷаҳои назариявӣ, навгониҳои илмӣ, нуктаҳои асосии ба ҳимоя пешниҳодшаванда, хулоса ва тавсияҳои амалӣ дастоварди бевоситаи муаллифи диссертатсия мебошанд.

Корҳои илмии нашршуда ва маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳои илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ салоҳияти ӯро доир ба масъалаҳои баррасишаванда дар диссертатсия тасдиқ мекунанд. Ҳамзамон, тарзи навишт, масъалагузорӣ, хулосабарорӣ ва услуби диссертатсия саҳми шахсии муаллифи диссертатсияро нишон медиҳад.

Дар раванди омӯзишу таҳқиқи мавзуи диссертатсияи илмӣ муаллиф маводи зиёди илмӣ-назариявӣ ва таҳқиқотиро таҳлил кардааст. Муҳаққиқ шахсан дар таҳқиқоти сотсиологии аз ҷониби кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ва шуъбаи сотсиологияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон гузаронидашуда дар мавзуъҳои «Омӯзиши вазъият ва шароитҳои татбиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон» (2021), «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва фарҳангӣ дар Тоҷикистон» (2022) «Масъалаи камбизоатӣ дар Тоҷикистон» (2024) ширкат варзида, дар коркард ва таҳлили натиҷаҳои онҳо саҳми худро гузошта, дар навиштани диссертатсияи номзадии худ натиҷаҳои бадастомадаро бомаврид ва самаранок истифода бурдааст.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои диссертатсия.** Диссертатсия дар шуъбаи сотсиологияи Инситути фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон омода шуда, натиҷаҳои он дар маҷлиси шуъба муҳокима ва ба ҳимоя тавсия карда шудааст. Мундариҷаи асосӣ ва хулосаҳои таҳқиқоти илмӣ дар мақолаҳои илмӣ, инчунин, дар конференсияҳои илмӣ-назариявии сатҳи ҷумҳуриявӣ ва байналмилалӣ инъикос гардидаанд, аз ҷумла: конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Нақши маориф дар мубориза бар зидди экстремизми сиёсӣ ва терроризм» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 22 феврали соли

2022) дар мавзуи «Камбизоатӣ ҳамчун яке аз сабабҳои экстремизм»; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявӣ дар мавзуи «Шабакаҳои иҷтимоии интернетӣ ҳамчун таҳдиди воқеӣ ба амнияти миллӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 29 ноябри соли 2022) дар мавзуи «Соҳибкории шабакавӣ ҳамчун воситаи беҳтар гардонидани некуаҳволии аҳолии Тоҷикистон»; конференсияи ҷумҳуриявии илмию амалӣ дар мавзуи «Татбиқи сиёсати иҷтимоии давлат ва рушди неруи инсонӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бахшида ба 25 солагии Рӯзи Ваҳдати миллӣ (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 26 апрели соли 2022) дар мавзуи «Таъсири камбизоатӣ ба сифати неруи инсонӣ»; конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-амалӣ дар мавзуи «Сармояи инсонӣ ва ташаккули ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 майи соли 2023) дар мавзуи «Ташаккул додани сармояи инсонӣ яке аз роҳҳои қоҳиш додани сатҳи камбизоатӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон»; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Институти оила дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон ва нақши он дар рушди сармояи инсонӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 17 майи соли 2024) дар мавзуи «Мушкилоти иҷтимоии оилаҳои камбизоат дар Тоҷикистон: таҳлили сотсиологӣ»; конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ «Механизмҳои иҷтимоии ташаккули ҳувияти аҳолӣ ва рушди сармояи иҷтимоӣ» (Тоҷикистон, ш. Душанбе, 23 майи соли 2025) дар мавзуи «Камбизоатӣ ва интихоб: чи гуна маҳдудияти захираҳо рафтори истеъмолиро ташаккул медиҳанд» ва ғайра. Натиҷаҳои таҳқиқот дар кафедраи сотсиологияи факултети фалсафаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҳангоми таълими фанҳои «Табақабандии иҷтимоӣ» ва «Сотсиологияи гендерӣ» истифода шудаанд.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Аз рӯйи мавзуи диссертатсия муаллиф 1 монография, 12 мақолаи илмӣ чоп намудааст, ки аз онҳо 6 мақола дар маҷаллаҳои илмии тақризшавандаи Комиссияи Олии Аттестатсионии

назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Комиссияи олии аттестатсионии назди Вазорати илм ва таҳсилоти олии Федератсияи Россия ба нашр расидаанд ва пурра мазмуни диссертатсияро ифода менамоянд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз мундариҷа, номгӯйи ихтисораҳо, муқаддима, тавсифи умумии таҳқиқот, се боб ва 7 зербоб, хулоса ва тавсияҳо, рӯйхати адабиёт ва интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия иборат буда, 8 ҷадвал, 16 расм ва 211 саҳифаро дар бар мегирад.

# БОБИ 1. АСОСҲОИ НАЗАРИЯВӢ-МЕТОДОЛОГӢ ВА МЕТОДИИ ОМӮЗИШИ МАСЪАЛАИ КАМБИЗОАТӢ ҲАМЧУН ЗУҲУРОТИ ИҶТИМОИИ ҶОМЕА

## 1.1. Ҷанбаҳои назариявӣ-методологии таҳқиқу омӯзиши масъалаи камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоӣ

Камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоию иқтисодӣ дар тамоми марҳилаҳои таърихии тараққиёти ҷомеа вуҷуд дошт ва бо пешрафти илму техника ва технологияҳои иртиботӣ, рушди истеҳсолоти саноатӣ ва кишоварзӣ, афзудани даромаду хароҷоти молиявии аҳолӣ фосилаи байни сарватмандону камбизоатон зиёд гардида, зиддияту бархӯрди табақаҳои иҷтимоии ҷомеаро таҳрик медиҳад. Маҳз камбизоатии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол арзишҳои иҷтимоии аҳолиро тағйир дода, ташаккули неру ва сармояи иҷтимоиро боз медорад, инчунин, ба рушди устувори ҷомеа монеа мегардад.

Дар моддаи 1 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ», чунин навишта шудааст: «шаҳрвандон (оилаҳо)-и камбизоат оилаҳое (шаҳрвандони яккаву танҳо), ки бо сабабҳои аз онҳо новобаста, даромади миёнаи сарикасии онҳо аз андозаи ҳадди ақали зиндагӣ паст мебошад» [4]. Мувофиқи муқаррароти ин Қонун даромади миёнаи сарикасии оила андозаи миёнаи моҳонаи даромади умумии ба ҳар як узви оила тақсимшуда аст.

Ҳадди камбизоатӣ нишондиҳандаи сатҳи даромад ба ҳисоб меравад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи инсон зарур буда, бо дар назардошти имконияти иқтисодии Тоҷикистон муқаррар мегардад. Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи стандартҳои иҷтимоии давлатӣ» мафҳуми «сатҳи зиндагӣ» чунин ифода ёфтааст: «сатҳи зиндагӣ – маҷмуи неъматҳо ва

хизматрасониҳои моддию маънавӣ, ки талаботи ҳаётан муҳимми одамонро қонеъ менамояд» [2].

Дар сотсиология ва дигар илмҳои ҷомеашиносӣ мафҳуми «камбизоатӣ» гуногун шарҳ дода шудааст, аммо дар ҳамаи таърифҳои он як умумияти фикрӣ дида мешавад ва он ҳам бошад ба вазъи иқтисодии шахс ҳамбастагӣ дорад. Зуҳуроти камбизоатӣ дар норасоии шаддиди молу маҳсулот ва маблағ аст, ки барои нигоҳ доштани сатҳи муайяни зиндагии қобили қабул монеа мегардад ва дар натиҷа шахс мунтазам эҳсоси муҳтоҷӣ намуда, бо неруи худ талаботи моддӣ ва маънавиашро қонеъ гардонида наметавонад.

Аз давраҳои қадим олимон ва мутафаккирон доир ба масъалаҳои табақабандӣ, нобаробарӣ ва камбизоатӣ назари худро баён менамуданд. Донишмандон ва ҷомеашиносон вобаста ба асосҳо ва омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, сиёсӣ ва иқтисодӣ мафҳуми «камбизоатӣ»-ро шарҳ дода, тасниф намудаанд. Ба масъалаи нобаробарии иҷтимоӣ ва камбизоатии аҳолӣ ҳанӯз файласуфи Юнони Қадим Арасту чунин ишора намуда буд: «Ҳамаи давлатҳо аз оилаҳо таркиб ёфтаанд, баъдан, ин оилаҳо ба сарватмандон, дигарон ба камбизоатон, сеюм ба оилаҳои дорои таъминоти миёна ҷудо мешаванд» [9, с. 490].

Ба андешаи Арасту, одамони одӣ, ки шаҳрванди давлат эътироф намегарданд, дар навбати худ ба заминдорон, тоҷирон ва ҳунармандон ҷудо мешаванд. Мутафаккир натиҷаҳои фаъолиятеро, ки одамони одӣ машғул мегарданд, камарзиш ва ивазшаванда номида, онҳоро ба табақаи муҳтоҷу камбизоат ворид намудааст. Ӯ камбизоатиро «сарчашмаи норозигӣ ва ҷиноят» [9, с. 417] шуморида, афзоиши шумораи аҳолӣ ва маҳдудияти захираҳои таббииро омили зиёдшавии камбизоатӣ арзёбӣ намудааст, ки бо болоравии норозигии аҳолӣ ва афзоиши сатҳи ҷинояткорӣ, аз қабили

ғоратгарӣ, дуздӣ, куштор ва ғайра бурда мерасонад. Аз ҳамин сабаб, Арасту камбизоатиро дар баробари дигар масъалаҳои иҷтимоии ҷомеа бадӣ ҳисобида, чунин навиштааст: «Мо аз ҳар гуна бадӣ меҳаросем, масалан, бадномӣ, камбизоатӣ, бадбинӣ, марг... » [9, с. 108].

Арасту ба масъалаи нақши табақаҳои иҷтимоӣ дар мавҷудияти ҷомеа сухан ронда, қайд кардааст, ки фоидаю манфиати камбизоатон ба ҷомеа хело ночиз аст, онҳо дар зиндагӣ мақсадҳои мушахассу бузург надоранд ва пайваста дар ҷустуҷӯйи ҳаловати яклаҳзаина мебошанд. Маҳз чунин рафтор ва андешаҳо онҳоро ба ҳоли камбизоатӣ оварда расонидаанд: «... онҳо маблағро ба осонӣ харҷ намуда, барои вақтгузаронии ношоиста сарф менамоянд, дар зиндагӣ мақсади хуб надошта, ба сӯйи фароғат майл мекунанд» [9, с. 125].

Таълимоти иҷтимоӣ ва сиёсии Арасту ба ҷаҳонбинӣ ва эҷодиёти мутафаккирони асримиёнагии форсу тоҷик таъсири назаррас расонидааст. Яке аз бузургтарин ҷомеашиносони асримиёнагии форсу тоҷик А. Форобӣ (873-950) аз таълимоти иҷтимоии Арасту илҳом гирифта, назарияи хешро пешниҳод кардааст. Мувофиқи ақидаи А. Форобӣ, ҷомеаи инсонӣ ба мадинаи фозила ва ҷоҳила ҷудо мегардад. Дар мадинаи форзила одамони илмдӯст, инсондӯст ва хушахлоқ зиндагӣ мекунанд, аммо аҳолии мадинаи ҷоҳила гумроҳу бадахлоқ ва камбизоату нодор мебошанд.

А. Форобӣ хусусиятҳои ҷомеаи асримиёнагии замони худро, ки ченаки шаъну шарафи инсонӣ боигарӣ буд, ноадолатиҳои иҷтимоӣ ба авҷи худ расида, аксарияти мардум дар ҳоли камбизоатӣ зиндагӣ мекарданд, имконияти таҳсил кардан ва равнақи неруи зеҳнии хешро надоштанд, дар мадинаи ҷоҳила тасвир намудааст [7, с. 32]. Мутафаккир одамони гумроҳу бадахлоқи мадинаи ҷоҳиларо «мисли хасра дар гандум, хор дар киштзор ё

алафҳои бегона дар киштзор» [8, с. 137] номидааст. Ба андешаи А. Форобӣ, маҳз низоми давлатдорӣ ва сохтори ҷомеа одамонро ба қишрҳо ҷудо карда, тарзи зиндагӣ ва табақаи онҳоро муайян месозад.

Масъалаҳои табақабандии иҷтимоӣ ва зуҳуроти камбизоатӣ дар таълимоти иҷтимоии донишманди дигари асримиёнагии форсу тоҷик Абӯалӣ ибни Сино (980-1037) мавриди таҳқиқу баррасӣ қарор гирифтаанд. Мутафаккир табақаҳои иҷтимоӣ ва мавҷудияти нобаробарии иҷтимоиро ба хусусияти табиати инсон вобаста донистааст ва ба андешаи ӯ, одамон аз ҷиҳати вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва тарзи тафаккур нобаробар офарида шудаанд, бинобар ин, баробар гузоштани одамон ва аз байн бурдани табақаҳои иҷтимоӣ боиси таназзули ҷомеа ва нобудшавии насли инсонӣ мегардад.

А. Сино дар мавриди зарурати вуҷуд доштани нобаробарии иҷтимоӣ ва табақаи аҳолии камбизоат навишта буд: «Хирадмандон медонанд, ки агар ҳамаи мардум подшоҳу шаҳриёр бишаванд, ҳамагӣ аз байн меравананд. Ва агар ҳамаашон ранҷбару коргар ва тобею раият бишаванд, подшоҳу султоне дар байн набошад, ҷумлагӣ фонӣ ва ҳалок мешаванд. Ҳамчунон ки агар ҳамагӣ дар тавонгарӣ ва сарват мусовӣ ва баробар бо якдигар бишаванд, касе барои касе кор намекунад ва атову муованати дӯст аз дӯст мунқатеъ мегардад. Ва агар ҳамагӣ фақиру муҳтоҷ бошанд, аз фақру фалокат ва бечорагӣ ҷон месупоранд. Пас, тафовути аҳвол ва ихтилофи иқтидор сабаби бақои зиндагии одамизодагон мебошад» [115].

Дар бораи камбизоатӣ назари донишманди асримиёнагии форсу тоҷик М. Ғаззолӣ (1058-1111) низ хело ҷолиби диққат аст. Мутафаккир дар асари машҳури худ «Кимёи саодат» аҳолиро ба ҳашт табақа тақсим намуда, ду табақаи аввали онро ба гурӯҳҳои муҳтоҷи аҳолӣ ворид кардааст. Ба андешаи

олим, ба табақаи аввал онҳое мансубанд, ки молу мулк ва касб надошта, фақир шуморида мешаванд. М. Ғаззолӣ дар ин маврид чунин нигошта буд: «Табақаи аввал – фақир аст. Ва ин касе бувад, ки ҳеч чиз надорад ва ҳеҷ касб натавонад кард. Агар қутти рӯз тамом дорад ва ҷомаи тан тамом дорад, фақир набувад ва агар қутти рӯз як рӯз ва як нима беш надорад, вале пироҳан дорад, бе дастор (салла, рӯймол, миёнбанд) ё дастор дорад, бе пироҳан дарвеш бувад. Ва агар касб ва олат тавонад кард ва ҳеҷ олат надорад, дарвеш бувад» [12, с. 157].

М. Ғаззолӣ ба табақаи дуюм мискину нодоронро дохил намудааст, ки онҳо талаботи муҳимтарини худро ба таври пурра қонеъ гардонида наметавонанд ва хароҷоти зарурии рӯзмарраашон аз даромадашон зиёдтар аст. «Табақаи дуввум – мискин аст. Ва ҳар киро харҷи муҳим аз дахл беш бувад, ӯ мискин бошад ва агарчи сарой ва ҷома дорад, валекин кифояти яксола надорад ва касби ӯ бад-он вафо накунад, раво бувад, ки чандоне бад-ӯ диҳанд, ки кифояти соле тамом шавад; фарш ва хануриа кутаб дорад, чун бад-он муҳтоҷ бувад, мискин бувад ва агар зиёдат аз ҳоҷат дорад, мискин набувад» [12, с. 157]. Ба андешаи мутафаккир, ба ин қишри аҳолӣ ҳамон нафаронеро ворид кардан мумкин аст, ки касби онҳо даромади устувор надорад, масалан деҳқонон. Вобаста аз иқлим, обу ҳаво ва дигар омилҳои берунӣ деҳқон ҳар лаҳза аз маводи зиндагӣ маҳрум шуда метавонад, яъне касби ӯ кафолати даромади доимиро дода наметавонад.

Дар навбати худ мутафаккир фақиронро вобаста ба рафтор ба се гурӯҳ ҷудо намудааст. Аввал нафароне ҳастанд, ки нодоранд ва бо воситаи талбандагӣ зиндагонии хешро пеш мебаранд. Дуввум, нафароне, ки нодоранд, аммо талбандагӣ намекунанд ва садақаи дигаронро ҳам қабул надоранд. Сеюм, одамоне ҳастанд, ки талбандагӣ намекунанд, аммо

садақаҳои пешниҳодшударо қабул доранд. М. Ғаззолӣ дар ин маврид худ чунин назар доштааст: «Фақирро се ҳолат бувад: яке он ки мол надорад, валекин чандон ки тавонад талаб мекунад ва инро фақири ҳарис мегӯянд; дуввум – он ки талаб накунад ва агар ба вай диҳанд, наситонад ва онро кореҳ бошад ва инро зоҳид гӯянд ва саввум он ки на талаб кунад на рад кунад агар бидиҳад, биситонад ва агар на хурсанд бувад, инро фақири қонеъ гӯянд» [12, с. 674].

Дигар мутаффакирони асримиёнагии форсу тоҷик ҳарчанд ба таснифоти табақабандии ҷомеа диққат надода бошанд ҳам, аммо дар асарҳо, қасидаю ғазалҳо, рубоёт ва байтҳои худ вазъи фоҷиабори зиндагии аҳолии нодору камбизоати замонаашонро ба риштаи тасвир кашидаанд. Масалан, яке аз шоирони шинохтаи форсу тоҷик С. Насафӣ (1637-1711) дар ғазалҳои худ вазъи мушкили иҷтимоии аҳолии камбизоати замонаи худро инъикос намуда, афзудани сатҳи ҷинояткорӣ ва дигар намудҳои каҷрафториро ба вазъи ногувори сиёсӣ ва иқтисодии ҷомеа марбут донистааст.

С. Насафӣ аз мутафаккиронест, ки мушкил будани зиндагии камбизоатонаро аз ҳаёти худ таҷриба кардааст. Ӯ зиндагии худро аз даромади пешаи бофандагӣ пеш мебурд ва ҳолати зиндагии камбизоатонаашро дар асари «Шаҳрошуб»-и хеш тасвир кардааст. Аз навиштаҳои шоир маълум мегардад, ки дар он давра ҳунармандон ба гурӯҳи нодору камбизоатӣ ҷомеа дохил мешудаанд ва бо вуҷуди меҳнати зиёди шабонарӯзии ҷисмонӣ музди ночиз ба даст меоварданд. Адиб бо шарҳи сатҳи зиндагии худ вазъи тамоми давлатро баҳо додааст.

Пайдоиши равияҳои асосии омӯзиши падидаи камбизоатӣ аз ибтидои асри XVIII то нимаи аввали асри XIX рост меояд, ки чунин тасниф шудаанд:

– дарвинизми иҷтимоӣ (Т. Малтус, П.Ж. Прудон, Г. Спенсер, Ф. Гиддингс ва дигарон);
– эгалитаризм (К. Маркс, Ф. Энгелс, Э. Реклю ва дигарон);
– функсионализми сохторӣ (Т. Парсонс, Л. Уорнер, К. Дэвис, У. Мур ва дигарон);
– оморӣ-сотсиологӣ (Ф. Ле Пле, Ч. Бут, С. Раунтри ва дигарон);
– порчафарҳанги камбизоатӣ (О. Люис, М. Харингтон, Г. Ганс, В. Вилсон, К. Кларк, В. Миллер ва дигарон).

Дар нимаи асри XIX зери таъсири назарияҳои Ч. Дарвин (1809-1882) оид ба интихоби табиӣ дар илмҳои ҷомеашиносӣ равияи дарвинизми иҷтимоӣ пайдо гардид. Тарафдорони ин равия дар он андеша буданд, ки камбизоатӣ ҳолати табиии ҷомеа буда, кӯшиши бартарафсозии он дахл кардан ба раванди табиист.

Демограф ва иқтисодчии англис Т. Малтус (1766-1834) камбизоатиро ҳамчун ҳолати табиии рушди ҷомеа арзёбӣ намуда, сабабҳои асосии онро дар афзоиши аз ҳад зиёди аҳолӣ ва маҳдуд будани захираҳо дидааст. Ба андешаи ӯ, ҷомеа миқдори муайяни захираҳоро доро буда, дар ҳолати зиёд шудани аҳолӣ, табиат бо ҳар гуна роҳҳо шумораи одамонро кам мекунад. Эпидемия, гуруснагӣ ва ҷанг барои кам кардани аҳолии ҷомеа заруранд [63, с. 10]. Т. Малтус камбизоатиро зуҳуроти муътадили иҷтимоӣ дониста, аз тарафи давлат дастгирӣ ёфтани камбизоатонро амали нодуруст ва зиддитабиӣ ҳисобида, чунин навиштааст: «Агар шахсони камбизоат пурра аз тарафи ҳукумат дастгирӣ ва таъмин гарданд, шумораи онҳо сол аз сол мефзоянд» [21, с. 68]. Яъне ҳар як кас бояд худ кӯшиш кунад, ки сатҳи зиндагиашро беҳтар гардонида, аз камбизоатӣ раҳо ёбад. Дар ин ҳолат, дар ҷомеа интихоби табиӣ

пайдо гардида, шумораи аҳолӣ кам мегардад ва ҳамзамон, сатҳи камбизоатӣ коҳиш меёбад.

Дигар олиме, ки ба ҷиҳати мусбати камбизоатӣ ишора намудааст, сиёсатшинос ва иқтисодшиноси франсавӣ П.Ж. Прудон (1809-1865) буд. Ба андешаи ӯ «камбизоатӣ принсипи тартиботи ҷамъиятӣ ва ягона хушбахтии заминии мост» [27, с. 207]. Ба ақидаи донишманд, камбизоатӣ қонуни табиат буда, одамонро ба истеҳсолот водор месозад, аммо бар ивази меҳнат танҳо чизҳои ҳаётан муҳимро барои зинда мондан пешниҳод менамояд. Ӯ «камбизоатӣ» гуфта, ҳолатеро тасвир кардааст, ки шахс пайваста ба меҳнат ва истеҳсол машғул гардида, худ ва оиларо бо маҳсулоти ҳаётан муҳим таъмин менамояд: «Дар ягон халқ қувваи истеҳсолӣ бо қувваи истеъмолӣ баробар нахоҳад шуд ва аз сабаби он ки тақсимоти маҳсулоти истеҳсолӣ, истеҳсол ва истеъмоли онҳо бештар нодуруст аст, аз ин бармеояд, ки ноосудаҳолӣ доимӣ мешавад; ҷомеа зоҳиран сарватманд буда, дар асл камбизоат аст, бо ибораи дигар, ҳама аз камбизоатӣ азият мекашанд: соҳибмулк аз ҳисоби иҷора зиндагӣ менамояд, коргарон танҳо бо меҳнати дастони худ зиндагиашонро пеш мебаранд» [27, с. 204].

Яке аз поягузорони равияи дарвинизми иҷтимоӣ сотсиологи англис Г. Спенсер (1802-1903) назари худро дар китобаш «Статикаи иҷтимоӣ» изҳор кардааст. Мутафаккир таъкид кардааст, ки ба ҳама шароити мусоид ва баробар фароҳам овардан уҳдадории давлат мебошад, аммо истифода аз имконият ба кӯшишу талош ва қобилияти ҳар як шахс вобаста аст. Сотсиолог дар ин бора чунин навиштааст: «Аз ду шахсият яке самаранок аз фаъолияти озод истифода бурда, қаноатмандии хостаашро дарёфт карда, захира ба даст оварда метавонад. Шахси дигар бошад, новобаста аз баробарии имконият ба мақсадҳои худ ноил намегардад. Натиҷаҳои фаъолияти ин одамон, умуман, ба

давлат тааллуқ надорад» [33, с. 311]. Дар ин ҷо принсипи интихоби табиӣ кор мекунад, ки шахси фаъолтар захираҳои бештарро ба даст меорад.

Ба ақидаи Г. Спенсер, ҳар як аъзои ҷомеа худ барои некуаҳволиаш ҷавобгар буда, барои бартарафсозии камбизоатӣ ва беҳтар кардани сатҳу сифати зиндагиаш уҳдадор аст. Ӯ чунин навиштааст: «Ба андешаи дуредгар ҳукумат вазифадор аст, ки ӯро бо ҷои кор таъмин намояд, аммо ҳукумат ин ҳокимият нест. Ҳукумат мақомоти ваколатдорест, ки муваққатан иҷрокунандаи вазифаи идоракуниро ба зимма гирифтааст. Ҳукуматро аъзоёни ҷомеа интихоб менамоянд, яъне идоракунандаи асосии ҷомеа худи аҳолӣ буда, дуредгар ҳамчун аъзои ҷомеа низ идоракунандаи ҷомеа мебошад. Дуредгар чун аъзои ҷомеа аз як тараф вазифадор аст, ки худро бо ҷои кор таъмин намояд ва аз тарафи дигар, бояд ба дигар аъзоёни ҷомеа барои ба кортаъминкунӣ кумак расонад» [33, с. 313].

Дар масъалаи камбизоатии аҳолӣ низ Г. Спенсер дар доираи назарияи дарвинизми иҷтимоӣ фикрҳои худро баён намуда, ба ин ақида будааст, ки дар камбизоат гардидани шахс на давлат, балки худи шахс гунаҳгор аст, зеро давлат барои зиндагии шоистаи ҳар як шаҳрванд шароити заруриро муҳаё менамояд, аммо аз ин шароиту имконият ҳар як нафар мувофиқи қобилияту фаъолнокии хеш истифода мебарад ва барои дастгирии шахсоне, ки мубориза бурда наметавонанд, сарф кардани захираҳои маҳдудро рафтори нодуруст шуморидааст.

Яке аз намояндагони сотсиологияи классикӣ Э. Дюргейм (1858-1917) дар китоби машҳури худ «Худкушӣ» камбизоатиро омили боз доштани одамон аз худкушӣ номидааст: «Боигарӣ ба мо имкон медиҳад, ки дар муқобилият ғолиб шавем. Ҳар қадаре ки хоҳишҳои инсон кам маҳдуд бошад, маҳдудият барои ӯ ҳамон қадар душвортар мегардад. Аз ин рӯ, бесабаб нест,

ки дар бисёре аз таълимоти динӣ манфиат ва арзиши ахлоқии фақрро ситоиш кардаанд; охирин мактаби беҳтаринест, ки шахс худдорӣ карданро меомӯзад» [17, с. 179]. Аз ин гуфтаҳо бармеояд, ки Э. Дюргейм ба масъалаи камбизоатӣ назари мусбат дошта, онро воситаи зуд руҳафтода нагардидани шахс аз мушкилиҳои зиндагӣ ва ба маҳдудиятҳо тоб овардан донистааст.

Намояндаи дигари сотсиологияи классикӣ М. Вебер (1864-1920) низ ба масъалаи камбизоати таваҷҷуҳ зоҳир намуда, онро ба беморӣ ташбеҳ дода, натиҷаи танбалии инсон ва гуноҳи бефаъолиятӣ шуморидааст: «камбизоатӣ худ ба худ ҳамчун аломати танбалии гуноҳӣ дида мешавад... Хоҳиши камбизоат будан ба хоҳиши бемор будан баробар аст» [11, с. 191]. Новобаста ба ин, аз таҳлили асари илмии М. Вебер «Этикаи протестантӣ ва руҳи капиталистӣ» маълум мегардад, ки дар он давра мақомоти давлатӣ барои кумак ба камбизоатон ва дарёфти ҷои кор барои бекорон ба таври бонизом чорабиниҳо зери шиори «садақа – на ғамхорӣ» [11, с. 257] баргузор мегардидааст.

Дар равияи «эгалитаризм» камбизоатӣ бевосита бо хусусиятҳои сармоядории воситаи истеҳсолот ва вобастагии меҳнаткашон аз сармоядорон алоқаманд дониста шудааст. Мувофиқи таълимоти намояндагони ин равия, тақсимоти синфӣ вобаста аз мақоми ишғолшаванда дар низоми истеҳсолоти ҷамъиятӣ сабаби асосии камбизоатӣ ба шумор меравад [51, с. 58]. Олимони шинохтае, ки ин равияро тарафдорӣ менамуданд, К. Маркс, Ф. Энгелс, Э. Реклю ва дигарон буданд.

Дар таълимоти файласуфи олмонӣ К. Маркс (1818-1883) камбизоатиро натиҷаи рушди муносибатҳои сармоядорӣ шарҳ дода, онро ба афзоиши сармояи табақаи сарватманд муқобил мегузорад. Ба андешаи донишманд, воситаи истеҳсолот сарчашмаи асосии ҳокимияти иқтисодии ҷомеа буда,

мансубияти синфии фард ба воситаи мақоми иҷтимоӣ, дастрасӣ ба захираҳо ва тарзи зиндагӣ муайян мегардад [58, с. 128]. Ба андешаи К. Маркс, камбизоатӣ мушкилии иҷтимоист, ки бояд ҳал шавад ва донишманд сабаби камбизоатиро ба воситаи истеҳсолот дастрасӣ надоштани як қисми аҳолӣ ва аз тарафи истеҳсолкунандагон истисмор гаштани онҳо алоқаманд медонист, зеро коргарон меҳнати худро фурӯхта, танҳо талаботи одитарини худро қонеъ гардонида метавонанд. Мутафаккир муътақид будааст, ки бепарвоӣ нисбат ба масъалаи камбизоатӣ ҷомеаро ба ду қисми нобаробар тақсим намуда, як гурӯҳи одамон дорои ҳама захираҳо гардида, аксарияти аҳолӣ камбизоат мегарданд.

Дар баробари К. Маркс, файласуфи дигари олмонӣ Ф. Энгелс (1820-1895) низ сабаби камбизоатиро дар сохти сармоядории ҷомеа медид, ки дар чунин сохтор синфи коргар аз ҳама мақоми пасттарини ҷомеаро ишғол менамояд: «коргарон ҳеҷ чиз надоранд, ғайр аз дастони худ, имрӯз чизҳои дирӯз кор кардаро истеъмол карда, аз шумораи зиёди ҳолатҳои эҳтимолӣ вобастаанд, аз ҳама намуди воситаи барои қонеъ гардонидани талаботи одитарини худ маҳруманд, чунки ҳар як буҳрон, ҳар як хоҳиши соҳибмулк онҳоро аз нони хӯрданӣ маҳрум карда метавонад» [44, с. 349].

Ф. Энгелс ғуломон, деҳқонон ва коргаронро бо ҳам муқоиса намуда, ба хулосае расидааст, ки дар ҷомеа коргарон нисбат ба дигар синфҳои иҷтимоӣ шароити вазнинтар доранд, зеро ғуломон аз ҷониби заминдорон таъмин мешуданд ва дар онҳо эҳтимолияти гуруснагӣ кашидан камтар буд, деҳқонон рӯзгори худро аз ҳисоби заминдорӣ пеш бурда метавонистанд, аммо коргарон аз шароити беруна пурра вобастагӣ дошта, дорои имконоти маҳдуд буданд. Мутафаккир таъкид кардааст, ки хайрияҳо ва қабули қонун дар бораи ҳифзи

иҷтимоии камбизоатон ба бисёре аз бенавоён барои давом додани мавҷудияташон кумак расонида метавонанд.

Намояндаи дигари равияи эгалитарӣ, ҷуғрофидон ва таърихчии франсавӣ Э. Реклю (1830-1905) мебошад, ки дар асари худ «Сарватмандӣ ва камбизоатӣ» дар бораи камбизоатӣ чунин навиштааст: «Барои қонеъ гардонидани талаботи шахси муосир маҳсулоти истеъмолӣ аз шумораи зарурӣ ду баробар ва маҳсулоти фабрикавӣ се баробар зиёдтар мавҷуд аст. Ҳамин тавр, инсоният барои истеъмол ва таъминоти худ маҳсулоти барзиёдро дорост, аммо агар миллион нафарон дар камбизоатӣ зиндагӣ намоянд, пас ин аз тартиботи даҳшатовари ҷомеаи муосир вобаста аст» [28, с. 3].

Ба андешаи Э. Реклю, ҷомеа ҳама захираҳои заруриеро дорад, ки аҳолиро таъмин намояд, аммо низом ва сохтори ҷомеа сабаб мешавад, ки як қисми одамон аз ҳад сарватманд гашта, қисми дигар ҳатто зиндагии худро таъмин карда наметавонад. Донишманд камбизоатиро аз фақирӣ ҷудо намуда, шахсонеро, ки танҳо талаботи асосии худро қонеъ карда метавонанд, камбизоат номидааст. Роҳи бартарафсозии камбизоатиро донишманд дар тақсимоти баробари маҳсулоти деҳқонӣ ва истеҳсолии ҳама қишрҳои ҷомеа медонист [95, с. 143].

Асосгузори равияи функсионализми сохторӣ, сотсиологи амрикоӣ Т. Парсонс (1902-1979) мавҷудияти камбизоатиро нишонае аз зарурияти тағйири низоми ҷомеа номидааст. Ба андешаи ӯ, агар дар ҷомеа сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ ва камбизоатӣ афзоиш ёбад, пас бояд аввал сохтори ҷомеа тағйир дода шавад. Мутафаккир дар китоби худ «Низомҳои ҷомеаи муосир» дар ин бора чунин навиштааст: «Ду нуқтаҳои ба ҳамдигар тақвиятдиҳанда: нажод ва камбизоатӣ мавҷуданд, ки ба зарурати сохтори нав ишора мекунанд» [26, с. 125].

Т. Парсонс сабаби нобаробарии аз ҳад зиёди иҷтимоиро дар ҳокимияти мутлақи аристократӣ дидааст ва барои бартарафсозии он пешниҳод кардааст, ки ба ҳамаи аъзоёни ҷомеа барои рақобати рушди шахсӣ имконоти расмӣ ва воқеӣ фароҳам оварда шаванд. Шахсоне, ки бо сабабҳои табиӣ ва объективӣ дар рақобат ширкат варзида ё тоб оварда наметавонанд, камбизоат мегарданд. Донишманд камбизоатонро дар баробари кӯдакон ва пиронсолон ба гурӯҳи махсуси эҳтиёҷманди аҳолӣ дохил намудааст, ки доимо ба дастгирӣ ва имтиёзҳо ниёз доранд: «ҳар гуна имтиёзҳо ба нафароне пешниҳод мегардад, ки чун кӯдакон бо сабабҳои табиӣ дар рақобат иштирок карда наметавонанд, чун камбизоатони камсавод, ки ба хоҳиши худ азият мекашанд ва барои он ки рақобат кунанд, онҳо бояд «кумак» гиранд ва чун одамони пиронсол ба дастгирӣ ниёз доранд» [26, с. 114].

Сотсиологи дигари амрикоӣ Р. Мертон (1910-2003) камбизоатиро падидаи иҷтимоие номидааст, ки бо дигар зуҳуроти иҷтимоию фарҳангӣ ҳамбастагӣ дошта, дар шаклҳои мухталиф зоҳир мегардад. Донишманд пайдо намудани ҳалли масъалаи камбизоатиро дар баробари дигар мушкилоти иҷтимоӣ ба сотсиологҳо вогузор намудааст: «Аз сабаби он ки ҷанг, истисмор, камбизоатӣ, тафриқабандии нажодӣ, ноамнии равонӣ – захмҳои ҷомеаи муосир мебошанд, сотсиология бояд мавҷудияти худро исбот намуда, ҳалли ин масъалаҳоро пайдо кунад» [22, с. 77].

Р. Мертон яке аз сабабҳои камбизоатии шахсро дар касби ишғолкардааш медид, зеро дар ҳама давра ва ҳар ҷомеа касбҳое мавҷуданд, ки шахсони алоҳида онҳоро вобаста ба қобилияти худ нисбат ба дигарон беҳтар аз худ менамоянд ва даромади бештар ба даст меоранд: «мутахассисон дар ҷомеа нисбат ба «кандакорон ва обкашон»-и ҳунарманд арзиши бештар доранд» [22, с. 619]. Аз сабаби он ки фаъолияти як қисми аҳолӣ ба таври

зарурӣ қадрдонӣ намешавад ва барои онҳо дар бозори меҳнат шароити номусоиди рақобатнокӣ ба вуҷуд меояд, онҳо новобаста аз соҳибкасб будан ва хуб донистани соҳа дар фаъолият бо дигарон рақобат карда наметавонанд ва ба камбизоат табдил меёбанд.

Таълимоти Р. Мертонро дигар намояндагони равияи функсионализми сохторӣ К. Дэвис ва У. Мур дастгирӣ намуда, ба ин назар ҳастанд, ки дар сохтори ҷомеа баъзе аз мақомҳо аз аҳаммияти бештар бархӯрдоранд, аз соҳибони ин мақомҳо дониш, малака ва заковати махсусро талаб менамоянд ва барои ҳавасманд намудани онҳо ҷомеа мукофоти бештарро пешкаш мекунад. Ҳатто агар мақом дар ҷомеа нақши калон дошта бошад ҳам, аммо ба осонӣ ишғол шавад, пас соҳибони ин мақом мукофотонида намешаванд, ки дар натиҷа низоми табақабандии иҷтимоӣ ба миён меояд: «Мавқеъҳое, ки нисбатан аҳаммияти камтар доранд, бо мавқеи зарурӣ рақобат карда наметавонанд» [142, с. 243]. Аз сабаби рақобатнопазирӣ, яъне надоштани донишу малакаи зарурӣ як қисми ҷомеа ба синфи камбизоатон дохил мешаванд, ки онҳо низ мақоми барои ҷомеа зарурӣ, аммо пастро ишғол менамоянд.

Намояндагони равияи оморӣ-сотсиологӣ камбизоатиро беморие мешумориданд, ки онро танҳо ба воситаи ислоҳот бартараф намудан зарур аст [96, с. 184]. Тафовути равияи оморӣ-сотсиологӣ аз дигар назарияҳо дар он зоҳир мегардад, ки намояндагони он масъалаи камбизоатиро дар асоси маълумоти оморӣ омӯхтаанд.

Дар ин самт нақши яке аз намояндагони шинохтаи ин равия, сотсиологи франсавӣ Ле Пле Фредерик (1806-1882) хеле назаррас аст. Ӯ нишондиҳандаҳои гуногун, ба монанди маълумоти иҷтимоӣ-демографиро ба инобат гирифта, вазъи оилаҳоро бо ҳам муқоиса намудааст. Мутафаккир ислоҳотро асоси ҳама

гуна тағйирот шуморида, ин мафҳумро чунин шарҳ додааст: «Ислоҳот як ҳаракати иҷтимоии ҷомеаи харобшуда буда, аз тарафи одамоне амалӣ мешавад, ки ба некӣ вафодор буда, бар зидди ифротгароии ахлоқии синфҳои ҳукумрон мубориза мебаранд. Онҳо ин муборизаро тавассути таъкиднамоии бозгашт ба анъанаҳои миллии гузашта, бо тақлидкунӣ ба урфу одатҳои амалкунанда ба роҳ мемонанд» [20, с. 216].

Ф. Ле Пле таъкид намудааст, ки дар оилаҳои патриархалӣ пиронсолони хонавода аъзоёни ҷавонро назорат намуда, кор ва хӯроквориро байни аъзоёни оила баробар тақсим менамоянд ва бо ин восита ҳанӯз аз оила зиёдшавии шумораи камбизоатон пешгирӣ мешавад: «Пиронсолон ва сардори хонаводаҳо оилаҳои ҷавонро назорат менамоянд, кор ва хӯроквориро тақсим мекунанд, кӯшиш менамоянд, то танбалӣ бартараф шавад ва хароҷоти нолозим пешгирӣ гардад. Чунин тартиботи патриархалӣ байни ҳама аъзоёни оила тақсимоти баробарро таъмин намуда, ба камбизоатӣ дучор шудани ноқобилонро пешгирӣ мекунад» [20, с. XVIII]. Дар китоби «Конститутсияи асосии одамизод» Ф. Ле Пле қайд кардааст, ки пеш аз оила барпо намудани ҷавонон бояд калонсолон оилаи ояндаро бо манзили зист таъмин намоянд, то ин ки дар натиҷаи дигаргунӣ ва ислоҳоти ҷомеа онҳо камбизоат нашаванд, зеро ҳама ислоҳоти ҷомеа аз оила оғоз мегардад.

Дигар сабаби камбизоатиро Ф. Ле Пле ба ташаккули моликияти хусусӣ ва ботадриҷ аз байн рафтани шаклҳои моликияти гурӯҳӣ алоқаманд медонад. Ба андешаи донишманд, бо афзоиши моликияти хусусӣ таъсири арзишҳои маънавӣ заиф гардида, сатҳи меҳнатдӯстии аъзоёни ҷомеа коҳиш меёбад ва ба густариши зуҳуроти камбизоатӣ оварда мерасонад: «Агар дар ҳолати вуҷуд доштани моликияти хусусӣ вайроншавии арзишҳо оғоз гардад ва бо ин ё он сабаб, дараҷаи меҳнатдӯстии соҳибмулкон коҳиш ёбад, камбизоатие, ки дар

замони моликияти гурӯҳӣ вуҷуд надошт, босуръат ҳама одамони бадхоҳ, бемор ва бепарворо фаро мегирад» [20, с. XIX]. Дар чунин шароит, яке аз роҳҳои эҳтимолии коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар гирду атрофи оилаҳои сарватманд ҷамъ намудани миқдори муайяни оилаҳои камбизоат мебошад, ки дар натиҷа оилаҳои камбизоат дар тобеияти сарватмандон зиндагӣ ва фаъолият карда, талаботи асосии худро қонеъ гардонида метавонанд.

Дар баробари ин, Ф. Ле Пле вазъи оилаҳо, шуғл, даромад ва хароҷоти онҳоро таҳлил намуда, омилеро кашф кардаст, ки шогирдонаш онро дар асри XX рад карда натавонистанд: дар оилаҳои камбизоат ҳиссаи бештари хароҷоти буҷаи оилавӣ барои таъмини хӯрокворӣ рост меояд. Бо афзудани андозаи ин хароҷот маблағ барои таҳсил камтар боқӣ монда, дар натиҷа имконоти беҳтар намудани некуаҳволии оила ночиз мегардад [96, с. 179].

Дигар намояндаи равияи оморӣ-сотсиологӣ, сотсиологи англис Ч. Бут (1840-1916) аз аввалин муҳаққиқонест, ки камбизоатиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ таҳқиқ намуда, дар ин самт як қатор таҳқиқот гузаронидааст. Натиҷаи таҳқиқоти худро Ч. Бут дар асари машҳураш «Зиндагӣ ва меҳнати одамон дар Лондон» инъикос намудааст. Дар ҷилди 17-уми ин китоб масъалаҳои камбизоатӣ, истеҳсолот, шуғли аҳолӣ, дин ва урфу одат баррасӣ гардидаанд. Муҳаққиқ ба омӯзиши тарзи зиндагии қишрҳои гуногуни аҳолии Лондон, махсусан, вазъи зиндагии камбизоатон диққати бештар дода, шароити иҷтимоии зиндагии онҳоро кӯча ба кӯча, оила ба оила ва дар хонаҳои онҳо таҳлил намудааст.

Бо мақсади беҳтар омӯхтани вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ, тарзи зиндагӣ ва мушкилоти оилаҳои камбизоат Ч. Бут муддати муайян дар муҳити чунин оилаҳо зиндагӣ кардааст. Дар натиҷаи таҳқиқоти анҷомдода, олим сабабҳои асосии ба вуҷуд омадани камбизоатиро ба се гурӯҳи асосӣ ҷудо кардааст:

камбизоатӣ вобаста ба шуғлмандӣ, дигаре бо вазъияти гуногуни зиндагӣ ва сеюм бо одатҳои инфиродии худи одамон [140]. Сотсиолог дар солҳои 1898-1899 харитаи иҷтимоии Лондонро тасвир намуда, дар он бо истифода аз маълумоти демографӣ минтақаҳои ҷойгиршавии оилаҳои камбизоат, миёнаҳол ва сарватмандро ишора намудааст. Дар раванди корҳои таҳқиқотии худ, Ч. Бут аввалин маротиба нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографиро истифода намудаст.

Дар заминаи таҳқиқоти Ч. Бут намояндаи дигари равияи оморӣ-сотсиологӣ, сотсиологи англис С. Раунтри (1871-1954) ба омӯзиши масъалаи камбизоатӣ таваҷҷуҳ намудааст. Сотсиолог ақида дошт, ки шахс барои нигоҳдории сатҳи зиндагии шоиста ба маҷмуи ҳадди ақали хӯрокворӣ ниёз дорад ва барои муайян намудани он олим консепсияи камбизоатии худро истифода намуда, солҳои 1899, 1936 ва 1950 таҳқиқот гузаронидааст [110, с. 268]. Дар маҷмуъ, дар таҳқиқоти ӯ 11 560 оила, ки 46 754 нафарро фаро мегирифтанд, иштирок намуда, бо ҳар як нафари иштирокчӣ пурсиши инфиродӣ гузаронида шудааст [133].

Аз натиҷаи таҳқиқоти худ С. Раунтри ба хулосае расидааст, ки камбизоатиро ба ду гурӯҳ: аввалиндараҷа ва дуюминдараҷа, ҷудо намудан мумкин аст. Донишманд таваҷҷуҳи асосии хешро ба таҳқиқи камбизоатии аввалиндараҷа равона намуда, ба ин гурӯҳ оилаҳоеро мансуб медонад, ки даромади умумии онҳо барои қонеъ гардонидани талаботи ҳадди ақали нигоҳдошти ҷисмонӣ кофӣ нест [148, с. 86-104]. Мутафаккир барои муайян намудани ҳадди камбизоатӣ аз равиши сотсиологӣ ва методҳои оморӣ истифода бурда, мафҳуми «ҳадди камбизоатӣ»-ро ба илм ворид намудааст.

Дар натиҷаи татбиқи методҳои таҳқиқоти сотсиологӣ дар омӯзиши падидаи камбизоатӣ, бахусус, методи мушоҳидаи воридшуда, равия наве бо

номи «порчафарҳанги камбизоатӣ» ба вуҷуд омадааст. Асосгузори ин равия антропологи америкоӣ О. Люис (1914-1970) ба ҳисоб меравад, ки дар доираи назарияи худ камбизоатиро ҳамчун фарҳанг ё аниқтараш порчафарҳанг баррасӣ намудааст. Дар ин замина, камбизоатӣ на танҳо ҳамчун ҳолати иқтисодӣ, балки ҳамчун фарҳанг ва тарзи зиндагӣ маънидод мегардад, ки дар доираи оила ташаккул ёфта, тавассути раванди иҷтимоишавӣ аз як насл ба насли дигар интиқол меёбад [145, с. 5]. Худи муҳаққиқ порчафарҳанги камбизоатиро ҳамчун шакли мутобиқшавӣ ва қабули сатҳи пасти иқтисодии оила ба сифати ҳолати муқаррарӣ шарҳ медиҳад: «Фарҳанги камбизоатӣ ҳам мутобиқшавӣ ва ҳам таъсирот ба мақоми маргиналии камбизоатҳо дар ҷомеаи тафриқашудаи инфиродии сармоядорист» [145, с. 5].

Ба андешаи О. Люис, зиндагии одамон зери таъсири камбизоатӣ дигаргун гашта, фарзандони онҳо дар шароити нодорӣ ба воя расида, ба тарзи зиндагии камбизоатона мутобиқ мегарданд ва ин рафтор такрор мешавад. Мувофиқи назари донишманд, афроде, ки ба фарҳанги камбизоатӣ мансубанд, маргинал мебошанд, онҳоро эҳсоси нотавонӣ ва вобастагӣ фаро гирифтааст. Онҳо дар кишвари худ мисли бегонагон ҳастанд, боварӣ доранд, ки институтҳои мавҷуда манфиат ва ниёзҳои онҳоро қонеъ намегардонанд. Ҳамзамон, чунин афрод фикр мекунанд, ки манфиати онҳоро сохторҳои давлатӣ намояндагӣ намекунанд, аз ин рӯ, дар онҳо ҳисси нокомилӣ ва беарзишии шахсӣ ташаккул ёфтааст. Намояндагони фарҳанги камбизоатӣ, одатан, ҳувияти заиф дошта, бештари ҳолат маргиналанд, онҳо танҳо ба мушкилоти шахсӣ ва муҳити наздики иҷтимоии худ диққат дода, танҳо зиндагии камбизоатиро пазируфтаанд.

Аз натиҷаи таҳқиқоти илмӣ О. Люис ба хулосае меояд, ки шахсони дорои фарҳанги камбизоат ба ҷомеа фоидаи зиёд оварда наметавонанд. Онҳо

ба чунин муҳити фарҳангӣ мутобиқ шуда, камбизоатии худро аз як насл ба насли дигар таҳмил медиҳанд. Донишманд дар ин бора чунин навиштааст: «Одамон бо порчафарҳанги камбизоатӣ миқдори ками боигариро истеҳсол намуда, миқдори аз он камтарро ба даст меоранд, зеро дараҷаи маълумотнокиашон паст буда, ба ягон иттиҳодияҳои меҳнатӣ, ҳизбҳои сиёсӣ аъзо нестанд, онҳо, одатан, дар оҷонсиҳои миллии беҳдошт ширкат намеварзанд ва ба бонк, беморхона, мағоза, осорхона ва ғайра манфиати ночиз меоранд» [145, с. 8].

Нависандаи амрикоӣ М. Харингтон (1928-1989) назарияи фарҳанги камбизоатии О. Люисро дастгирӣ намуда, таъкид кардааст, ки камбизоатии амрикоӣ «фарҳанги алоҳида ва миллати дигар бо тарзи зиндагии хоса» [144, с. 27] мебошад. Дар китоби худ «Амрикоӣ дигар: камбизоатӣ дар ИМА» М. Харингтон тасдиқ менамояд, ки дар ИМА шумораи зиёди одамон дар камбизоатӣ умр ба сар мебаранд: «Амрикоиҳои камбизоат аз дигарон на танҳо бо даромади кам тафовут доранд. Эҳтимолан, онҳо одамони бемаълумот ва бемалака буда, саломатӣ ва шароити зисти номатлуб дошта, дорои сатҳи кӯшишу ғайрати паст ва сатҳи баланди ихтилоли равонӣ мебошанд» [144, с. 50].

Ба андешаи М. Харингтон, камбизоатии аҳолиро танҳо тавассути баланд бардоштани сатҳи иқтисодии зиндагӣ бартараф намудан ғайриимкон аст, зеро дар рафтори қисми муайяни онҳо фарҳанги камбизоатӣ ташаккул ёфтааст. Аз ин рӯ, онҳо пас аз гирифтани кумаки иқтисодӣ муддате нагузашта, боз ба ҳоли камбизоатӣ гирифтор мегарданд. Аз дидгоҳи донишманд, барои бартарафсозии камбизоатӣ дар ИМА сиёсати навро бояд ҷорӣ намуд, ки он ҳама соҳаҳои фаъолияти инсониро дар бар гирифта тавонад. «Ҷомеа – қайд менамояд М. Харрингтон, – бояд ба камбизоатон

кумак расонад, пеш аз он ки онҳо худ тавонанд ба худ ёрӣ расонанд. Америка бояд барномаи васеи «амалҳои ислоҳотӣ»-ро бо номи «Амрикои дигар» қабул намояд, яъне «ҳуҷуми фарогир бар зидди камбизоатӣ»» [144, с. 27].

Арбоби давлатӣ ва сиёсии олмонӣ Г. Ганс (1900-1946) низ дар пайравӣ ба О. Люис камбизоатиро ба фарҳанги камбизоатӣ марбут медонад. Ба андешаи ӯ, дар ҳолати ташаккули порчафарҳанги камбизоатӣ одамони камбизоат дар ҷомеа вазифаҳои муайяну мушахассеро иҷро мекунанд. Дар мақолаи машҳури худ «Вазифаҳои мусбати камбизоатӣ» 15 вазифаи камбизоатонро дар соҳаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва сиёсӣ баррасӣ намудааст. Г. Ганс дар бораи вазифаи аввалини камбизоатӣ чунин навиштааст: «Мавҷудияти камбизоатӣ аз он гувоҳӣ медиҳад, ки кори «чиркин» иҷро мешавад» [118], яъне камбизоатон аз ночорӣ розианд, ки корро бо ивази маблағи ночиз иҷро кунанд, ҳол он ки намояндагони дигар табақаҳо ин корро анҷом додан намехоҳанд.

Дигар ҷиҳати мусбати камбизоатӣ, аз назари Г. Ганс, дар он зоҳир мегардад, ки барои кумак расонидан ба камбизоатон ташкилоти иҷтимоӣ созмон дода мешавад. Бо пайдо шудани ташкилоти иҷтимоӣ ҷойҳои корӣ ва ихтисосҳои нав (масалан, кори иҷтимоӣ) ба миён меоянд. Давлат барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ маблағи зиёд ҷудо менамояд, мутахассисони соҳаро омода месозад ва низоми ҳифзи иҷтимоӣ ташаккул мeёбад. Баъдан, намояндагони табақаҳои некуаҳвол ба бенавоёну фақирон хайру саховатмандӣ намуда, бо ин восита мақоми иҷтимоии хешро баланд мебардоранд, худро саховатманд ва наҷотдиҳанда ҳисобида, ҳолати руҳиашон беҳтар мегардад.

Аз натиҷаи таҳлили фаъолияти илмии Г. Ганс маълум мегардад, ки аз камбизоатӣ табақаи поёнии ҷомеа азият мебинанд, аммо барои намояндагони

синфҳои миёна ва болоӣ мавҷудияти камбизоатон то дараҷае фоидаовар низ мебошад. Худи донишманд дар ин бора чунин навиштааст: «Падидаи камбизоатӣ барои сарватмандон функсионалӣ буда, барои камбизоатон дисфунксионалӣ боқӣ мемонанд... Камбизоатӣ танҳо дар он ҳолат бартараф мегардад, ки агар он барои сарватмандон то дараҷае дисфунксианалӣ шавад ё дар он ҳолате, ки камбизоатон ҳукумронии кофиро ба даст наоранд ва низоми табақабандии иҷтимоиро иваз накунанд» [143, с. 288]. Дар маҷмуъ, аз таҳлилҳои муҳаққиқ хулоса баровардан мумкин аст, ки то замоне камбизоатон ба қишри болоии аҳолӣ манфиат меоранд, ҳалли ин масъала ғайриимкон аст.

Минбаъд, масъалаи камбизоатӣ аз ҷониби яке аз классикони машҳури илми сотсиология П. Сорокин (1889-1968) таҳқиқ гардидааст. Донишманд пешниҳод намудааст, ки бояд камбизоатӣ ё некуаҳволии шахс дар муқоиса бо зиндагии қаблии ӯ ва дигар аъзоёни ҷомеа муайян шавад: «Камбизоатӣ ва шукуфоии як шахс на бо он чизе, ки ӯ дар айни замон дорост, балки бо он чизе, ки ӯ дошт ва дар муқоиса бо дигар аъзоёни ҷомеа муайян мегардад» [32, с. 212]. Ӯ ба мисли Э. Дюркгейм ақида доштааст, ки шахсони муваффақ, махсусан, одамони бениҳоят сарватманд нисбат ба одамони камбизоат тамоюли бештари ба худкушӣ даст заданро доранд [32, с. 128].

Донишмандони асрҳои XIX-XX-и форсу тоҷик низ ба масъалаҳои гуногуни камбизоатӣ таваҷҷуҳ зоҳир намуда, дар асарҳои илмии худ таҳқиқоти арзишмандеро ба анҷом расондаанд. Яке аз донишмандони барҷастаи форсу тоҷик А. Дониш (1827-1897), ки аз муҳити иҷтимоӣ ва сиёсии Аморати Бухоро хуб огоҳӣ дошт, дар бораи камбизоатӣ маълумоти зиёди таърихиро пешкаш намудааст. Ба андешаи мутафаккир, камбизоатӣ падидаи табиӣ буда, барои нигоҳдории тартиботӣ ҷамъиятӣ зарур аст. Ӯ омилҳои

динии камбизоатии одамонро шарҳ дода, онро ба тақдиру сарнавишт алоқаманд донистааст: «Агар худованд ба бандагонаш ризқи зиёд диҳад, боиси дар олам пайдоиши бедодгарӣ хоҳад шуд» [15, с. 307].

Ҳарчанд донишманд камбизоатиро барои ҷомеа зарур ҳам донад, аммо онро падидаи манфӣ арзёбӣ намудааст ва дар асараш «Наводир-ул-вақоеъ» мафҳуми «ифлос»-ро ҳаммаънои мафҳумҳои «камбизоатӣ», «нодорӣ» ва «тангдастӣ» истифода кардааст. Ҳамзамон, А. Дониш таъкид менамояд, ки бояд табақаҳои тавонманди ҷомеа ба табақаҳои эҳтиёҷманд, нодору муҳтоҷ ва ятимон кумак расонанд: «ба наздикону ятимон ва фақирон доду диҳиш бикунед» [15, с. 301].

Саромади адабиёти навини тоҷик С. Айнӣ (1878-1954) ба масъалаи камбизоатии аҳолӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, дар асарҳои машҳураш «Ғуломон», «Одина» ва «Ёддоштҳо» тарзи зиндагии аҳолии камбизоати Аморати Бухороро хело воқеӣ ва ҷолиб тасвир кардааст. Аз мутолиаи асарҳои тарҷумаҳолиаш маълум мегардад, ки зиндагии худи мутафаккир низ боҳашамат нагузаштааст ва аз ҳаёти аҳолии камбизоат огоҳии комил доштааст.

Ба андешаи С. Айнӣ, яке аз сабабҳои камбизоатии аҳолии Аморати Бухоро нобаробарии бошиддати иҷтимоӣ ва қарзҳо буданд. Аҳолии камбизоат барои иҷрои корҳои хоҷагидорӣ ё таъминӣ эҳтиёҷоти рӯзмарраи зиндагӣ бо суди баланд қарз мегирифтанд, аммо дар бисёр ҳолат ин қарзҳоро ба судхӯрон баргардонида наметавонистанд. Дар натиҷа, боз ҳам вазъи иқтисодияшон нигаронкунанда гашта, замину манзили истиқоматии худро аз даст медоданд ва ҳатто ба ғулом табдил меёфтанд. Дар китобаш «Ёддоштҳо» аз судхӯрии ҳиндуҳо ёдовар мешавад ва қайд менамояд, ки дар судхӯрии ҳиндуҳо ва зулми онҳо ба камбағалони Бухоро ҳукумати амир бевосита

манфиатдор [6, с. 302] буд, зеро ҳиндуҳо қарзро аз мардум ду баробар зиёдтар меситонданд ва пас аз марги онҳо ҳама боигарӣ ба ҳукумат мегузашт.

С. Айнӣ дар асараш «Ёддоштҳо» вазъи зиндагии қишрҳои ҷомеаро таҳлил намуда, вобаста ба дорой ва касб синфҳои аҳолиро тасниф намудааст. Ба андешаи мутафаккир, ду гурӯҳи одамон дар ҷомеа сатҳи зиндагии бадтарин доранд: ҳунармандон (бофандагон, гилкорон, наққошон, дуредгарон ва дигарон) ва мардикорон. Шароити зиндагии ин табақаҳои аҳолӣ хеле вазнину нигаронкунанда буд, онҳо барои музди ночиз кор мекарданд, дар моҳи Рамазон бошад, аз сабаби муваққатан боздошт гардидани раванди сохтмонҳо ва дигар намудҳои фаъолият вазъи мардикорон боз ҳам бадтар мегашт. С. Айнӣ вазъи мардикоронро тасвир намуда, чунин навиштааст: «Барои мардикорон, ки то дасташон наҷунбад, даҳонашон намеҷунбид» [6, с. 579].

Аз ҷомеашиносони муосир ба омӯзиши масъалаҳои камбизоатӣ сотсиологи олмонӣ, яке аз намояндагони равиши низои иҷтимоӣ Р. Дарендорф (1929-2009) низ машғул гардидааст. Аз назари донишманд, кумак расонидан ба камбизоатон самарае намедиҳад, бо афзоиши кумакпулиҳо намояндагони синфи миёна зиёд намегардад. Р. Дарендорф ба он ақида будааст, ки ҳатто аз татбиқи барномаҳои Бонки Ҷаҳонӣ сарватмандон манфиатдор (аз ҳисоби ришвагирӣ ё истифодаи имконот) буда, вазъи нодорон тағйир намеёбад ва чун қоида «то он замоне, ки сохтори анъанавии ҳуқуқ шикаста нашавад ва ҷомеаи шаҳрвандӣ барпо нагардад, рушди макроиқтисодӣ барои кулли одамон аҳаммияти ночиз дорад» [14, с. 30].

Умуман, нобаробарии иҷтимоӣ ҳамчун унсури таркибии сохтори иҷтимоии ҷомеа дар баробари пайдоиши инсоният зоҳир гардидааст. Дар тӯли ҳаёти худ ҳар як инсон кӯшиш ба харҷ медиҳад, ки зиндагиашро дар

сатҳи шоиста ва сазовор ба роҳ монад, аммо на ҳама ба ин мақсад ноил мешаванд. Нобаробар тақсим гаштани захираҳо боис мегардад, ки дар ҳама гуна ҷомеа шахсони сарватманд, миёнаҳол ва камбизоат вуҷуд дошта бошанд. Ба ҷомеа хатари бештарро камбизоатон доранд, зеро аксарияти аъзоёни ин табақа таҳсил намекунанд, ба ягон шуғл банд нестанд ва дар байни онҳо бемориҳои гуногун зуд паҳн мегарданд.

Ҷомеашинос Е.А. Стукаленко мафҳуми «камбизоатӣ»-ро чунин шарҳ медиҳад: «Камбизоатӣ миқдори нокифояи захираҳо ё имконоти хонаводаҳо ё шахсони алоҳида барои қонеъ кардани талаботи рӯзмарра мебошад... Камбизоатӣ ҳолатест, ки дастрасӣ надоштан ба маҷмуи неъматҳои моддӣ, иҷтимоӣ ва маънавӣ дар ҷомеаи муайян ва вақти муайян, қаноатманд набудан аз манфиати иҷтимоиро ифода менамояд» [34, с. 30; 33; 34].

Дар асоси таҳлили таърифҳои гуногун ба натиҷа расидан мумкин аст, ки камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба таври кофӣ қонеъ нагаштани талаботи моддии барои нигоҳдошти ҳаёт зарурист. Дар натиҷаи камбизоатӣ шахс бо неруи худ воситаи барои зиндагии шоиста ва сазоворро ба даст оварда наметавонад ва ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифтор мегардад. Сотсиологи тоҷик М. Таваллоев дар китоби худ «Табақабандии иҷтимоӣ» мафҳуми «камбизоатӣ»-ро чунин шарҳ додааст: «Камбизоатӣ ин ҳолати муҳтоҷӣ, норасогии бизоат, гуруснагӣ кашидан, яъне норасогии доимии маҳсулот барои зиндагии арзанда, ҳолати иқтисодӣ ва иҷтимоии одамоне, ки сатҳи таълимот, маблағ, ҳокимият ва нуфузи камтаринро соҳибанд. Хоси одамонест, ки арзишҳои камтаринро соҳиб буда, дарстрасиашон ба неъматҳои иҷтимоӣ маҳдуд аст» [36, с. 48].

Барои ба ҳадди имкон ба низом даровардани шарҳи мафҳуми «камбизоатӣ» соли 1975 аз тарафи Комиссияи иқтисодии Аврупо таърифи

ягонаи он пешниҳод ва қабул гардид. Мувофиқи шарҳи қабулнамудаи Комиссияи Аврупо, «камбизоат ҳамон нафаре дониста мешавад, ки даромад ва захираҳои маҳдудро доро буда, чун дигар аъзоёни ҷомеа шароити зиндагӣ карданро надорад. Аз сабаби камбизоатии худ ӯ маҳдудияти зиёдро ба монанди бекорӣ, сатҳи пасти даромад, шароити нохуби зиндагӣ, нокофӣ будани сатҳи хизматрасонии тиббӣ ва маҳдудият дар дастрасӣ ба соҳаи маориф, фарҳанг, варзиш ва истироҳатро метавонад эҳсос намояд. Ин гуна одамон бештар аз намуди фаъолиятҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии барои дигар аъзоёни ҷомеа меъёрӣ маҳрум шуда, дастрасиашон ба ҳуқуқҳои асосӣ низ маҳдуд аст» [64, с. 1]. Ин шарҳи мафҳуми «камбизоатӣ» то ҳол аҳаммияти худро гум накарда, айни замон барои муайян намудани меъёрҳои камбизоатии кишварҳои Аврупо истифода мегардад.

Ҳамин тариқ, аксарияти олимон ба хулосае омадаанд, ки камбизоатӣ падидаи табиии ҳаёти иҷтимоии ҷомеа буда, ҳамчун қисмати таркибии низоми ҷамъиятӣ ба ҳисоб меравад [96, с. 179]. Равияҳои омӯзиши масъалаи камбизоатӣ вобаста ба тақозои ҷомеа пайдо гардидаанд, вобаста ба он ки кадом шакли камбизоатӣ дар ин ё он ҷомеа зоҳир гаштааст, олимон барои омӯзиши он равияҳои хосаро коркард намудаанд. Дар тамоми равияҳои сотсиологӣ камбизоатӣ зуҳуроти номатлуб ва масъалаи ҷиддии иҷтимоӣ арзёбӣ гардида, роҳҳои коҳиши сатҳи он пешбинӣ мегарданд.

## 1.2. Масъалаи таснифоти камбизоатӣ ва шаклҳои зоҳиршавии он дар ҷомеаи муосир

Камбизоатӣ падидаи иҷтимоиест, ки таҳлили амиқи меъёр ва ҳудудҳои он хело мураккабу душвор аст, аз ин сабаб, донишмандон то ҳол барои муайян намудани меъёрҳо, ҳудудҳо, шаклҳои зоҳиршавӣ ва таснифоти камбизоатӣ ба як хулосаи умумӣ наомадаанд. Махсусан, таҳқиқи таснифоти

камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ-иқтисодӣ дар назарияҳои ҷомеашиносонӣ ғарбӣ ва Россия низ мавқеи марказиро ишғол менамояд. Муҳаққиқон вобаста ба асосҳои гуногун шаклҳои гуногуни зоҳиршавии зуҳуроти камбизоатиро муайян намудаанд.

Сотсиологи англис С. Раунтри (1871-1954) дар масъалаи камбизоатӣ, таҳқиқоти мукаммалеро ба анҷом расонида, натиҷаҳои онро дар китоби худ «Камбизоатӣ: омӯзиши ҳаёти шаҳр» инъикос намудааст. Сотсиолог сокинони камбизоати шаҳри Ню-Йоркро ба чаҳор синф ҷудо намуда, шартан онҳоро бо ҳарфҳои «A», «B», «C» ва «D» ишора кардааст. Ӯ дар асараш бештар ба омӯзиши табақаи синфи «A» диққати худро равона намуда, намояндагони онро қашшоқтарин қисмати аҳолӣ номидааст.

С. Раунтри табақаи синфи «A»-ро дар навбати худ ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст:

- оилаҳое, ки даромади муайян доранд;
- оилаҳое, ки аъзоёнашон маблағи барои зиндагӣ кофиро дастрас карда наметавонанд.

Сотсиолог барои пурра омӯхтани тарзи зиндагии намояндагони гурӯҳи якуми табақаи синфи «A» 474 оиларо, ки дар маҷмуъ, 1589 нафарро ташкил медоданд, мавриди омӯзиш қарор медиҳад. Аз таҳлили натиҷаи таҳқиқот ба хулосае меояд, ки дар табақаи синфи «A» мардҳои оила кор намекунанд ва ё вафот кардаанд, сардори оила зан буда, кӯдакон аз синни хурдӣ ба меҳнати ҷисмонӣ ҷалб мешаванд, аммо бо даромади бадастовардаашон вазъи иқтисодии оила беҳтар намегардад.

Зергурӯҳи дуюми табақаи синфи «A» ё оилаҳое, ки аъзоёнашон даромади барои зиндагӣ зарурро ба даст намеоранд, асосан аз ҳисоби кумакпулиҳо ва хайру саховати атрофиён умр ба сар мебаранд. Одатан,

аъзоёни ин гуна оилаҳо кор намекунанд, манзили зисташон дар ҳолати бад қарор дорад, либоси куҳнаю фарсуда мепӯшанд ва ҳамеша дар ҳолати гуруснагӣ зиндагонӣ мекунанд [148, с. 45]. Онҳо ҳатто барои каме беҳтар намудани сифати зиндагии худ кӯшиш намекунанд ва доимо дар интизори кумаки дигарон буда, ба тарзи зиндагонии муфтхӯрона одат кардаанд. Намояндагони гурӯҳи якуми табақаи синфи «А» дар давоми зиндагӣ бо пайдоиши ҷои кор ва ё ба воя расидани фарзандони қобили меҳнат ба синфи «В» гузашта метавонанд.

С. Раунтри ба намояндагони синфи «В» асосан коргарони бе касбу ҳунарро дохил кардааст, ки сатҳи зиндагии аъзоёни он нисбат ба синфи «А» каме беҳтар аст. Дар чунин оилаҳо то 4 нафар фарзанд зиндагӣ намуда, сардори хонавода ё дигар шахси таъминкунанда вуҷуд дорад, аммо даромади ночиз ба даст меорад. Хароҷоти онҳо танҳо барои таъмини хӯрокворӣ мерасад ва хариди ягон ашёи «зиёдатӣ» тамоми оиларо дар ҳолати ногувор мемонад. Масалан, ҳатто барои як фарзанд харидани пойафзол боиси ба як муҳлати муайян нарасидани маводи хӯрокворции тамоми оила мегарадад. То гирифтани музди меҳнати навбатӣ сифат ва миқдори хӯрокворции оила кам гардида, ба саломатии аъзоёни оила таъсири манфӣ мерасонад.

Дигар мушкилии намояндагони синфи «В» дар он аст, ки онҳо фарзандонро аз синни хурдсолӣ ба меҳнати ҷисмонӣ ҷалб менамоянд. Кӯдакон аз таҳсил дур монда, бо таъмини дигар аъзоёни оила машғул мешаванд. Дар байни онҳо нафарони зиёде ҳастанд, ки қобилияти табиӣ ва сифатҳои маънавӣ доранд, дар сурати ба таҳсилоти босифат фаро гирифтанашон дар ҷомеаи саноатӣ мақоми баландтарро ишғол карда метавонанд [148, с. 60]. Калонсолони намояндагони синфи «В» ҳам имконияти ба табақаҳои болотар гузаштанро доранд, аммо пас аз оиладор кардани

фарзандон ва тарк кардани хона эҳтимол дорад, ки боз ба синфи қаблии хеш баргарданд.

Мувофиқи назарияи С. Раунтри, шароити зиндагонии намояндагони синфи «С» аз синфи «В» кам тафовут дорад. Дар ин синф даромади оилаҳо нисбатан зиёдтар аст, онҳо ғайр аз харидории маводи хӯрокаи оила боз хароҷоти иловагӣ карда метавонанд, яъне имкон доранд, ки дар баробари маводи хӯрокворӣ боз ашёҳои хурдро харидорӣ намоянд, аммо пулашон барои кирои хизматчии оилавӣ намерасад. Мутафаккир оилаҳои синфи «С»-ро синфи коргар номидааст ва дар навбати худ онҳоро ба ду гурӯҳ ҷудо кардааст:

- оилаҳое, ки дар онҳо падар ё таъминкунандаи асосии оила коргари тахассусманд буда, ба туфайли малака ва қобилияти шахсии худ ба сатҳи баланди касбӣ расида, даромади барои таъмини зииндагии оила кофӣ ба даст меорад;
- оилаҳое, ки дар он падар ё таъминкунандаи асосии оила тахассуси касбӣ надошта, даромадаш нисбатан кам аст, аммо даромади умумии оила аз ҳисоби фарзандони коргар зиёд шудааст [148, с. 71].

Ба ақидаи С. Раунтри, агар намояндагони синфи «D» хароҷоти беҳудаю бесамар накунанд камбизоат намешаванд, зеро онҳо шароити хуби зиндагӣ, манзили истиқоматӣ ва ҳолати хуби санитарӣ-гигиениро дороянд. Омилҳои асосие, ки боиси камбизоатшавии онҳо гардидаанд, сарф намудани даромади оилавӣ ба нӯшокиҳои спиртӣ ва қиморбозист. Дар ҳолати даст кашидан аз ин гуна хароҷотҳои бесамар онҳо аз камбизоатӣ раҳоӣ ёфта, ба аҳолии миёнаҳол дохил мешаванд. Бартарии синфи «D» аз дигар синфҳои камбизоат дар он зоҳир мегардад, ки намояндагони он ба таҳсилот бештар диққат медиҳанд,

зеро волидайни ин гуна оилаҳо таҳсилоти босифат гирифтаанд ва фарзандонашон низ муддати дароз ба таҳсил фаро гирифта мешаванд.

Ғайр аз таснифоти номбаршуда боз С. Раунтри оилаҳои камбизоатро ба ду дараҷа тақсим кардааст:

– оилаҳое, ки даромади умумиашон барои таъминоти моддӣ ва нигоҳдории фаъолияти ҷисмонӣ кофӣ нест ва онро камбизоатии «аввалиндараҷа» номидан мумкин аст;

– оилаҳое, ки даромади умумиашон барои таъминоти моддӣ ва нигоҳдории фаъолияти ҷисмонӣ кофӣ буда, як қисмати он даромад барои дигар хароҷоти нолозим ё бесамар сарф мешавад ва онро ҳамчун камбизоатии «дуюмдараҷа» шарҳ додан мумкин аст [148, с. 87].

Сотсиолог С. Раунтри барои муайян намудани дараҷаи камбизоатии шахс сараввал хароҷоти ҳадди ақали лавозимоти барои нигоҳдошти мавҷудияти ҷисмониро муайян карда, онро ба 3 қисм ҷудо намудааст: маводи хӯрокворӣ (сифат, намуд ва нархи хӯрок), иҷорапулӣ ва лавозимоти хоҷагидорӣ (пӯшок, неруи барқ, сӯзишворӣ ва ғайра). Ҷомеашинос пешниҳод менамояд, ки барои муайян намудани лавозимоти ҳадди ақали нигоҳдории фаъолияти ҷисмонии одам миқдори зарурии маводи хӯрокворecho калонсолон ва кӯдакон ҳисоб гардида, ба он хароҷотҳои пӯшока, сӯзишворӣ, лавозимоти ҳамаи аъзоёни оила ҷамъ шавад. Сотсиолог дар ин маврид чунин навиштааст: «Аён мегардад, ки дар ин тарзи ченкунӣ хароҷоти сафар, азнавсозӣ, фароғат, беморӣ ва маросими дафн ба инобат гирифта нашудааст. Он танҳо қонеи эҳтиёҷоти одитарини ҷисмонии шахси солимро фаро мегирад» [148, с. 110].

С. Раунтри ба гурӯҳи камбизоатии аввалиндараҷа он оилаҳоеро мансуб медонад, ки ҳолати ҷисмонии худро дар сатҳи зарурӣ нигоҳ дошта метавонанд. Ба андешаи ӯ, чунин оилаҳо зиндагии муътадил надошта, бештар

мавҷудияти худро нигоҳ медоранд, ҳатто мушкилии одии ҳаётӣ, масалан, бемории яке аз аъзоёни оила онҳоро нигарон месозад. Сабабҳои камбизоатии аввалиндараҷаро сотсиолог ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудааст:

– фавти сардори хонавода;
– надоштани имконияти кор кардани сардори хонавода бо сабабҳои садама, беморӣ, пиронсолӣ ва ғайра;
– бе ҷои кор мондани сардори хонавода;
– номунтазамии кор (баъзан бо сабаби қобилият надоштан ё майл надоштани корманд барои шуғли доимӣ);
– серфарзандии оилаҳо, яъне оила бо сабаби зиёда аз чаҳор фарзанд доштан дар ҳолати камбизоатӣ қарор дорад;
– музди меҳнати ночиз, ҳатто дар ҳолати ҷойи кори доимӣ доштани сардори хонавода ҳам оиларо ба пуррагӣ таъмин карда наметавонад [148, с. 119].

Дар камбизоатии дуюмдараҷа бошад, маблағҳои буҷети оилавӣ ба хароҷоти бесамар, мисли нӯшокиҳои спиртӣ ва бозиҳо сарф мегарданд [148, с. 115]. Хусусияти хоси оилаҳои камбизоати дуюмдараҷа дар он ифода меёбад, ки муддати дароз дар ин гурӯҳ ҷой доштан эҳтимоли табдил ёфтан ба камбизоатии аввалиндараҷа зиёд мегардад.

Минбаъд таҳқиқоти илмии С. Раунтриро дар бораи меъёрҳои муайян кардани сатҳи камбизоатӣ сотсиологи англис П. Таунсенд (1928-2009) идома дода, чунин саволро пеш мегузорад: «Агар пӯшока, роҳкиро барои то ҷойи кор расидан ва харидани рӯзнома ҳамчун хароҷоти «зарурӣ» ба ҳисоб раванд, пас бо кадом сабаб чой, руймолча, шустушӯи либос, ороиш... ва ғайра ба хароҷот дохил намешаванд? Саволе, ки кадом чизҳо зарурӣ ҳастанд ва чӣ

бояд зарурӣ ҳисобида шаванд, дар ягон таҳқиқот ба миён гузошта нашудааст» [150, с. 131].

Барои ба саволҳои пайдошуда ҷавоб ёфтан П. Таунсенд ба таҳқиқи масъалаи камбизоатӣ шуруъ карда, таснифоти камбизоатии навро пешниҳод намудааст. Ҷомеашинос мафҳуми «камбизоатӣ»-ро чунин шарҳ додааст: «Фард, оила ва қишри аҳолӣ дар ҳолате камбизоат шуморида мешаванд, ки агар онҳо миқдори кофии захираҳоро барои нигоҳдории таъминоти ғизоӣ ва таъмини шароити зиндагӣ, меҳнат ва истироҳати барои ҷомеаи худ ва ё ақалан меъёри муайяншудаи умумӣ хосро надошта бошанд» [149, с. 31].

Сотсиолог пешниҳод менамояд, ки сатҳи зиндагии одамон ва дараҷаи некуаҳволии онҳо вобаста ба макон ва минтақаи истиқоматиашон баҳогузорӣ шавад, зеро вазъи иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангии як давлат аз давлати дигар тафовут дорад. Аз ҳамин сабаб, сатҳи зиндагии аҳолии як ҷомеа вобаста ба меъёрҳои муқарраршудаи он муайян гардад. Ба андешаи П. Таунсенд, дар ҳар як ҷомеа тарзи зиндагии миллӣ, минтақавӣ ва этникӣ вуҷуд дорад. Ҳамзамон, синфҳои гуногунро ба фаъолияти якхела, мисли истироҳат ва ҷашн гирифтани рӯзи таваллуди кӯдакон ҷалб кардан мумкин аст, аммо онҳо чунин фаъолиятҳоро гуногун ҷашн гирифта, хароҷоташон ҳам фарқ мекунанд.

Бо ин сабаб П. Таунсенд пешниҳод менамояд, ки тарзи зиндагии одамон яке аз меъёрҳои муҳимми арзёбии сатҳи камбизоатӣ ба шумор рафта, ҳангоми муайян намудани сатҳи камбизоатӣ бояд унсурҳои зерин ба назар гирифта шаванд:

– ҷашну маросим, урфу одат, шаклҳои фаъолияти иҷтимоӣ, шароити зиндагии оила, муҳити иҷтимоӣ ва экологӣ, ки аз ҷониби аксарияти аҳолӣ қабул гардида, дар амал истифода мешаванд;

– урфу одатҳо ва амали иҷтимоӣ, ки аз тарафи бештари намояндагони ҷамоат, синф, нажод, гурӯҳҳои динӣ қабул гардидаанд ва амалӣ мешаванд;
– сатҳи инъикос гардидани мазмуни урфу одатҳои миллӣ ва маҳаллӣ аз ҷониби фардҳои алоҳида ва гурӯҳҳои иҷтимоӣ, зеро бо камтар шудани имкониятҳо ва захираҳои зарурӣ одамон тарзи зиндагии миллӣ ё маҳаллии хешро тағйир дода метавонанд [149, с. 60].

Аз ин рӯ, П. Таунсенд ба чунин хулоса меояд, ки дар ҳолати тарзи зиндагии як шахс ё оилаи мушаххас аз тарзи зиндагии аъзоёни дигари ҷомеа фарқ карда, дар сатҳи паст қарор дошта бошад, пас ин шахс ва ё оила камбизоат аст. Ин тарзи муайян намудани сатҳи камбизоатиро П. Таунсенд «эҳтиёҷмандии нисбӣ» ном дода, камбизоатии «мутлақ»-ро ғайриимкон ва номуносиб шуморидааст.

Соли 1995 дар Саммити ҷаҳонии Копенгаген масъалаи камбизоатӣ мавриди баррасӣ қарор гирифт ва дар он ҷо олимон ба хулосае омаданд, ки камбизоатиро ба ду намуд ҷудо намоянд: камбизоатии нисбӣ ва мутлақ. Дар ин Саммит камбизоатии мутлақ чунин шарҳ дода шуд, ки то ҳол аҳаммияти худро гум накардааст: «Камбизоатии мутлақ ин ҳолатест, ки бо маҳрумии шадид аз эҳтиёҷоти асосии инсон, аз ҷумла ғизо, оби ошомиданӣ, беҳдошти тозагӣ, тандурустӣ, маориф ва иттилоот тавсиф мешавад. Ин ҳолат на танҳо аз даромади иқтисодӣ, балки аз дастрасӣ ба хизматрасониҳо низ вобастагӣ дорад» [151]. Муҳаққиқ Е.А. Стукаленко камбизоатии нисбиро хело сода ва фаҳмо шарҳ додааст: «Камбизоатии нисбӣ бо роҳи муқоисаи гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ муайян карда мешавад. Агар фард даромаде дошта бошад, ки барои пешбурди зиндагӣ кифоягӣ кунад ва ҳатто аз он зиёд бошад, вале аз даромади дигар аъзоёни ҷамъият камтар бошад, пас ӯро камбизоат шумурдан

мумкин аст. Камбизоатии мутлақ хусусиятҳои физиологӣ ва камбизоатии нисбӣ хусусиятҳои иҷтимоиро ифода мекунанд» [34, с. 34-35].

Ҷомеашиносон дар баробари камбизоатии «нисбӣ» ва «мутлақ» боз мафҳуми камбизоатии «субъективӣ»-ро пешниҳод намудаанд. Камбизоатии субъективӣ ба худбаҳодиҳии фард нисбат ба некуаҳволӣ ва имконияти пешбурди тарзи ҳаёти ба ҷомеаи иҳотакардааш хос асос ёфтааст [88, с. 78]. Дар ин маврид шахс тарзи зиндагии худро бо зиндагии дигар аъзоёни ҷомеа муқоиса намуда, ба некуаҳволии худ баҳо медиҳад. Дар консепсияи субъективии камбизоатӣ андозаи даромад ҳадди ақали ҳаётан зарурӣ дар асоси андешаҳои аҳолӣ муайян мешавад [63, с. 11].

Сотсиологи рус Л. Гордон (1930-2001) ба таснифоти камбизоатӣ (мутлақ, нисбӣ ва субъективӣ) такя карда, камбизоатии мутлақи Россияи муосирро таҳқиқ намуда, онро ба се сатҳ ҷудо намудааст:

1. Нодорӣ – камбизоатии аз ҳад зиёд. Нодор гуфта, гурӯҳи одамони камбизоаттаринеро меноманд, ки воситаи камтарини физиологии ҳаётро надоранд ва доимо дар ҳадди гуруснагӣ қарор гирифтаанд.

2. Муҳтоҷӣ – камбизоатии миёна. Муҳтоҷӣ гурӯҳи аҳолиеро фаро мегирад, ки барои қонеъ гардонидани талаботи одитарини физиологӣ захираҳои кофӣ доранд, аммо талаботи иҷтимоии худро қонеъ гардонида наметавонанд. Дар ин гурӯҳҳо гуруснагии мунтазам вуҷуд надорад, аммо даромади иқтисодӣ барои дастрас намудани пӯшок, пойафзоли нав, табобат, истироҳат ва ғайра кофӣ нест.

3. Таъминоти нокофӣ – камбизоатии муътадил. Сатҳи зиндагие шуморида мешавад, ки дар он талаботи бунёдӣ, физиологӣ ва иҷтимоӣ қонеъ мешаванд, аммо барои талаботи нисбатан болотар ва мураккабтар мабалағи зарурӣ намерасад. Дар ин сатҳи камбизоатӣ одамон ба ҳадди имкон аз ғизо сер

мешаванд, пӯшоки худро нав карда метавонанд, табобат мегиранд ва истироҳат мекунанд. Дар ин ҳолат, ҳадди ақали зиндагии одамон таъмин шудааст, аммо некуаҳвол нестанд [55, с. 20].

Ба андешаи Л. Гордон ҷудо намудани камбизоатӣ танҳо ба шаклҳои «нисбӣ» ва «мутлақ» кофӣ нест, зеро чунин тақсимот тамоми паҳлуҳои ин падидаро инъикос карда наметавонад. Аз ҳамин сабаб, мутафаккир мафҳумҳои «камбизоатии нерумандон» ва «камбизоатии заифон»-ро истифода бурдааст. Ба гурӯҳи камбизоатии «заифон» шахсони барои меҳнат ноқобил, маъюбон, шахсони аз ҷиҳати ҷисмонӣ ва равонӣ осебпазир, инчунин, оилаҳои серфарзанд дохил мешаванд.

Сотсиолог камбизоатии «заифон»-ро камбизоатии иҷтимоӣ низ номидааст, ки бевосита ба хусусияҳои иҷтимоӣ-демографии гурӯҳҳои муайяни аҳолӣ алоқаманд мебошад [55, с. 22]. Ба андешаи мутафаккир, камбизоатии «заифон» дар ҳама гуна ҷомеа ба назар расида, хусусият ва қисми таркибии ҳамаи ҷомеа ба ҳисоб меравад, дар ҳар як давлат ҳамеша маъюбон, беморон ва нафақахӯрон вуҷуд доранд. Ҳамзамон, Л. Гордон ба ин гурӯҳ занонро низ ворид намудааст, ки вобаста ба фарҳанг ё дигар хусусияташон (масалан, вазифаҳои модарӣ) дар бозори меҳнат рақобатнопазиранд ва ба кумаку дастгирӣ ниёз доранд. Аз назари донишманд, камбизоатии «нерумандон» дар ҳолати фавқулода пайдо шуда, коргарон ҳарчанд маоши баланд доранд, аммо ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифтор гардида, дараҷаи некуаҳволии оилаи худро дар сатҳи стандарти қабулшудаи ҷомеа таъмин карда наметавонанд [55, с. 22].

Хусусияти хоси камбизоатии «нерумандон» дар он аст, ки ҳамаи одамон эҳтимоли ба он дохил шуданро доранд, зеро ба пайдоиши ин намуди камбизоатӣ бештар омилҳои объективии беруна таъсир расонида, дар баъзе

ҳолатҳо қобилият ва саъю кӯшиши худи шахс аҳаммият надорад. Масалан, корхонаҳо бо сабаби ноамнӣ ва вазъияти мураккаби сиёсӣ фаъолияти худро муваққатан қатъ карда метавонанд, дар натиҷа коргарон бе даромади иқтисодӣ ва музди меҳнат мемонанд.

Дар адабиёти илмӣ камбизоатии «нерумандон»-ро бо дигар номҳо, мисли камбизоатии «ҳолатӣ» ва ё камбизоатии «ковидӣ» низ ном мебаранд [88, с. 85]. Вақте беморӣи сироятии КОВИД-19 тамоми ҷаҳонро фаро гирифт боиси ба камбизоат мубаддал шудани қишри миёнаҳолӣ аҳолӣ гашт. Хушбахтона, пас аз бартараф гардидани ин беморӣ вазъияти қаблӣ барқарор гардид ва одамон боз аз ҳолати камбизоатӣ раҳоӣ ёфтанд.

Дар масъалаи таснифоти камбизоатии аҳолӣ назари донишманди амрикоӣ У. Вилсон (сол. тав. 1935) қобили таваҷҷуҳ аст. Ӯ камбизоатии «шоиста» ва «ғайришоиста»-ро аз ҳам фарқ карда, ба гурӯҳи камбизоатони «шоиста» ҳамон нафаронеро дохил намудааст, ки бо сабабҳои объективӣ ва ба хоҳишу иродаи онҳо вобастанабуда ба ҳолати камбизоатӣ гирифтор мегарданд. Маҳз гурӯҳи камбизоатони «шоиста» ба кумаку дастгирии атрофиён, ташкилоти хайриявӣ ва мақомоти ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ниёз доранд. Камбизоатони «ношоиста» бо сабабҳои субъективӣ ба ин ҳолат гирифтор шудаанд, сабаби ниёзмандию муҳтоҷиашон худи онҳост. Масалан, майхораҳо, нашъамандон, танбалону муфтхӯрон ва дигарон [71, с. 13], ки сазоворӣ кумак ва дастгирии атрофиён нестанд.

Ҳарчанд дар бораи мафҳуми «камбизоатӣ» ва таснифоти он назарияҳои гуногун вуҷуд дорад, аммо мазмунан ҳамаи ин назарияҳо ба ҳам наздик ва монанд мебошанд. Масалан, назарияи камбизоатии «шоиста»-и У. Вилсон мазмунан назарияи камбизоатии «нерумандон» ва «заифон»-и Л. Гордонро фаро мегирад. Агар ба камбизоатони «шоиста» нафарони дорои қобилияти

маҳдуди меҳнатӣ (маъюбон, пиронсолон, беморон ва ғайра) дохил шаванд, пас дар назарияи Л. Гордон камбизоатон ба ду гурӯҳ ҷудо шуда (камбизоатони «заифон» ва «нерумандон»), дар якҷоягӣ моҳияти назарияи камбизоатии «шоиста»-и У. Вилсонро ифода менамоянд. Яъне камбизоатии «заифон» ба омилҳои физиологӣ (ба монанди пирӣ, беморӣ ва маъюбӣ) ва камбизоатии «нерумандон» бо сабабҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва сиёсӣ ё таъсири муҳити беруна (масалан, дар натиҷаи буҳрони иқтисодӣ, ҷанг, қатъ шудани фаъолияти корхона) марбут аст.

Муҳаққиқи соҳа Н.М. Римашевская барои муайян намудани ҳадди тахминии камбизоатӣ пешниҳод менамояд, ки бояд талаботи асосии шахс муайян ва ба инобат гирифта шавад. Ӯ дар ин замина се намуди камбизоатиро ҷудо мекунад:

- иқтисодӣ (бекорӣ, маоши паст);
- камбизоатии пиронсолон (сатҳи пасти нафақа);
- иҷтимоӣ (оилаҳои серфарзанд, модарони танҳо, маъюбон) [90, с. 99-44; 30, с. 444].

Ба андешаи муҳаққиқи соҳа Д.А. Поправко, сотсиологҳои муосир камбизоатиро ҳамчун падидаи табиии ҳаёти иҷтимоӣ ва ҷузъи ҷудонашавандаи ҷомеа ба нотавонии нигоҳ доштани сатҳи қобили кабули зиндагӣ марбут медонанд, ки танҳо бо роҳҳои иқтисодӣ ҳал намешавад. Ҳангоми омӯзиши падидаи камбизоатӣ чунин равишҳо пешниҳод мешаванд:

1. Муайян намудани камбизоатӣ бо даромади иқтисодии оила. Агар мушкилии асосӣ даромади нокифояи оила бошад, пас роҳи бартарафсозии камбизоатӣ таҳия ва тадбиқи барномаҳои иҷтимоист, ки ин норасоиро ҷуброн мекунанд.

2. Муайянсозии камбизоатӣ ба воситаи қобилияти дастрасӣ ба хизматҳои босифати иҷтимоӣ.
3. Баррасии камбизоатӣ тавассути таҳлили вазъ ва хусусияти раванди ҷойивазкунии иҷтимоӣ.
4. Муайян намудани сатҳи камбизоатӣ дар асоси муқоисаи худ бо атрофиён ва муҳити иҷтимоӣ-фарҳангии бартариятдошта [85, с. 69].

Дар ҷойи дигар Д.А. Поправко ба нишонаҳои камбизоатӣ камфаъолиятӣ, набудани ирода, хашмгинӣ, хастагӣ, нобоварӣ ба неру ва тавоноии хеш, бад будани вазъи саломатӣ, гуруснагӣ, нашъамандӣ ва майзадагӣ, бесаводӣ ва бемаданиятӣ, беҳуқуқӣ, бадахлоқӣ ва нафрат ба ҷаҳони атроф, нобоварӣ ба некиву адолат, мақоми пасти иҷтимоӣ, бегонашавӣ, табъиз, даромади нокифоя, надоштани манзили муносиб ва ғайра дохил намудааст. «Ба маънои васеъи экзистенсиалӣ, камбизоатӣ ва ҳатто беш аз ҳама, бенавоӣ як бадии ошкороест, ки ба ҳаёти муқаррарии инсон халал мерасонад. Фақат тарафдорони аскетизми ихтиёрӣ ва гадоӣ ихтиёран роҳи бечорагиро интихоб мекунанд. Ба эътиқоди онҳо, ҳолати ниёзмандӣ ба фард озодӣ ва қудрати илоҳӣ медиҳад ва муҳимтар аз ҳама, беихтиёр ӯро аз ҳар гуна ҷурму гуноҳ озод мекунад. Аммо барои аксари одамон фақр як ниёз ва мавҷудияти бадбахтона аст, ки онҳо оромона ва бо шаъну шараф зиндагӣ кардан мехоҳанд, аммо ин корро карда наметавонанд» [85, с. 72].

Д.А. Поправко камбизоатиро ҳамчун падидаи иҷтимоӣ номида, онро дар доираи назарияи маҳрумии иҷтимоӣ шарҳ медиҳад. Мувофиқи ин назария афроди камбизоат дар сохтори иҷтимоии ҷомеа мавқеи беимтиёз ва маҳдудро ишғол намуда, заифу нотавон мегарданд ва дар беҳтар гардонидани вазъи

зиндагии хеш оҷизанд. Ӯ одамони камбизоатро вобаста ба эҳтиёҷмандӣ чунин тасниф менамояд:

1. Хориҷшудаҳо – оилаҳои беҳад камбизоат, ки ҳолати молиявияшон давоми ду соли охир бетағйир мондааст ё бадтар шудааст.
2. Наҷотёфтагон – оилаҳое, ки ҳолати молиявияшон ноустувор буда, бодатриҷ таназзул меёбад.
3. Камбизоатони корманд – оилаҳое, ки вазъи молиявии ноустувор доранд ва ҳар замон дигаргун мегардад.
4. Камбизоатҳои нисбатан осудаҳол – оилаҳое, ки сатҳи таъминоти миёнаи молумулкӣ ва манзилиро соҳибанд [85, с. 70].

Аз муҳаққиқони рус ба низоми табақабандии иқтисодии замони муосир Н.В. Кондрашова диққат дода, вобаста ба даромади иқтисодӣ аҳолиро ба панҷ гурӯҳ ҷудо кардааст:

1. Камбизоатон – қишри аҳолие, ки сатҳи даромади онҳо аз ҳадди ақали зиндагӣ пастар аст.
2. Аҳолии камдаромад – гурӯҳи аҳолие, ки даромади онҳо байни ҳадди ақали зиндагӣ ва ҳадди ақали буҷети истеъмолӣ қарор дорад.
3. Аҳолии таъмин – гурӯҳи аҳолие, ки сатҳи даромади онҳо аз ҳадди ақали буҷети истеъмолӣ баландтар аст.
4. Аҳолии некуаҳвол – гурӯҳи аҳолие, ки даромади миёна ба ҳар сари аҳолӣ байни буҷети миёнаи истеъмолӣ ва буҷети миёнаи оқилонаи истеъмолӣ қарор дорад.
5. Аҳолии сарватманд – гурӯҳи аҳолие, ки даромадашон болотар аз сатҳи буҷети оқилона қарор дорад [67, с. 55].

Агар давлат аз афзудани ҳиссаи аҳолии камбизоати ҷомеа манфиатдор набошад ва худи камбизоатон аз чунин тарзи зиндагонии худ ҳавасманд

нагарданд, пас камбизоатон ба киҳо лозиманд? Ба ин савол ҳанӯз солҳои 1972 сотсиологи амрикоӣ Г. Ганс дар мақолаи илмии худ «Вазифаҳои мусбати камбизоатӣ» посух дода буд. Сотсиолог вазифаҳоеро қайд намуда буд, ки то ҳол аҳаммияти худро гум накардаанд. Мувофиқи андешаи мутафаккир, аз таҳлили равандҳои иҷтимоӣ маълум мегардад, ки камбизоатон ҳам ба табақаи болоии ҷомеа ва ҳам ба синфи миёна ҳаётан муҳиманд, зеро онҳо ба тамоми ҷомеа ва аъзоёни он дар алоҳидагӣ бо иҷрои амалҳо ва вазифаҳои мушаххаси иҷтимоӣ фоида меоранд.

Якум, камбизоатон дар ҷомеа корҳои «чиркин»-еро, ки шахсони миёнаҳол ва сарватманд иҷро намекунанд, ба анҷом мерасонанд, чунки аксарияти шахсони камбизоат таҳсилот ва касбу тахассуси муайян надоранд, барои қонеи талаботи одитарини физиологии худ ба иҷро намудани ҳама гуна кор омодаанд. Камбизоатон бо маблағи ночиз корҳоеро ба анҷом мерасонанд (мисли фаррош, роҳрӯб, сохтмончӣ ва ғайра), ки чунин намудҳои фаъолиятро намояндагони синфи миёна ба худ муносиб надониста, ҳатто бо музди меҳнати муносиб ба анҷом намерасонанд.

Дуюм, шахсони камбизоат аз ночорӣ ба иҷрои корҳои хатарнок ва барои саломатӣ зараровари корхонаҳои истеҳсолӣ (конҳо, корхонаҳои истеҳсоли моводи кимиёвӣ ва ғайра) розӣ мешаванд. Корфармоён ва баъзе аз корхонаҳо аз мавҷудияти камбизоатӣ дар ҷомеа манфиатдор буда метавонанд, зеро намояндагони қишри камбизоат дар бозори меҳнат рақобатпазирии паст дошта, одатан, шароити хуби меҳнатиро талаб намекунанд. Онҳо барои аз даст надодани ҷойи корӣ ба ҳама гуна шарту шароити меҳнатӣ розӣ мешаванд ва дар вазъи ногувори санитарию гигиенӣ ва барои саломатӣ зараровар низ фаъолият мекунанд. Баъзе корфармоён аз вазъи мушкили зиндагии камбизоатҳо суистифода намуда, фоидаи зиёд ба

даст меоранд. Ҳамзамон, чунин корфармоён ба коргарони камбизоат кори бештар фармуда, музди меҳнати кам медиҳанд, онҳоро расман ба қайд намегиранд ва андози онҳоро парохт намекунанд.

Сеюм, аз ҳисоби камбизоатон соҳибкории синфи миёна рушд менамояд, инчунин, бо ҷои кор таъмин мегарданд ва маблағи муайянеро ба даст меоранд. Дар Тоҷикистон як зумра ташкилот ва фондҳои хаёриявӣ вуҷуд доранд, ки фаъолияти онҳо ба дастгирии қишрҳои осебпазири ҷомеа, аз ҷумла камбизоатон равона гардидааст. Масалан, ташкилоти Ҳилоли аҳмар ва Салиби сурх, Мерси Корпс, Каритас, Goodneiborhoods ва ғайра. Ин ташкилот дар асоси сарпарастӣ ва дастгирии ташкилоти байналмилалӣ фаъолият намуда, маблағҳои ҷамъшударо на танҳо барои расонидани кумак ба оилаҳои камбизоат, балки барои таъсиси корхонаҳо, фароҳам овардани шароити муносиби меҳнатӣ ва пардохти музди меҳнати кормандон низ истифода мебаранд. Бо ибораи дигар, камбизоатон намояндагони синфи миёнаро бо ҷои кор ва бо шароити хуби корӣ таъмин карда метавонанд. Дар ҳолати кам будани ҳиссаи табақаи камбизоат дар ҷомеа лоиҳаҳои хайриявии ташкилоти байналхалқӣ баста шуда, фондҳои хайриявӣ аҳаммияти худро гум мекунанд.

Ғайр аз ин, корхонаҳо ва фабрикаҳое, ки молу маҳсулоти дорои сифати пастро бо арзиши ночиз истеҳсол мекунанд, мизоҷони доимии онҳо шахсон ва оилаҳои камбизоат мебошанд. Камбизоатон ба сифати молу маҳсулот эътибор надода, кӯшиш мекунанд, ки ҳар чи бештар молу маҳсулоти нисбатан арзонро харидорӣ намоянд. Аз ин ҷо хулосабарорӣ кардан мумкин аст, ки аз ҳисоби камбизоатон дигар қишрҳои аҳолӣ вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии худро беҳтар мегардонанд.

Чаҳорум, одамони миёнаҳол ва сарватманд ба камбизоатон кумак намуда, худро шахси «хуб» ва барои ҷомеа «зарурӣ» мешуморанд. Вақте ки

онҳо нисбат ба одамони камбизоат ва нодор корҳои хайриявиро ба анҷом мерасонанд, сарватмандӣ ва мақоми баланди иҷтимоии худро тасдиқ намуда, талаботи маънавӣ ва равониашонро қонеъ мегардонанд. Дилсӯзӣ, ғамхорӣ ва хоҳиши ёрӣ расонидан ба камбизоатон боис мегардад, ки одамони сарватманд ва саховатпеша як қисми муайяни даромади худро хайр намуда, дар натиҷа ҳиссиётҳои мусбӣ, ба монанди хурсандӣ, хушхолӣ, ифтихор, арзишмандӣ ва қаноатмандиро ба даст меоранд. Бо ибораи дигар, хайр кардан ба одамони камбизоат бештар ба худи сарватмандон заруранд, то ин ки онҳо худро одамони нек ва саховатманд эҳсос намоянд.

Таҳлили вазифаҳои иҷтимоии шахсони камбизоат дар ҷомеа ошкор менамояд, ки камбизоатон барои ҷомеа одамони бефоида нестанд, зеро онҳо сабаби дар низоми табақабандии иҷтимоӣ ташаккули табақаҳои миёна ва элита мегарданд. Камбизоатӣ яке аз унсурҳои таркибии низоми табақабандии ҷомеа буда, пурра бартарафсозии он ғайриимкон аст. Инчунин, камбизоатии нисбӣ дар байни аъзоёни ҷомеа барои ҷойивазкунии иҷтимоии амудӣ рақобати шаддидро ба миён оварда метавонад. Давлат ва ҳукумат вазифадоранд, ки оқибатҳои иҷтимоии камбизоатиро назорату танзим намуда, оммавӣ гардидани камбизоатии мутлақро пешгирӣ намоянд.

Хулоса, дар мавриди муайян намудани меъёр, ҳудуд, шакли зоҳиршавӣ ва таснифоти камбизоатӣ муҳаққиқони соҳа ба як фикри умумӣ наомадаанд ва назарияҳои мухталифро пешниҳод кардаанд. Масалан, сотсиологи англис С. Раунтри ҳангоми таснифи гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ як қатор нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла вазъи иқтисодии оила, ҳаҷми кумакпулӣ ва имтиёзҳои иҷтимоӣ, тарзи зиндагии оила, сатҳи шуғлмандӣ, ҳаҷми хароҷоти иқтисодии оила, қобилияти истеъмолӣ, сатҳи иҷтимоишавии аъзоёни оила ва ғайраро ба инобат гирифтааст. Сотсиологи дигари англис П.

Таунсенд барои таснифоти камбизоатӣ сатҳи зиндагии одамон ва дараҷаи некуаҳволии онҳоро вобаста ба макон ва минтақаи истиқоматиашон баҳогузорӣ намуда, муайян сохтани тарзи зиндагии одамонро яке аз меъёрҳои муҳимми чен кардани сатҳи камбизоатӣ номидааст.

Ҳамзамон, дар илмҳои ҷомеашиносӣ таснифи камбизоатӣ ба мутлақ, нисбӣ ва субъективӣ васеъ истифода мешавад. Мувофиқи ин равиш, дар шароити камбизоатии мутлақ шахс ҳатто имкони қонеъ гардонидани ниёзҳои одитарини ҳаёти худро надоранд. Дар мавриди камбизоатии нисбӣ бошад, шахс эҳтиёҷоти асосии зиндагиро то андозае таъмин менамояд, аммо ба сатҳи зиндагии шоистаю сазовор расида наметавонад. Камбизоатии субъективӣ худбаҳодиҳии фард нисбат ба некуаҳволӣ ва мансубияти табақавии худ аст. Сотсиологи рус Л. Гордон камбизоатии аҳолиро бо «камбизоатии нерумандон» (шахсони ғайриқобили меҳнат ва маъюбон) ва «камбизоатии заифон» (бекорон, шахсони ба нокомӣ гирифторгардида) ҷудо намудааст.

Баъзе аз муҳаққиқон оид ба вазифаҳои иҷтимоии камбизоатӣ ва нақши мусбати он дар ҷомеа таҳқиқоти ҷолиберо ба анҷом расонидаанд. Масалан, сотсиологи амрикоӣ Г. Ганс ба ин назар аст, ки камбизоатон дар ҷомеа корҳои вазнини ҷисмонӣ ва ба саломатӣ хатарнокро бо маблағи ночиз ба анҷом мерасонанд. Баъзе аз корфармоён аз камбизоатии аҳолӣ манфиатдор буда метавонанд, зеро камбизоатон дар бозори меҳнат рақобатпазир набуда, имтиёз ва шароити хуби кориро талаб намекунанд. Ҳамзамон, барои дастгирии табақаҳои ниёзманди ҷомеа ташкилоти зиёди ҷамъиятӣ созмон ёфта, барои аҳолии миёнаҳол ҷойҳои нави корӣ пайдо мегарданд. Камбизоатон миҷозони доимии корхонаҳо ва фабрикаҳое мебошанд, ки молу маҳсулоти пастсифат истеҳсол мекунанд, инчунин, онҳо барои баланд

бардоштани худбаҳодиҳии баъзе шахсиятҳои саховатпеша ва сарватманд мусоидат менамоянд.

Дар асоси таҳлили масъалаҳои боби якуми диссертатсия ба чунин хулоса расидан мумкин аст, ки камбизоатӣ падидаи иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа ба ҳисоб рафта, то ҳол аз ҷумлаи мушкилоти ҳалталаби ҷомеаи ҷаҳонӣ боқӣ мемонад. Бо дар назардошти назарияҳои мухталифи сотсиологӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, камбизоат оила ва ё шахси алоҳидае маҳсуб мегардад, ки бо неруи худ ҳадди ақали зиндагӣ, сатҳи ҳаёти қобили қабул ва талаботи бунёдии моддию маънавии худро таъмин карда наметавонанд. Ҳанӯз аз давраҳои қадим донишмандон, зиёиён ва мансабдорон ба падидаи камбизоатӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир намуда, кӯшиш ба харҷ додаанд, ки табиати иҷтимоӣ, пайдоиш, ташаккул, омилҳо, оқибатҳо ва роҳҳои бартарафсозии камбизоатиро муайян намоянд. Аз ин рӯ, дар илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сотсиология назарияҳо, равишҳо ва консепсияҳои гуногуни илмӣ ба миён омаданд.

Дар илмҳои ҷомеашиносӣ барои шарҳи моҳияти камбизоатӣ як зумра равияҳои илмӣ мавҷуданд, аз ҷумла дарвинизми иҷтимоӣ, эгалитаризм, функсионализми сохторӣ, равияи оморӣ-сотсиологӣ, порчафарҳанги камбизоатӣ ва дигар равишҳо, ки намояндагони онҳо ин падидаи иҷтимоӣ-иқтисодиро аз назари гуногун таҳлил ва арзёбӣ менамоянд. Тамоми ҷомеашиносон камбизоатиро зуҳуроти номатлуб меҳисобанд, аммо дар бораи вазифаҳои иҷтимоии он низ махсус таваҷҷуҳ зоҳир намудаанд. Дар масъалаи таснифоти камбизоатӣ ва меъёрҳои муайян намудани сатҳи он низ андешаи ҷомеашиносон як нестанд.

# БОБИ 2. ХУСУСИЯТҲОИ ХОСИ ПАДИДАИ КАМБИЗОАТӢ ДАР ШАРОИТИ ТОҶИКИСТОНИ МУОСИР

## 2.1. Нишондиҳандаҳо ва методҳои ченкунии камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ

Аз назари аввал сатҳи қонеъ гардидани талаботи моддӣ ва маънавии шахс аз худи ӯ вобастагӣ дорад ва онро ҳамчун масъалаи тамоми ҷомеа донистан нодуруст аст, зеро ҳар як шахс ба вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии зиндагии худ ҷавобгар мебошад. Албатта, ин назар то дараҷае воқеият дорад, агар ба мушкилии иҷтимоӣ ва иқтисодӣ танҳо якчанд оила гирифтор бошанд, аммо агар чунин вазъият дар ҷомеа паҳн гардад ва одамони зиёдро фаро гирад, пас ин масъалаи иҷтимоист.

Камбизоатӣ ҳамчун масъалаи иҷтимоӣ ба ҳамаи давлатҳои ҷаҳонӣ, ҳатто ҷомеаҳои мутараққӣ хос аст. Дар шароити ҷаҳонишавӣ камбизоатӣ ба тамоми соҳаҳои фаъолияти иҷтимоӣ таъсир расонида, боиси пайдоишу паҳнгардии дигар масъалаҳои иҷтимоӣ (камсаводӣ, паҳншавии бемориҳо, афзудани сатҳи каҷрафторӣ, рушди фарҳанги камбизоатӣ ва ғайра) мегардад. Эътирофи камбизоатӣ ҳамчун падидаи иҷтимоӣ боис мегардад, ки давлатҳои алоҳида барои пешгирӣ ва батарафсозии он тадбирҳои зарурӣро таҳия ва татбиқ намоянд. Хушбахтона, мувофиқи маълумоти омории Бонки Ҷаҳонӣ, дар натиҷаи татбиқи як қатор тадбирҳои зарурӣ дар даҳсолаи охир сатҳи камбизоатӣ дар ҷаҳон якбора коҳиш ёфтааст [136].

Яке аз ҷанбаҳои муҳимми таҳқиқи камбизоатӣ муайян намудани меъёр ва нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатист, зеро дар сурати дақиқ муайян гардидани сатҳи камбизоатӣ низоми чорабиниҳо ҷиҳати коҳиши он фароҳам мегардад. Маҳз тавассути муайян намудани меъёр ва нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатӣ миқёси паҳнгардии он ошкор мегардад ва сатҳи нобаробарии

аҳолӣ равшантар инъикос мешавад. Ҳамзамон, муайян гардидани нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографии камбизоатӣ, мисли шумора, ҷинс, синну сол, макони истиқомат, шуғл ва ғайра барои таҳияи сиёсати мувофиқ ва мақсаднок ҷиҳати пешгирӣ, коҳиш додан ва кумак расонидан ба гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ мусоидат менамояд.

Аввалин маротиба ҳадди камбизоатиро ҷомеашиносони англис Ч. Бут ва С. Раунтри солҳои 90-уми асри XIX муқаррар намуданд. Методи содатарини ченкунии сатҳи камбизоатӣ бо ҳисоби пулӣ буд ва ҳадди камбизоатӣ вобаста ба сатҳи рушди иқтисодии кишвар муайян мегардид. Ҳадди пулии камбизоатӣ маблағи пулие ҳисоб мешавад, ки ба таври расмӣ ҳамчун даромади ҳадди ақал муқаррар гардида, бо ин маблағ шахс ё оила ғизо, либос ва манзилро харидорӣ карда метавонанд. Ҳанӯз Т. Малтус музди меҳнат ва даромади иқтисодиро чунин тавсиф намуда буд: «Музди меҳнат барометри иҷтимоест, ки аҳаммияти бузург дорад: он муносибати байни воситаи зиндагӣ ва талабот ба онҳо, байни миқдори молҳои истеъмолӣ ва шумораи истеъмолкунандагонро ифода мекунад» [21, с. 58].

Ба ақидаи донишманди рус Л.Г. Батракова, дар таҳаввули ҳалли масъалаи муайянсозии сатҳи камбизоатӣ се марҳиларо ҷудо намудан мумкин аст:

1. Консепсияи ҳадди камтарин ё ақали зиндагӣ (охири асри XIX – ибтидои асри XX).
2. Консепсияи камбизоатии нисбӣ (деприватсия) (солҳои 60–80-уми асри XX).
3. Консепсияи маҳрумият (деприватсия)-и ҷамъшуда дар натиҷаи инкишоф ва амиқтар шудани мафҳуми камбизоатии нисбӣ ба вуҷуд омадааст. Аввалин таҳқиқоте, ки дар доираи ин парадигма гузаронида шудааст, ба

таҳлили шароити зиндагӣ дар Норвегия асос ёфтааст ва ба муҳаққиқ Э. Ҳансен тааллуқ дорад (1979) [53, с. 118].

Аслан, камбизоатии аҳолӣ бо сатҳи зиндагӣ муайян мегардад, ҳамзамон, ҳар як давлат меъёрҳои хоси муайян намудани сатҳи зиндагии аҳолиро дорад. Чунин меъёрҳо бо сатҳи рушди ҷомеа, тарзи зиндагӣ, фарҳанг, дараҷаи рушди саноат ва технология вобастагӣ доранд. Аз ин лиҳоз, муайян намудани сатҳи камбизоатии тамоми ҷаҳон мувофиқи меъёр ва нишондиҳандаҳои якхела хеле мушкил аст ва ҳар як давлат сатҳи камбизоатиро вобаста ба шароити рушди иқтисодӣ ва фарҳанги миллӣ муайян менамоянд. Маҳз ин омил масъалаи ченкунии сатҳи камбизоатии аҳолиро мушкил мегардонад ва бо ин мақсад метод, меъёр ва нишондиҳандаҳои гуногуни муайян намудани сатҳи камбизоатӣ истифода мешаванд.

Ҷомеашиноси рус Л.Г. Батракова чунин мушкилоти методологии ченкунии сатҳи камбизоатии аҳолиро номбар намудааст:

1. Нишондиҳандаи ягона (даромад ё хароҷот) муайян нашудааст, ки дар асоси он хонавода бояд ҳамчун камбизоат тавсиф шавад. Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ ба хароҷоти ҳармоҳа, аз ҷумла хароҷоти умумии истеъмолӣ ва хароҷоти истеъмолии маҳсулоти дар шароити хона истеҳсолшуда афзалият дода мешавад.
2. Муқоисаи нишондиҳандаҳои хонаводаҳои гуногун барои он мушкил мегардад, ки ба даромад ва хароҷот, тафовути ҳаҷм ва таркиби хонаводаҳо таъсир мерасонанд.
3. Давомнокии камбизоатӣ ҷанбаи муҳимми таҳлилист. Масъалаи барои кадом давра ҳисоб кардани шумораи аҳолии камбизоат (дар давоми семоҳа, як сол, панҷ сол, даҳ сол ва ғайра) мубрам мегардад.

4. Методҳои гуногуни ҳисоб кардани шумораи одамони камбизоат, меъёрҳои ҳисоб кардани онҳо ва муайян кардани ҳадди камбизоатӣ вуҷуд доранд [53, с. 120].

Муҳаққиқони соҳа барои муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз методҳои гуногун истифода бурдаанд, ки дар маҷмуъ, онҳоро ба методи стандартикунонии буҷа, оморӣ, меъёрӣ (нормативӣ), тафриқавӣ, деприватсионӣ ва эвристикӣ (субъективӣ) ҷудо намудан мумкин аст. Сотсиологи рус В. Сичева методҳои ченкунии камбизоатиро таҳлил намуда, ба хулосае меояд, ки методҳои оморӣ ва меъёрӣ дар ченкунии сатҳи камбизоатӣ бештар истифода мешаванд. Донишманд ин методҳои ченкуниро шарҳ дода қайд менамояд, ки сатҳи камбизоатӣ дар методи меъёрӣ тавассути меъёрҳои камтарини истеъмолии одамон, мисли маҳсулоти хӯроквори, пӯшока, таҷҳизоти маишӣ, хизматрасониҳои коммуналӣ ва ғайра муайян мешавад.

В. Сичева методи омории муайян кардани сатҳи камбизоатиро методи маъмули ҷомеаи муосир номидааст, ки даромади миёнаи аҳолӣ ба сифати меъёри асосӣ қарор мегирад. Мувофиқи ин метод, ба табақаи камбизоат одамоне дохил мешаванд, ки даромади иқтисодияшон аз даромади миёнаи аҳолӣ камтар аст. Ба андешаи сотсиолог, «дар чаҳорчӯбаи методи тафриқавӣ камбизоат гуфта, ҳамон нафаре ба ҳисоб меравад, ки худро таъмин карда наметавонад (шахсони дороии маъюбият, оилаҳои нопурра, фарзандони бе волидайн, муҳоҷирон ва ғайра). Методи эвристикӣ (ё субъективӣ) ба афкори худи мусоҳиб алоқаманд аст» [96, с. 178]. Донишманд ба ин назар аст, ки ҳар яке аз методҳои пешниҳодшуда бартарӣ ва ҳамзамон, норасоиҳои худро дороанд.

Мутахассиси соҳа М.В. Игнаток методҳои ченкунии камбизоатиро таҳлил намуда, дар навбати худ «ба чунин методҳо бартарӣ медиҳад:

1. Методи меъёрӣ – дар асоси арзёбии ҳаҷми молу хизматҳое амалӣ мегардад, ки барои қонеи талаботи физиологӣ ва фарҳангии инсон зарур мебошанд, инчунин, ба меъёрҳои истеъмолӣ такя мекунад.
2. Методи маҳрумӣ – ба он асос меёбад, ки шахс ё оила аз истифода ва истеъмоли молу маҳсулот ва хизматрасонии муҳим маҳрум гардидааст.
3. Методи оморӣ – дар асоси нишондиҳандаҳои арзёбии сатҳи камбизоатии аҳолӣ муайян мешавад, аз ҷумла коэффисенти камбизоатӣ (ҳиссаи оилаҳои камбизоат нисбат ба шумораи умумии онҳо), сатҳи камбизоатӣ (ҳиссаи оилаҳои камбизоат нисбат ба шумораи умумии онҳо), сатҳи камбизоатӣ (фоизи оилаҳои камбизоат нисбат ба шумораи умумии онҳо) ва индекси амиқии камбизоатӣ (даромади умумии аъзоёни оила бо нишондиҳандаҳои ҳадди камбизоатӣ).
4. Методи иқтисодӣ – камбизоатӣ дар асоси имконоти захиравӣ ва сатҳи амнияти моддии давлат муайян мешавад.
5. Методи эвристӣ – сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар асоси омӯзиши афкори ҷомеа ва натиҷаҳои пурсишҳои сотсиологӣ муайян мегардад.
6. Методи табақабандӣ – камбизоатиро бо дар назардошти қобилияти таъминоти иқтисодӣ ё маҳдуд будани имконоти фаъолияти гурӯҳҳои аҳолӣ (пиронсолон, кӯдакон, маъюбон ва дигарон) муайян менамояд» [67, с. 58; 61, с. 67-70].

Сотсиологи англис С. Раунтри ҳамчун бунёдгузори методи стандартикунонии буҷа заминаи ченкунии камбизоатиро дар ҳисоби хароҷоти хонавода (барои хӯрокворӣ, иҷора ва ашёҳои дигари барои зиндагӣ муҳим) мебинад ва ин метод то имрӯз истифода мешавад. Ӯ кӯшиш намудааст, ки

стандарти ягонаи хароҷотҳои камтарини оиларо барои нигоҳдории беҳдошти ҷисмонӣ таҳия намояд. Сотсиолог барои муайян намудани стандарти ғизонокии хӯрокворӣ аз таҳқиқоти илмии профессори амрикоӣ У.О. Атвоутер истифода бурдааст, ки ба ақидаи охирин, талаботи як марди коргар дар як рӯз ба «3500 каллория ва 125 грамм сафеда» [148, с. 97]-и меъёрӣ ғизонокии хӯрокворӣ баробар аст. Бояд дар назар дошт, ки ин миқдор каллория танҳо барои зинда мондани шахс кофӣ буда, бо гузашти вақт фаъолияти ҷисмонии ӯ заиф мегардад.

Чи хеле ки қаблан гуфта гузаштем, ҳар як давлат меъёрҳои ченкунии камбизоатии худро муайян кардааст ва ҳатто дар давлатҳои мутараққӣ низоми ягонаи меъёрҳои муайянсозии сатҳи камбизоатӣ вуҷуд надорад. Масалан, дар ИМА камбизоатӣ аз рӯйи методи пешниҳоднамудаи иқтисодшиноси амрикоӣ М. Оршански (1915-2006) муайян мегардад. Ӯ худ низ иқрор шудааст, ки «ба даст овардани рӯйхати ягонаи молу маҳсулот ва хизматрасонҳое, ки бо доллар ҳисоб карда мешаванд, имконнопазир аст» [147, с. 5].

Бо такя ба маълумоти вазорати хоҷагидории ИМА (соли 1964) М. Оршански муайян намудааст, ки ба ҳисоби миёна ҳар як оилаи камбизоати амрикоӣ аз чор се ҳиссаи даромади худро барои хӯрокворӣ сарф менамояд. Ӯ чунин формулаи ченкунии ҳадди камбизоатиро муайян кардааст: «мақоми камбизоат ба он хонаводаҳое дода мешавад, ки даромади онҳо аз нархи сабади хӯрокворӣ се баробар зиёд набошад» [83, с. 79]. Масалан, агар маблағи сабади хӯрокворӣ барои як оила 1000 сомонӣ ҳисоб карда шавад, пас оила барои раҳоӣ аз камбизоатӣ бояд аз 3000 сомонӣ зиёд даромад дошта бошад. Чунки дар оила ғайр аз хӯрокворӣ, боз дигар хароҷот, мисли хароҷот барои либос, таҳсилот, доруворӣ, беҳдошт, роҳкиро ва ғайра мавҷуданд.

М. Оршански ба сабади хӯрокворӣ каллория, сафеда, чарб, карбогидрат, витамин ва минералҳоро ворид намудааст, ки ниёзҳои камтарини одамонро қонеъ мегардонанд. Ба андешаи донишманд, сабади хӯроквории ҳар як давлат вобаста ба сатҳи рушд, тарзи зиндагӣ, минтақаи ҷойгирӣ, захираҳои табиӣ, иқлим ва ғайра аз ҳамдигар тафовут дорад.

Дар моддаи 1-уми Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали зиндагӣ» мафҳуми «сабади истеъмолӣ» чунин навишта шудааст: «сабади истеъмолӣ – маҷмуи ҳадди ақали маҳсулоти озуқа, маҳсулоти ғайриозуқа ва хизматрасонӣ, ки барои нигаҳдории саломатии инсон, таъмини зиндагӣ ва фаъолияти ӯ заруранд» [4]. Дар моддаи 5 ҳамин Қонун таркиби сабади истеъмолӣ чунин муайян гардидааст: «Сабади истеъмолӣ аз инҳо иборат аст: маҷмуи маҳсулоти озуқа; маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа; маҷмуи хизматрасонӣ» [4].

Мутобиқи талаботи ин Қонун, ҳангоми муайян намудани маҷмуи муҳсулоти озуқа меъёрҳои эҳтиёҷоти ҳадди ақали гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ба маҳсулоти хӯрокворӣ, инчунин, таркиби кимиёвӣ ва арзиши ғазонокии ин маҳсулот ба инобат гирифта мешаванд. Ҳангоми муайян кардани маҷмуи маҳсулоти ғайриозуқа қонеи талаботи ҳадди ақали ҳаётан муҳимми гурӯҳҳои аҳолӣ ба маҳсулоти ғайриозуқа бо дар назардошти хусусиятҳои ҷинсиву синнусолӣ, инчунин, барои ташкили чорабиниҳо шароити маишӣ ба назар гирифта мешавад. Ҳангоми муайян намудани маҷмуи хизматрасонӣ қонеъ гардонидани эҳтиёҷоти аҳолӣ ба хизматрасонии манзилию коммуналӣ, маишӣ, нақлиётӣ ва алоқа ба инобат гирифта мешавад [4].

Сабади истеъмолӣ дар Тоҷикистон аллакай муайян гардидааст ва мувофиқи қонунгузорӣ, он ҳар панҷсола бозбинӣ мегардад: «Тибқи маълумоти Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии

Тоҷикистон арзиши сабади истеъмолӣ ба ҳар сари аҳолӣ ба ҳолати 1 январи соли 2021 ба ҳисоби миёна 674,30 сомониро дар як моҳ ташкил додааст. Аз он ба маҳсулоти озуқаворӣ 326,61 сомонӣ, молҳои ғайриозуқаворӣ 207,08 сомонӣ ва ба хизматрасонӣ 140,3 сомонӣ рост меояд, ки 48,5 дарсади арзиши сабади истеъмолиро маҳсулоти озуқаворӣ, 30,7 дарсад молҳои ғайриозуқаворӣ ва 20,8 дарсадро хизматрасониҳо ташкил медиҳанд» [79, с. 239; 125]. Муҳаққиқи соҳа Ф.И. Насриддинов пешниҳод менамояд, ки барои дақиқ муайян намудани сабади истеъмолӣ бояд Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳадди ақали сабади истеъмолӣ барои гурӯҳҳои асосии иҷтимоӣ-демографии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул шавад [79, с. 243]. Пешниҳодҳое ҳаст, ки барои муайян кардани сатҳи камбизоатӣ бояд ҳадди ақали музди маош ба инобат гирифта шавад. Тибқи ин равиш, агар даромади миёнаи иқтисодии оила ба ҳар як аъзои оила аз 50%-и ҳадди ақали музди меҳнат камтар бошад, пас чунин оила камбизоат ҳисобида мешавад.

Методи дигари муайян намудани сатҳи камбизоатӣ, ки ба хароҷоти аҳолӣ асос меёбад, методи деприватсионӣ ном дорад. Ин метод аз ҷониби П. Таунсенд пешниҳод шудааст ва барои муайян намудани сатҳи камбизоатӣ бештар дар Аврупо истифода мешавад. П. Таунсенд дар китоби худ «Камбизоатӣ дар Британияи Кабир» се методи ченкунии сатҳи камбизоатӣ: стандарти давлатии камбизоатӣ, стандарти камбизоатии даромади нисбӣ ва стандарти деправатсионии камбизоатиро таҳлил намудааст. Ба андешаи ин донишманд, «яке аз стандартҳои камбизоатӣ, ки назари қисмати бештари аҳолиро инъикос менамояд, стандарти давлатии камбизоатист» [149, с. 241].

П. Таунсенд стандарти камбизоатии даромади нисбиро методи алтернативии стандарти давлатии камбизоатӣ шуморида, деправатсияро чунин методи муайянсозии сатҳи камбизоатӣ меномад, ки дар он

нишондиҳандаҳо, мисли пӯшок, сӯзишворӣ ва қувваи барқ, таҷҳизоти хона, шароити маишии хона, шароити муҳити корӣ, тандурустӣ, таҳсил, муҳити зист, оила, фароғат, вазъи иҷтимоӣ ва ғайра ба инобат гирифта мешаванд [149, с. 249]. Мувофиқи методи деправатсионии П. Тайнсенд, хонаводаҳо дар ҳолате камбизоат ҳисобида мешаванд, ки агар аз маҷмуи 17 нишондиҳанда ё маҳдудиятҳои муайяншуда (ба ду гурӯҳ ҷудо шудаанд) ҳадди ақал ба 4-тои онҳо рӯ ба рӯ гарданд [126]:

| **Маҳдудиятҳое, ки хусусиятҳои иқтисодӣ доранд:** | |
|---|---|
| 1. | Маҳсулоти озуқавории арзонтаринро харидорӣ карда наметавонанд; |
| 2. | Либос ва пойафзоли калонсолонро дар мавсими сармо давоми 5 сол як маротиба ҳам аз нав иваз карда наметавонанд; |
| 3. | Имконияти барои бачагон харидорӣ намудани пӯшок ва пойафзоли навро надоранд; |
| 4. | Телевизион надоранд; |
| 5. | Яхдон надоранд; |
| 6. | Манзили дорои шароити хуб надоранд (таъмирталаб, намнок, фарсуда, куҳна будани манзили истиқоматӣ); |
| 7. | Барои саривақт пардохт намудани маблағи хизматрасонии коммуналӣ, пули андози манзил, барқ, газ, гармидиҳӣ ва ғайра имконият надоранд; |
| 8. | Масоҳати хонаи истиқоматӣ барои як нафар аз 5 метри мураббаъ зиёд нест; |
| 9. | Барои пардохти маблағи хизматрасонии зарурии тиббии муассисаҳои табобатӣ (ба истисноии духтури дандонпизишк) имконияти молиявӣ надоранд; |

| | |
|---|---|
| 10. | Барои харидории доруҳои зарурӣ ва асбобу анҷоми тиббӣ пул надоранд; |
| 11. | Барои муолиҷа, ҷарроҳӣ ва дигар намудҳои табобат маблағ мавҷуд нест; |
| 12. | Шароити гирифтани таҳсилоти касбӣ вуҷуд надорад; |
| **Маҳдудиятҳое, ки ба дараҷаи рушди инфрасохтор (дастрасии ҷуғрофии хизматрасонӣ) ва монеаҳои ғайриҷуғрофӣ вобастагӣ доранд:** | |
| 13. | Дар назди манзили истиқоматӣ қарор надоштани марказҳои савдои чакана; |
| 14. | Дар маҳалли зист набудани марказҳои хизматрасонии маишӣ; |
| 15. | Дар назди манзил набудани муассисаҳои тиббӣ ё дорухона; |
| 16. | Бо ёрии аввалини тиббӣ таъмин набудани маҳалҳои аҳолинишин; |
| 17. | Набудани алоқаи мунтазами нақлиётӣ бо дигар минтақаҳои аҳолинишин, ки инфрасохтори нисбатан тараққикарда доранд. |

Ҷомеашиноси рус Ю.Ю. Изварина ба сифати нишондиҳандаҳои камбизоатӣ хусусиятҳои зерини иҷтимоӣ-демографӣ: фавти кӯдакон, сатҳи саводнокӣ, фарогирӣ ба таҳсил, саломатии миллат, давомнокии умр, маҷмуи маҳсулоти дохилӣ бар ҳар сари аҳолӣ ва муҳоҷиратро пешниҳод намудааст [63, с. 11].

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ камбизоатӣ бештар бо истифода аз ҳадди ақали зиндагӣ чен карда мешавад, ки дар асоси он ҳадди камбизоатӣ – сатҳи даромади миёнаи ҳар сари аҳолӣ ҳангоми камбизоат эътироф гардидани оила муқаррар мегардад. Ҳадди камбизоатӣ аз ҳисоби эҳтиёҷоти моддии асосӣ муқаррар мешавад ва барои ин «бояд миқдори камтарини молҳои гуногун барои қонеи онҳо интихоб гардида, баъдан, арзиши харидории ин молҳо муайян шавад» [96, с. 181].

Донишманди тоҷик Л.Я. Бабаева пешниҳод намудааст, ки барои муайян намудани сатҳи камбизоатии нисбӣ дар Тоҷикистон аз методи деправатсионии П. Таунсенд ва ченкунии камбизоатии мутлақ бо миқдори даромад ва хароҷот аз ҳадди ақали зиндагӣ истифода бурдан лозим аст. Ба андешаи муҳаққиқ, камбизоатии мутлақ тавассути муқоисаи ҳаҷми маблағи даромад (ё хароҷот)-и шахс ё оила бо сатҳи ҳадди ақали муқарраршуда муайян мешавад ва «он ба талаботи физиологӣ, на ин ки иҷтимоӣ-фарҳангӣ такя карда, сабади истеъмолӣ тартиб дода шуда, нархи он муайян мегардад... Дар равияи нисбӣ ба ҳайси нишондиҳандаи камбизоатӣ муқоисаи сатҳи даромад ва истеъмоли дигар аъзоёни ҷомеа интихоб мегардад... Раванди интихобнамоии нишондиҳандаҳои субъективии камбизоатӣ бо интизорӣ ва тасаввуроти худи одамон алоқаманд аст» [112, с. 52].

Муҳаққиқи соҳа Т.Х. Мирзоев барои ченкунии камбизоатии мутлақ пешниҳод мекунад, ки нахуст номгӯйи молу маҳсулот ва сабади зиндагиро муайян намуда, сипас, бо дар назардошти дараҷаи истеъмоли ин молу маҳсулот «ҳадди камбизоатӣ»-ро таҳқиқ намудан лозим аст. Донишманд дар бораи методи дигари ченкунии камбизоатӣ чунин навиштааст: «Усули дигари ҳисобу китоби камбизоатӣ оморӣ-меъёрӣ номида мешавад, ки асосан дар мамлакатҳои Ғарб истифода мешавад. Мувофиқи ин усул, бо роҳи меъёрӣ танҳо «сабади зиндагӣ» муайян мешавад, чизҳои дигар (либос, хизмат, манзил ва ғайра) бошанд, дар асоси меъёрҳои истеъмолоти табақаҳои камбизоати аҳолӣ гӯё ҳамчун илова ба сабади истемолӣ хизмат менамоянд» [23, с. 15].

Муҳаққиқи ватанӣ А.Қ. Наҷибуллоев дар бораи такмили методҳои ченкунии камбизоатӣ вобаста ба хусусиятҳо ва фарҳанги миллӣ чунин навиштааст: «Гузашта аз ин, такмили усулҳои баҳодиҳии камбизоатӣ бо назардошти хусусиятҳои миллӣ, амиқан, ташхиси паҳлӯҳои гуногуни он ва

эътимоднок арзёбӣ намудани некуаҳволӣ боиси он мегардад, ки ҳар гуна баҳодиҳии амалишуда ва банақшагирифташуда, ки аз ҷониби доираи гуногуни таҳқиқотӣ гузаронида мешаванд, тасҳеҳ карда шаванд. Ин дар навбати худ, ба арзёбии субъективии сатҳи некуаҳволии мардуми кишвар ва ворид намудани латма ба мақоми мусбати мамлакати мо хотима бахшида метавонад» [80, с. 104].

Ҷомеашиноси рус Л.Г. Батракова методҳои гуногуни ченкунии сатҳи камбизоатии аҳолиро таҳлил намуда, онҳоро чунин тасниф кардааст:

1. Муқаррар намудани ҳадди ақали зиндагӣ дар асоси сабади истеъмолӣ, ки ба камбизоатии мутлақ асос ёфтааст.
2. Методи маҳрумӣ (деприватсионӣ) – шаҳрвандоне, ки истеъмолашон ба меъёри қобили қабули ҷомеа мувофиқат намекунад ва молу хизматрасонии муайяншуда дастрасӣ надоранд, камбизоат ҳисобида мешаванд. Стандарти манзили истиқоматӣ барои камбизоатон ё ҳадди ақал ба табақаи миёнаи поёнӣ нигаронида шудааст. Дар Россия меъёри манзили истиқоматӣ барои як нафар 18 $м^2$ ва дар Аврупо 30 $м^2$ аст. Шахсоне, ки дар хонаҳои коммуналӣ зиндагӣ мекунанд (сарфи назар аз миқдори метри ишғолшуда) ба камбизоатон мансубанд.
3. Методи сиёсати иҷтимоӣ, ки тибқи он нафақаи ҳадди ақал ба сифати ҳадди расмии камбизоатӣ қабул мегардад. Масалан, ин метод дар Британияи Кабир ва Шветсия истифода мешавад.
4. Методи нобаробарии иҷтимоӣ, ки дар доираи он сатҳи камбизоатӣ дар асоси муқоисаи даромади аҳолӣ бо сатҳи медиана (ё миёна)-и некуаҳволии иқтисодӣ муайян мешавад.

5. Методи интегралӣ – дар он як қатор нишондиҳандаҳои оморӣ, ки сатҳи камбизоатии аҳолиро инъикос менамоянд, дар доираи як нишондиҳандаи умумӣ ҷамъбаст ва таҳлил мешаванд [53, с. 120].

Ҷомеашиноси дигар А.К. Халифаева низ ба масъалаи методҳои баҳодиҳии камбизоатӣ таваҷҷуҳ намуда, онҳоро чунин гурӯҳбандӣ менамояд:

1. Методи оморӣ – одамоне камбизоат ҳисобида мешаванд, ки аз ҳаҷми даромади ҳар сари аҳолӣ дар зинаи поёнӣ қарор доранд.
2. Методи меъёрӣ – камбизоатии аҳолӣ мувофиқи стандарҳои ғизо ва дигар стандартҳои маҷмуи ҳадди ақали истеъмолӣ, яъне сабади истеъмолӣ ҳисоб карда мешавад.
3. Методи табақабандӣ – гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ бо дар назардошти маҳдуд будани қобилияти худтаъминкунии онҳо муайян мегарданд (аз ҷумла пиронсолон, маъюбон, аъзоёни оилаҳои серфарзанд, ятимон, бекорон, муҳоҷирон ва дигар гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ).
4. Методи маҳрумӣ – дар доираи он камбизоатӣ дар асоси сатҳи пасти истеъмоли маҳсулот ва молҳои барои зиндагӣ зарур муайян мешавад.
5. Методи иқтисодӣ – дар доираи он категорияи камбизоатон бо дар назардошти имконоти захиравии давлат барои дар сатҳи муайяни таъминоти моддии онҳо муайян мешавад.
6. Методи эврестикӣ – муайян намудани камбизоатӣ дар асоси баҳодиҳии афкори омма ё аз мавқеи худи посухдиҳандагон нисбат ба кофӣ ё нокофӣ будани шароити зиндагии онҳо амалӣ мегардад [102, с. 130].

Ҷомеашиноси рус М.В. Игнаток пешниҳод менамояд, ки ҳадду ҳудуди камбизоатиро на танҳо аз рӯйи сатҳи даромади иқтисодӣ, балки вобаста ба сатҳи имконоти дараҷаи истеъмол ва сифати зиндагонӣ ҳам баҳо додан лозим аст, зеро баъзан одамони дорои сатҳи баланди даромади молиявӣ сифати

зиндагии паст доранд. Ба андешаи донишманд, масъалаи камбизоатии коргарон бояд бо дар назардошти ҷанбаҳои зерин аз нав мавриди баррасӣ қарор гирад: «1) ҳангоми муайян кардани дараҷаи камбизоатӣ ҳадди ақали зиндагиро на бо даромади воқеии аҳолӣ, балки бо даромади ҳисобшуда, аз ҷумла даромади пинҳонӣ: маоши пинҳонӣ, даромад аз иҷора, пардохтҳои натуралӣ, даромад аз хоҷагии ёрирасон ва дигар молу мулк муқоиса кардан лозим аст; 2) ба фикри мо, бояд хароҷоти таълим, касбомӯзӣ ва бозомӯзӣ ба сабади истеъмолии аҳолии қобили меҳнат дохил шаванд» [61, с. 71].

Ҷомеашиноси дигари рус О.В. Воронкова низ ба сифати нишондиҳандаи баҳодиҳии камбизоатӣ на даромади иқтисодӣ, балки интихоби истеъмолотро ҷонибдорӣ намудааст. Ба ақидаи ӯ, ба сифати нишондиҳандаи асосӣ қабул шудани истеъмолот:

– бо мавҷудияти маблағҳои кофӣ барои қонеи ниёзҳои асосӣ зич алоқаманд аст;
– ченкунӣ нисбат ба даромад осонтар аст, масалан, дар он ҷое ки бахши ғайрирасмӣ нақши муҳим мебозад ё даромад арзиши пулӣ надорад;
– сатҳи воқеии зиндагии хонаводаҳо ва қобилияти қонеи эҳтиёҷоти онҳоро, масалан, тавассути дастрасии хонаводаҳо ба қарзҳо ё пасандозҳо дар ҳолати тағйири назарраси даромад беҳтар инъикос мекунад [54, с. 148].

Дар ҷаҳони муосир барои омӯзиш, ченкунӣ ва таҳлили камбизоатӣ бо дар назардошти омилҳои гуногун бештар меъёр ва нишондиҳандаҳои муқаррарнамудаи СММ ва Бонки Ҷаҳонӣ истифода мешаванд. Дар соли 1978 комиссияи СММ 12 нишондиҳандаи сатҳи зиндагии аҳолиро таҳия намудааст: тавсифи иҷтимоӣ-демографӣ, шароити беҳдошти зиндагӣ, истеъмоли маҳсулоти озуқаворӣ, шароити маишӣ, маориф ва фарҳанг, шароити шуғл ва

меҳнат, даромад ва хароҷоти аҳолӣ, сатҳи зиндагӣ ва нархҳои истеъмолӣ, воситаи нақлиёт, ташкили истироҳат, таъминоти иҷтимоӣ ва озодии инсон [60, с. 92].

Ҳамзамон, Барномаи рушди СММ барои давлатҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф ду гурӯҳи нишондиҳандаи сатҳи камбизоатиро муқаррар намудааст. Барои давлатҳои мутараққӣ сатҳи камбизоатии аҳолӣ аз рӯйи чор нишондиҳандаи зерин баҳо дода мешавад:

1. Дарозумрӣ – ҳиссаи аҳолие, ки то 60 солагӣ умр намебинанд.
2. Таҳсилот – ҳиссаи одамони калонсоли таҳсилнакарда.
3. Сатҳи даромад – ҳиссаи аҳолӣ бо даромади камтар аз 50%-и даромади медианаи оморӣ.
4. Инзиво (изолятсия)-и иҷтимоӣ – муддати бекории ҳиссаи аҳолии бекор.

Барои давлатҳои рӯ ба инкишоф чунин нишондиҳандаҳои сатҳи камбизоатӣ муқаррар шудаанд:

1. Дарозумрӣ – ҳиссаи аҳолие, ки то 40 солагӣ умр мебинанд.
2. Таҳсилот – ҳиссаи аҳолии калонсоле, ки таҳсилоти расмӣ надоранд.
3. Сатҳи зинадагӣ – аз се нишондиҳанда иборат аст: ҳиссаи аҳолие, ки ба оби тозаи ошомиданӣ дастрасӣ надоранд; ҳиссаи аҳолие, ки аз хизматрасонии тандурустӣ маҳруманд ва ҳиссаи кӯдакони то 5 солае, ки аз норасоии ғизо ранҷ мекашанд [104, с. 7].

Инзивои иҷтимоӣ яке аз нишонаҳои асосии сатҳи камбизоатӣ буда, ба шароити номусоиди иҷтимоӣ-иқтисодии шахс вобастагӣ дорад. Дар кишварҳои рӯ ба рушд гуруснагӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ ва маҳдуд будани захираҳои иқтисодӣ боис мегарданд, ки қисми зиёди аҳолӣ аз имконияти таҳсил маҳрум шуда, ба хизматрасониҳои тиббӣ дастрасии кофӣ надоранд, манзили истиқоматиашон муносиб нест ва низоми таъминоти

санитарию гигиенӣ рушд накардааст. Ҳамаи ин мушкилот дар кишварҳои пешрафта аллакай ҳал шудаанд.

Ба андешаи муҳаққиқони рус А.А. Разумов ва О.В. Селиванова, вазъи мушкили камбизоатӣ ва инзивои иҷтимоиро чунин тавсиф намудан мумкин аст:

– дар ҳадди мутлақи камбизоатӣ, чун қоида, оилаҳои кӯдаки то 7-сола дошта, оилаҳои серфарзанд, оилаҳои кӯдакони маъюбиятдошта ва оилаҳои нопурра қарор доранд;
– сатҳи таъминоти моддии оилаҳои камтаъмин дар баробари зиёд шудани шумораи фарзандон паст шуда, мутобиқан, ба мушкилоти зиёди молиявӣ дучор мешаванд;
– дар байни шаҳрвандони камдаромад ҳиссаи одамони дорои маълумоти миёна ва миёнаи махсус зиёд аст;
– сатҳи баланди камбизоатӣ дар оилаҳое мушоҳида мешавад, ки аъзои қобили меҳнати онҳо бекоранд, нопурра кор мекунанд ё музди меҳнати ночиз ба андозаи ҳадди ақали музди меҳнат ё каме баландтар мегиранд [88, с. 82].

Баъзе аз муҳаққиқони ватанӣ ва хориҷӣ барои арзёбии ҳадди камбизоатӣ ва муайян кардани гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ аз равишҳо ё методҳои субъективӣ истифода мекунанд. Аз ҷумла:

1. Методи худҳисобкунӣ. Дар асоси фикри худи аъзоёни ҷамъият дар бораи ба кадом табақаи иҷтимоӣ мансуб будани онҳо амалӣ мегардад. Тибқи ин метод, миқёси камбизоатӣ фоизи аҳолиест, ки худро камбизоат мешуморанд.
2. Методи нуфуз (репутатсия). Барои муайян кардани шахсони камбизоат дар байни аҳолӣ пурсиш гузаронида мешавад. Аз пурсидашудагон

хоҳиш карда мешавад, ки аз рӯйхати гурӯҳҳои иҷтимоӣ-касбӣ шахсони камтаъминро интихоб кунанд ё онҳоро аз рӯйи сатҳи даромад зинабандӣ намоянд.

3. Методи муайянкунии субъективии меъёрӣ. Дар доираи он ҳаҷми ҳадди ақали даромаде, ки барои таъмини сатҳи қобили зиндагӣ зарур аст, дар асоси арзёбӣ ва андешаҳои субъективии худи аҳолӣ муайян мешавад. Мусоҳибон дар бораи миқдори даромади барои таъмини талаботи асосии оилаи худ ва оилаи дигари намунавӣ (аз ду калонсол ва ду кӯдак иборат аст) андешаҳои худро иброз медоранд. Дар натиҷа, ҳадди камбизоатӣ дар асоси нишондиҳандаи миёнае, ки аз ҷониби аксарияти пурсидашудагон пешниҳод шудааст, муайян мегардад [68, с. 137].

Мутаассифона, баҳодиҳии субъективии қаноатмандӣ аз сатҳи некуаҳволии моддии шахсӣ эътимоднок нест, зеро байни худбаҳодиҳии субъективӣ ва сатҳи воқеии даромади одамон ҳамбастагӣ вуҷуд надорад. «Истифодаи мустақилонаи меъёри камбизоатии субъективӣ вобаста ба хусусияти он маҳдуд аст, зеро эҳсоси камбизоатӣ на ҳамеша ва на танҳо бо душвориҳои моддии хоҷагӣ алоқаманд аст. Дар баробари ин, баҳодиҳии субъективӣ хеле муҳим аст, зеро маҳз аз рӯйи ҳамин меъёр аҳолиеро муайян кардан мумкин аст, ки худро камдаромад меҳисобад ва сатҳи пасти зиндагӣ доранд. Илова бар ин, баҳодиҳии субъективӣ динамикаи равандҳои иҷтимоию иқтисодии кишварро хуб инъикос мекунанд» [87, с. 69].

Дар натиҷаи муқоисаи нишондиҳандиҳандаҳои пешниҳодшуда аён мегарад, ки ҳамаи онҳо дар асоси талаботи одитарини шахс ба хӯрок, пӯшок, таълимот, тандурустӣ ва ғайра асос ёфта, аз ҳамдигар кам фарқ доранд. Тафовутҳо дар талаботи худи ҷомеа асос ёфта, ҳар як давлат нишондиҳандаҳои ба худ зарурро интихоб менамояд. Бонки Ҷаҳонӣ ду

намуди камбизоатӣ: мутлақ ва нисбиро муқаррар намудааст. Ҳадди мутлақи камбизоатӣ маҷмуи муайяни захираҳоеро ифода мекунад, ки барои таъмини ҳадди ақали сатҳи зиндагии онҳо заруранд. Нишондиҳандаҳои нисбии камбизоатӣ ҳадди ниҳоиеро истифода мебаранд, ки нисбат ба вазъи миёнаи ҷомеаи дахлдор муқаррар шудаанд. Одатан, чунин меъёрҳо ҳиссаи даромади миёна ва медиана ё хароҷот мувофиқ мебошанд.

Дар чунин равиш камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии болотар аз камбизоатии мутлақ дониста шуда, дар чунин вазъият шахс дар фаъолияти ҷамъиятӣ пурра ширкат дошта метавонад. Бесабаб нест, ки Шурои аврупоӣ соли 1975 камбизоатиро чунин муайян намуда буд: «одамоне камбизоат ҳисобида мешаванд, ки агар даромад ва захираҳои онҳо ба ҳадде маҳдуд бошанд, ки онҳо дар кишварашон сатҳи зиндагии қобили қабулро нигоҳ дошта наметавонанд» [29, с. 19].

Хадамоти федералии омори давлатии Россия аз соли 2020 барои баҳодиҳии сатҳи деправатсия чунин индексҳоро ба назар мегирад:

1. **Индекси камбизоатии бисёрченака**. Ин индекс сатҳи камбизоатии бисёрченакаи аҳолиро инъикос намуда, 14 меъёри асосиро дар бар мегирад: сатҳи тандурустӣ, маориф, шуғл, ғизо, либос ва пойафзол, дастрасӣ ба молҳои аввалия, дору, воситаи алоқа, қонеи эҳтиёҷоти асосӣ, имконияти муошират ва истироҳат, хариди асосӣ, сатҳи даромад, шароити манзил ва муҳити зист. Он имкон медиҳад, ки шумораи маҳрумиятҳоеро, ки шахс рӯз аз рӯз ба он дучор мегардад, ҳисоб карда шавад. Камбизоат оилаҳое мебошанд, ки ҳадди ақал аз рӯйи чор меъёр маҳрумият доранд.
2. **Индекси маҳрумияти моддӣ.** Ин методи муайянкунии камбизоатии нисбист, ки дар доираи он меъёрҳои камбизоатӣ дар муқоиса бо сатҳи

зиндагӣ дар кишвар бо роҳи муайян намудани маҳрумиятҳо муқаррар мешаванд. Дар рӯйхати маҳрумиятҳо 16 нишондиҳанда мавҷуд аст. Камбизоат хонаводаҳое ҳастанд, ки ҳадди ақал шаш маҳрумияти моддиро аз сар мегузаронанд.

3. **Индекси маҳрумияти иҷтимоӣ.** Ин индекс дастрасӣ доштан ё надоштани шахсро ба хизматрасониҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ аҳаммиятнок, ҷалби ӯ ба иртиботи иҷтимоӣ, инчунин, вазъи молиявии ӯро тавсиф мекунад. Индекс дорои 18 нишондиҳанда буда, надоштани қобилияти иштироки пурраи шаҳрвандонро дар ҷомеа арзёбӣ мекунад [47, с. 16].

Дар бештари давлатҳои Иттиҳоди Аврупо фарде камбизоати мутлақ дониста мешавад, ки агар ӯ чор ё зиёда аз молу маҳсулот ва хизматрасониии зеринро дастрас карда натавонад:

1. Компютер ва дастрасӣ доштан ба интернет барои истифодаи шахсӣ дар хона.
2. Ивази мебели фарсуда.
3. Ивази либоси фарсуда бо либоси нав.
4. Хариди ду ҷуфт пойафзол (аз ҷумла як ҷуфт пойафзоли мавсимӣ).
5. На камтар аз як маротиба дар як моҳ хӯрдани хӯроки шом (хӯроки нисфирӯзӣ) бо дӯстон ё хешовандон.
6. Иштироки мунтазам дар чорабиниҳои фароғатӣ ва истироҳатӣ.
7. Ҳар ҳафта сарфи маблағи муайян барои эҳтиёҷоти шахсӣ [47, с. 17; 124].

Нишондиҳандаҳои ҳадди камбизоатӣ дар байни кишварҳои мутараққӣ ва рӯ ба инкишоф ба таври назаррас фарқ мекунанд. То соли 2015 дар ИМА хатти камбизоатӣ барои як нафари то 65-сола дар як сол 11,770 доллари ИМА арзёбӣ мегардид. Нишондиҳандаи камбизоатӣ барои як оилаи 4-нафара, аз ҷумла бо ду фарзанд, 24,250 доллари ИМА буд. Соли 2021 аҳолии камбизоати ИМА 7,7%-ро ташкил дод. Сатҳи расмии камбизоатӣ дар Ҳиндустон, вобаста

ба деҳот ва шаҳр тақсим мешавад. Камбизоатӣ барои сокинони шаҳр дар як моҳ бо 12 доллари ИМА ва сокинони деҳот 7,5 доллари ИМА зиндагӣ кардани як нафар ҳисоб мешавад [139].

Бонки ҷаҳонӣ ҳадди камбизоатиро дар сатҳи байналмилалӣ аз рӯйи се нишондиҳандаи пулӣ (даромади аҳолӣ дар як рӯз) муайян кардааст:

- барои кишварҳои дорои даромади аз миёна боло дар як рӯз 6,85 доллари ИМА (аз моҳи июни соли 2025 то 8,30 доллари ИМА);
- барои кишварҳои дорои даромади аз миёна поён дар як рӯз 3,65 доллари ИМА (аз моҳи июни соли 2025 то 4,20 доллари ИМА);
- барои кишварҳои дорои даромади дараҷаи кам ё камбизоатии мутлақ дар як рӯз 2,15 доллари ИМА (аз соли 2015 то соли 2025 то 1,9 доллари ИМА поён бурда шуд, аммо аз моҳи июни соли 2025 бошад, то 3,0 доллари ИМА баланд гардид) [29, с. 19; 135].

Дар баъзе аз кишварҳо аз ҷумла Тоҷикистон нишондиҳандаҳои камбизоатии мутлақ истифода мешавад, ки ба ҳисоби арзиши сабади истеъмолӣ ва таъминоти меъёри шабонарӯзии физиологӣ ба ҳар нафар асос ёфтааст. Мувофиқи ин методика, таъминоти меъёри шабонарӯзии физиологӣ ба ҳар нафар дар Тоҷикистон 2250 килокаллорияро ташкил медиҳад (барои муқоиса дар Армения – 2232 ккал ва Қазоқистон – 2100 ккал ва ғайра). Аз рӯйи ҳисоби Бонки Ҷаҳонӣ аҳолие, ки дар як рӯз аз 1,90 доллари ИМА кам даромад доранд, аз ҳад камбизоат (камбизоати мутлақ, фақир) ва дорои даромади 3,10 доллари ИМА камбизоат мебошанд. Аввалин маротиба ҳадди байналхалқии камбизоатии мутлақ соли 1985 дар сатҳи 1,01 доллари ИМА муайян гардида буд ва соли 1993 то 1,08 доллари ИМА ва соли 2009 то ба 1,25 доллари ИМА боло бардошта шуд, ки то имрӯз давом дорад [47, с. 14-20].

Бонки Ҷаҳонӣ соли 2015 аҳолии камбизоати Тоҷикистонро аз рӯйи даромад (ё хароҷот)-и 6,85 доллари ИМА дар як рӯз ба 66,4%, аз рӯйи даромад (ё хароҷот)-и 3,65 доллари ИМА дар як рӯз ба 25,7% ва аз рӯйи даромад (ё хароҷот)-и 2,15 доллари ИМА дар як рӯз ба 6,1% муайян намуд [152]. «Дар ИМА мафҳуми «камбизоатии экстремалӣ» вуҷуд дорад ва он ба мавқеи СММ мувофиқат мекунад (камтар аз 2 доллари ИМА дар як рӯз барои як нафар) ва ҳам аз мафҳуми «камбизоатии канорӣ» (шаддид) истифода мегардад, ки бо истифода аз методологияи Бонки Ҷаҳонӣ ҳисоб карда мешавад (1,25 доллари ИМА дар як рӯз барои як нафар)» [60, с. 93].

Дар Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ бо меъёрҳои гуногун чен карда мешавад ва то ҳол ҳалталаб аст, ҳарчанд дар ин самт таҳқиқоти арзишманде ба анҷом расонида шудаанд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ камбизоатӣ дар Тоҷикистон, дар се сатҳ чен мешавад. Сатҳи аввал камбизоатии мутлақ ё ҳадди поёнии камбизоатӣ, ки як аъзои оила дар як шабонарӯз то 1,9 доллари ИМА (тахминан 19 сомонӣ) даромади иқтисодӣ дорад. Масалан, агар як оила аз шаш нафар иборат бошад ва даромади ҳамаи онҳо дар як шабонарӯз ба 10 доллари ИМА ё (тахминан 100 сомонӣ) баробар бошад, пас ин оила ба камбизоатии мутлақ гирифтор аст. Сатҳи дуюми камбизоатӣ ё камбизоатии нисбӣ, ки даромади иқтисодии як аъзои оила ба 2,5 доллари ИМА (тахминан 25 сомонӣ) баробар аст. Ба ҳудуди сеюми камбизоатӣ он нафароне шомил мегарданд, ки даромади миёнаи иқтисодии онҳо дар як шабонарӯз то 4,3 доллари ИМА (тахминан 43 сомонӣ)-ро ташкил медиҳад.

Ба ҳолати 1 июни соли 2023 музди миёнаи меҳнат дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ба 1907,2 сомонӣ баробар гардида, нисбат ба ҳамин давраи соли 2022 ба андозаи 260 сомонӣ ё 15,7 фоиз зиёд шудааст. Дар ҳамин давра

шумораи умумии кормандони кироя ба 1245,5 ҳазор нафар расидааст, ки дар муқоиса бо ҳамин давраи соли 2022 (1235 ҳазор нафар) 9,6 ҳазор нафар ё 0,8 фоиз зиёд мебошад [125]. Аз 1-уми июли соли 2024 ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар аз 600 сомонӣ ба 800 сомонӣ баланд бардошта шуд [129]. Минбаъд, аз 1-уми сентябри соли 2025 ин нишондиҳанда то 1000 сомонӣ [130] дар як моҳ муқаррар гардид. Инчунин, дар асоси супориши Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «ҳадди ақали музди меҳнат барои тамоми соҳаҳои иқтисодиву иҷтимоии кишвар ба андозаи 1300 сомонӣ дар як моҳ муқаррар» [131] мешавад.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани сатҳи камбизоатӣ аз маводи таҳқиқоти буҷаи хонаводаҳо васеъ истифода бурда мешавад. «Бояд гуфт, ки қисми расман ба қайд гирифташудаи аҳолии камбизоат фоизи воқеии камбизоатиро нишон намедиҳад, зеро он шахсонеро, ки намехостанд ва ё натавонистанд вазъи пасти молиявии худро исбот кунанд, ба инобат намегирад. Барои муайян кардани дараҷаи воқеии камбизоатӣ маълумоти оморие, ки ҳангоми омӯзиши буҷаи хонаводаҳо ба даст оварда шудаанд, истифода бурдан лозим аст, ки дар онҳо дар бораи даромад, хароҷот, истеъмол ва молу мулк, тавсифи аъзоёни хонавода (ҷинс, синну сол, шуғл) маълумот мавҷуд аст» [68, с. 134].

Барои таҳияи интихобнома маводи барӯйхатгирии аҳолӣ ва рӯйхати хонаҳои истиқоматии шаҳр ва хоҷагиҳои маҳаллҳои деҳот ба инобат гирифта мешаванд. Маводи таҳқиқоти буҷаи хонаводаҳо имконият медиҳад, ки раванди тақсимот ва тафриқаҳои иҷтимоии аҳолӣ вобаста ба сатҳи неъматҳои моддӣ таҳлил шуда, дар бораи шароити ҳаёти гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ маълумоти зарурӣ дастрас гардад. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон меъёри асосии

сатҳи таъминоти моддии аҳолӣ хароҷоти истеъмолӣ ба ҳисоб меравад. Камбизоатии шадид ба нишондиҳандаҳои сабади истеъмолӣ алоқаманд буда, дар асоси меъёри физиологии истеъмоли якрӯзаи ба ҳар сари аҳолӣ муайян мешавад, дар Тоҷикистон ин меъёр ба 2250 килокаллория дар як шабонарӯз баробар аст [126].

Ҷомеашиноси тоҷик А.Н. Нурализода ба нишондиҳандаҳои моддӣ молҳои истеъмолӣ, таъмини манзил, даромади аҳолӣ ва ба нишондиҳандаҳои ғайримоддӣ: маориф, ёрии тиббӣ ва хизматрасонии маданию маиширо дохил намудааст [81, с. 93]. Вобаста ба интихоби методҳои гуногуни ченкунӣ сатҳи камбизоатӣ тағйир ёфта метавонад ва ин ҳолат омӯзиши масъаларо мушкилтар менамояд. Баъзе аз ҷомеашиносон ба омори камбизоатӣ бо шубҳа менигаранд ва фикр доранд, ки омори расмӣ воқеиятро дақиқ муайян карда наметавонад, баҳисобгирии даромад ва хароҷоти оила самаранок нест. Ба андешаи сотсиологи рус, Г.П. Кулешова дар аксарияти давлатҳои пасошуравӣ сатҳ ва миқёси камбизоатӣ дар асоси сатҳи камтарини даромад бо роҳи сиёсӣ-маъмурӣ муайян мешавад, ки воқеиятро объективӣ инъикос карда наметавонад [69, с. 161].

Ба андешаи муҳаққиқони ватанӣ, сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон хусусияти мавсимӣ дорад ва аз як семоҳа ба семоҳаи дигар ба таври назаррас тағйир ёфта, муайян кардани камбизоатонро душвор месозад. «Мувофиқи маълумоти таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо дар давоми ҳамаи семоҳаи ин давра (2019) қариб 50 фоизи хонаводаҳо ҳеҷ гоҳ камбизоат набуданд ва қариб 10 фоизи аҳолӣ ба таври доимӣ дар ҳолати камбизоатӣ қарор доштаанд. Боқимонда 40%-и аҳолӣ аз ҳадди камбизоатӣ болою поён ҳаракат мекунанд» [89, с. 112]. Ба андешаи иқтисодшиноси тоҷик Х. Умаров, «Ҳиссаи хароҷоти озуқаворӣ барои гурӯҳҳои камдаромад 70 фоиз ва барои гурӯҳҳои сердаромад

камтар аз 30 фоизро ташкил медиҳад. Гузашта аз ин, дар байни хонаводаҳои камбизоат бо зиёд будани ҳиссаи хароҷоти озуқаворӣ аъзои худро бо миқдори кофии каллорияҳо, сафедаҳо, витаминҳо, микроэлементҳо ва ғайра таъмин карда наметавонанд» [138].

Ҷомеашиноси тоҷик Л.Я. Бабаева бар ин назар аст, ки дар шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон, пеш аз ҳама, зарур аст, ки сатҳи камбизоатии мутлақ муайян шавад. Барои қонеи талаботи биологии инсон бояд ҳаҷм ва намудҳои маҳсулот, инчунин, хизматрасонии ҳаётан зарур дақиқ муайян ва интихоб гарданд. Нафароне, ки захираҳои кофӣ барои қонеъ гардонидани ин талаботи худро надоранд, камбизоат ҳисоб карда шаванд. Ба андешаи муҳаққиқ, «ҳадди ақали зиндагӣ бо ҳадди камбизоатии мутлақ мувофиқат мекунад ва вазифаҳои асосии он муайян намудани сарҳади охирон мебошад. Дар Тоҷикистон нишондиҳандаи асосие, ки имкон медиҳад сатҳи камбизоатиро муайян намоем, ҳадди ақали зиндагӣ мебошад» [112, с. 55].

Л.Я. Бабаева роҳи маъмулу боэътимоди ченкунии камбизоатии аҳолиро методи пурсиши хонавода меҳисобад, зеро ин метод «имкон медиҳад оид ба сохтори даромад ва хароҷоти хонавода, нархи бозор ва инфрасохтори минтақаи аҳолинишин маълумот гирифта шавад» [112, с. 43]. Ба андешаи муҳаққиқ, ҳарчанд пурсиши хонаводаҳо хароҷоти зиёдро талаб кунад ҳам, дар сурати дуруст истифодаи натиҷаҳои он ислоҳоти соҳаи сиёсати иҷтимоӣ самаранок ба роҳ монда шуда, хароҷоти беҳуда пешгирӣ ва маблағи сарфшуда ҷуброн мегардад.

Ҳамзамон, муҳаққиқи соҳаи камбизоатӣ дар Тоҷикистон Л.Я. Бабаева дар муайян намудани даромади ҳақиқии аҳолӣ як қатор мушкилотро пешбинӣ намуда, пешниҳод менамояд, ки ҳангоми муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар баробари даромади иқтисодӣ ва нишондиҳандаи ҳадди ақали

зиндагӣ, инчунин, хароҷоти аҳолӣ низ ба назар гирифта шавад. Дар ин маврид муҳаққиқ чунин навиштааст: «Бо муайянсозии даромади ҳақиқии аҳолӣ баъзе мушкилиҳо мавҷуданд, ки ба онҳо интиқоли маблағи муҳоҷирон, даромади ғайримолиявӣ (асосан хоҷагидорӣ, ки барои сокинони деҳа хос аст) ва даромад аз шуғли ғайрирасмӣ дохил мешаванд. Аз ҳамин сабаб, ба ҳайси нишондиҳандаи ҳисобшаванда маълумот оид ба хароҷот интихоб гардид, ки оид ба вазъи молиявии оила маълумоти боваринокро пешниҳод менамояд» [112, с. 48].

Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки чен кардани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон вобаста ба даромади иқтисодии аҳолӣ на ҳама вақт имконпазир аст, зеро аксарияти аҳолӣ даромади иқтисодии воқеии хешро бо сабабҳои гуногун (аз ҷумла бо сабаби шуғли ғайрирасмӣ доштан ва насупоридани андоз барои даромад) камтар нишон медиҳанд ва ё пинҳон медоранд. Инчунин, як қисми аҳолӣ бо сабаби гуногун будани сарчашмаҳои даромад ва паст будани маърифати молиявӣ даромади воқеии худро дақиқ ҳисоб карда наметавонанд. Дар ин маврид, ба пешниҳоди муҳаққиқ Л.Я. Бабаева пурра розӣ шуда метавонем ва барои муайян намудани даромади иқтисодии аҳолӣ бояд хароҷоти моддӣ ва молиявии онҳо ҳисоб карда шавад.

Умуман, дар таҷрибаи ҷаҳонӣ асосан се консепсияи муайян кардани камбизоатӣ истифода мешавад. Якум, консепсия камбизоатии мутлақ ном дорад, ки бо мафҳуми «ҳадди камбизоатӣ» алоқамандӣ дорад. Ҳадди камбизоатӣ сатҳи даромад ва ё сатҳи истеъмолоти шахс ё оиларо дар бар мегирад. Камбизоатии мутлақ аксар вақт ҳамчун шумораи одамон ё хонаводаҳое чен карда мешавад, ки сатҳи истеъмол ё даромадашон аз ҳадди камбизоатӣ поён аст. Бонки Ҷаҳонӣ барои ҳадди камбизоатии мутлақро то

соли 2015 бо 1,25 доллари ИМА дар як рӯз зиндагӣ кардан муқаррар мекард ва соли 2015 ҳадди камбизоатиро то ба 1,9 доллари ИМА дар як рӯз боло бардошт.

Илова бар ин, Бонки Ҷаҳонӣ сатҳи камбизоатии мутлақро барои давлатҳои дорои даромади аз миёна поён (3,2 доллари ИМА дар як рӯз), даромади миёна (5,5 доллари ИМА дар як рӯз) ва даромади баланд (21,7 доллари ИМА дар як рӯз) муқаррар кардааст. Нишондиҳандаҳои муайян намудани камбизоатии мутлақ ба меъёрҳои пулӣ асос ёфта, дастрасӣ ба маориф, хадамоти тандурустӣ, таъминот ба об ва неруи барқро ба назар намегиранд.

Консепсияи дуюми ченкунӣ камбизоатии нисбӣ ном дорад, ки он дар муқоиса ба даромади миёнаи аҳолӣ ҳисоб карда мешавад. Дар ибтидо медианаи даромади миёнаи аҳолиро муайян мекунанд ва нафароне, ки аз миёнаи медиана (50%-и даромадҳои поёни медиана) кам даромад доранд камбизоат дониста мешаванд. Дар кишварҳои гуногун ҳадди камбизоатӣ 40%, 50% ва ё 60%-и медианаи даромадро ташкил дода метавонад. Таҳқиқот нишон медиҳанд, ки камбизоатии мутлақро бартараф кардан мумкин аст, аммо камбизоатии нисбӣ ҳамеша боқӣ мемонад, зеро он ба нобаробарии иҷтимоӣ алоқамандӣ дорад ва нобаробарии иҷтимоӣ ҷузъи таркибии ҳар як давлати ҷаҳонӣ ба ҳисоб меравад.

Консепсияи сеюми ченкунӣ камбизоатии субъективӣ ном дорад, ки ба андешаи шахсӣ ва субъективии худи одамон алоқаманд мебошад. Яъне одамон дар раванди назарпурсиҳо худ муайян мекунанд, ки камбизоат ҳастанд ё не. Сипас, афкори омма дар бораи камбизоатии хеш бо сатҳи даромади аҳолӣ муқоиса мешавад. Агар ҳангоми ченкунии камбизоатӣ як

ченак истифода шавад, онро консепсияи якченака ва агар якчанд ченаки муайянкунӣ истифода гардад, пас онро консепсияи бисёрченака меноманд.

Нишондиҳанда ва методҳои муайян намудани камбизоатӣ дар ҷаҳон вобаста ба сатҳи тараққиёти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, даромади аҳолӣ, тарзи зиндагӣ, фарҳанги миллӣ ва худбаҳодиҳӣ тафовут доранд. Бештари давлатҳо барои муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолии худ аз як қатор нишондиҳандаҳои иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи даромади иқтисодии шаҳрвандон, ҳадди ақали зиндагӣ, ҳаҷми хароҷот, сатҳи истеъмолӣ ва сабади истеъмолии аҳолӣ истифода мебаранд. Ба андешаи мо, шароити Ҷумҳурии Тоҷикистон барои муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ нишондиҳандаҳои хароҷоти аҳолӣ ва ҳадди ақали зиндагӣ нисбатан мувофиқ ва асоснок ба ҳисоб меравад.

Хулоса, аксарияти мутахассисони соҳавӣ ва ташкилоти байналмилалӣ камбизоатии мутлақ, нисбӣ ва субъективиро аз ҳам фарқ менамоянд ва барои ченкунии сатҳи камбизоатӣ меъёр, нишондиҳанда ва методҳои гуногун, мисли методи стандартикунонии буҷа, оморӣ, меъёрӣ (нормативӣ), тафриқавӣ, деприватсионӣ ва эвристикӣ (субъективӣ)-ро пешниҳод намудаанд. Дар масъалаҳои муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ таҳқиқоти густурдаи илмӣ идома доранд.

## 2.2. Камбизоатӣ дар низоми табақабандии иҷтимоӣ-иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон (дар охири асри XX ва аввали асри XXI)

Камбизоатӣ дар низоми табақабандии иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи Тоҷикистон дар охири асри XX ва аввали асри XXI ба як қатор омилҳои таърихӣ ва шароити иқтисодию сиёсии кишвар алоқамандӣ дошт. Тоҷикистон мисли дигар кишварҳои пасошуравӣ пас аз фурӯпошии Иттиҳоди Шуравӣ ба мушкилоти ҷиддии иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва сиёсӣ рӯ ба рӯ гардид, кишварро

буҳронӣ иқтисодӣ ва сиёсӣ фаро гирифт. Дар натиҷаи ҷанги шаҳрвандӣ фаъолияти корхонаҳои саноатӣ қатъ шуд, сатҳи бекории оммавӣ афзоиш ёфт ва қисми зиёди аҳолӣ ба камбизоатии шадид рӯ ба рӯ гардид.

Хушбахтона, пас аз барқарор гаштани Ҳукумати конститутсионии Тоҷикистон, таҳкими Ваҳдати миллӣ ва кӯшишу талошҳои ҳукумату давлат ва Президенти кишварамон сатҳи камбизоатӣ коҳиш дода шуд. Дар соли 2023 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба рӯйхати 10 кишвари пешсафи ҷаҳон дохил шуд.

То имрӯз дар Ҷумҳурии Тоҷикистон се ҳуҷҷати стратегии коҳиши сатҳи камбизоатӣ, ду барномаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии зиндагии аҳолӣ, инчунин, стратегияи дарозмуддати рушди кишвар таҳия, қабул ва татбиқ гардиданд. Дар натиҷаи татбиқи ин ҳуҷҷатҳои стратегӣ сатҳи камбизоатӣ аз 83,0%-и соли 1999 то ба 19,0%-и соли 2025 коҳиш ёфт, ки аз самаранокии сиёсати давлатии коҳиши камбизоатӣ ва баланд бардоштани сатҳи зиндагии аҳолии Тоҷикистон шаҳодат медиҳад *(нигаред ба расми 1)*.

Ҳамзамон, дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон пешбинӣ гардидааст, ки сатҳи камбизоатӣ дар кишвар то соли 2030 ба 15 фоиз коҳиш дода мешавад [5, с. 88]. Дар Паёми Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ, аз 16.12.2025 ишора шуд, ки соли 2025 сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон то 19,0% коҳиш ёфт ва «дар панҷ соли оянда ҳаҷми маҷмуи маҳсулоти дохилӣ ду баробар афзоиш ёфта, сатҳи камбизоатӣ то 10 фоиз кам ва ҳиссаи табақаи миёнаи аҳолӣ то 50 фоиз зиёд» мегардад [131].

***Расми 1.***

**Динамикаи коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон** *(%)*




Бояд зикр намоем, ки ҳама ин муваффақиятҳо бо осонӣ ба даст наомадаанд. Сохтори ҷомеаи Тоҷикистон дар муддати кӯтоҳи вақт зери таъсири вазъи ногувори сиёсӣ куллан тағйир ёфта, шакли он дар охири асри XX аз аввали асри XXI тафовути зиёд дорад. Новобаста аз тӯлонӣ набудани ин муҳлат сатҳи зиндагӣ, некуаҳволии мардум ва сохтори табақабандии иқтисодӣ-иҷтимоии аҳолӣ пурра дигаргун гашт.

Ҷомеашиноси ватанӣ Г.Г. Қаҳҳоров сохтори табақабандии иҷтимоии ҷомеаи муосири Тоҷикистонро баррасӣ намуда, мафҳумҳои «табақабандии иҷтимоӣ» ва «табақабандии иқтисодӣ»-ро шарҳ додааст. Ба андешаи донишманд, табақабандии иқтисодӣ дар нишондиҳандаҳои молиявӣ, ба монанди даромад, сарват, захира ва ғайра зоҳир мегардад, дар ҳолате, ки

табақабандии иҷтимоӣ мақом ва нуфузи иҷтимоии шахсро таҷассум менамояд. Ҷомеашинос мафҳуми «табақабандии иҷтимоӣ»-ро чунин шарҳ додааст: «Табақабандии иҷтимоӣ тақсимоти аҳолиро ба синфҳо ва зинаҳои иерархӣ тавсиф менамояд. Асоси онро тақсимоти нобаробари ҳуқуқу афзалиятҳо, вазифаю уҳдадориҳо ва ҳокимият ташкил медиҳад. Дар зери мафҳуми «табақабандии иқтисодӣ» мавҷуд будани гуногунии мақоми иқтисодӣ ва нобаробарии иқтисодӣ фаҳмида мешавад, ки дар гуногунии даромад, сатҳи зиндагӣ ва вуҷуд доштани сарватмандон ва камбизоатон зоҳир мегардад» [113, с. 54].

Ҷомеашинос Г.Г. Қаҳҳоров ҷанбаҳои таърихии табақабандии иҷтимоии Тоҷикистонро таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки дар даврони Иттиҳоди Шуравӣ қисмати бештари аҳолиро намояндагони синфи миёна ташкил медоданд: «Дар ИҶШС табақаи пурқуввати одамон бо сатҳи зиндагии миёна мавҷуд буд, ки онҳо синфи миёна ном гирифтанд. Табақаҳои ниҳоӣ нисбатан камшумор буданд: ба табақаи олӣ номенклатура бо дороии бартарият ва қисмати бештар тахассусманди зиёиёнро ворид кардан мумкин буд. Ба қисмати нисбатан камбизоат кормандони колхоз ва совхоз дар хоҷагидориҳои заиф, нафақахӯрон бо нафақапулии кам, кормандони соҳаи фарҳанг ва ғайра дохил мешуданд» [113, с. 123].

Дар Иттиҳоди Шуравӣ низ намояндагони қишри камбизоати аҳолӣ сатҳи зиндагии хуб надоштанд. Сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев дар китоби худ «Тоҷикистон дар оинаи ворисият ва ивазшавии наслҳо» сохтори иҷтимоӣ-табақавии Тоҷикистони шуравиро таҳқиқ намуда, ба хулосае расидааст, ки дар Иттиҳоди Шуравӣ на танҳо дар байни давлатҳо нобаробарӣ мавҷуд буд, балки дар дохили ҳар як давлат тафриқабандии этникӣ ба назар мерасид. Ба андешаи сотсиолог, «...дар паси якрангӣ тафовути амиқ ва

зиддиятҳои назаррас дар байни давлатҳо дар бобати ҳиссаи воқеии ин ё он гурӯҳи иҷтимоӣ дар таркиби аҳолӣ ва ҳам тафовути амиқи этникӣ дар дохили худи давлат пинҳон буданд» [41, с. 120].

Сотсиологи тоҷик Ш. Шоисматуллоев тақсимоти меҳнатро мисоли одии ин гуна тафовутҳо номидааст, ки дар таркиби истеҳсолӣ шумораи миллатҳои дигар ба монанди русҳо зиёд буданд ва асосан дар зинаҳои роҳбарӣ фаъолият мекарданд: «Дар аҳолии шаҳрҳои Тоҷикистон миллати рус ва русзабонҳо васеъ паҳн гардида буданд, ки дар ҳайати кормандони истеҳсолот русҳо ва дигар миллатҳои ғайртаҳҷоӣ нисбат ба ҳиссаи воқеии онҳо дар таркиби аҳолии ҷумҳурӣ шумораи бештарро ташкил медоданд» [41, с. 122]. Аҳолии таҳҷоӣ, яъне тоҷикон бештар дар соҳаи кишоварзӣ машғул буданд. Новобаста аз ин тафовутҳо Тоҷикистони шуравӣ дар тамоми соҳаҳои хоҷагидорӣ ва истеҳсолот ба дастовардҳои зиёд ноил гардид.

Пас аз барҳам хӯрдани ИҶШС Тоҷикистон истиқлоли давлатии худро ба даст овард ва ҷанги шаҳрвандиро паси сар намуд, ки ин омилҳо ба сохтори иқтисодӣ-иҷтимоии ҷомеа таъсири назаррас расониданд. Аз таҳлили вазъи шуғли аҳолии Тоҷикистон дар давраи пасошуравӣ аён мегардад, ки соли 1991 то 21%-и аҳолӣ дар соҳаи истеҳсолот ва сохтмон машғул буданд ва минбаъд ҳиссаи онҳо поён рафта, дар охири соли 1999 то 10%-ро ташкил дод. Дар ин солҳо аҳолӣ бештар ба соҳаи кишоварзӣ рӯ оварда, дар соли 1999 аксарияти аҳолӣ ё 65%-ро кишоварзон ва кормандони соҳаи хоҷагии деҳқонӣ ташкил медоданд.

Дар солҳои ҷанги шаҳрвандӣ корхонаҳои истеҳсолии саноатӣ аз кор бозмонданд, аҳолӣ барои таъмини зиндагии худ асосан бо кишоварзӣ машғул буданд. Мардум тамоми заминҳои лалмию обӣ ва нокорамро кишт карда, худро ба маҳсулоти аввалия таъмин мекарданд. Дар ин давра раванди

муҳоҷирати меҳнатии хориҷа нав оғоз гардида, аксарияти кулли аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол дар Тоҷикистон зиндагӣ ва кору фаъолият мекарданд. Таъсири манфии ҷанги шаҳрвандиро боз дар соҳаҳои нақлиёт ва алоқа мушоҳида кардан мумкин аст, зеро ҳиссаи кормандони ин соҳаҳо аз 5%-и соли 1991 то ба 2% дар соли 1999 коҳиш ёфт *(нигаред ба ҷадвали 1)*.

**Ҷадвали 1.**

**Тақсимоти шуғли аҳолӣ дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ вобаста ба соҳаҳо (%) [37, с. 23]**

| | 1991 | 1992 | 1995 | 1996 | 1997 | 1998 | 1999 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Истеҳсолот ва сохтмон | 21 | 20 | 14 | 15 | 12 | 11 | 10 |
| Кишоварзӣ ва ҷангалдорӣ | 45 | 47 | 59 | 59 | 64 | 60 | 65 |
| Нақлиёт ва алоқа | 5 | 4 | 3 | 3 | 2 | 3 | 2 |

Бо оғоз гардидани ҳазораи нав вазъи сохтори иҷтимоии кишвар низ тағйир ёфт, ҳарчанд дар ҷумҳурӣ то ҳол соҳаи кишоварзӣ бартарӣ дорад (дар соли 2018 дар ин соҳа 61,1%-и аҳолӣ кор мекарданд), дигар соҳаҳои фаъолият низ мунтазам тараққӣ менамоянд, аз он ҷумла соҳаи сохтмон, ки дар соли 2018 дар ин соҳа 4,2%-и аҳолӣ машғул буданд. Инчунин, тараққиёт дар соҳаҳои тандурустӣ ва маориф низ ба назар мерасад, ки сол аз сол ҳиссаи кормандони ин соҳаҳо афзуда, дар соли 2018 дар соҳаи маориф 9,7% ва дар соҳаи тандурустӣ 4,7%-ро ташкил доданд. Аз соли 2000-ум то соли 2018 соҳаи нақлиёт ва алоқа нисбат ба дигар соҳаҳо мунтазам рушд ёфтааст *(нигаред ба ҷадвали 2)*.

**Ҷадвали 2.**

**Тақсимоти аҳолии машғул дар иқтисодиёти ҷумҳурӣ аз рӯйи соҳаҳо** (%) [24, с. 87]

| **Намуди фаъолият** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2018** |
|---|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард | 6,9 | 5,7 | 4,2 | 2,5 | 3,5 |
| Сохтмон | 2,1 | 2,9 | 3,2 | 2,8 | 4,2 |
| Кишоварзӣ ва хоҷагии ҷангал | 65,0 | 67,5 | 65,9 | 64,9 | 61,1 |
| Нақлиёт ва алоқа | 2,4 | 2,9 | 2,6 | 2,4 | 2,6 |
| Савдо ва хӯроки умумӣ, таъминот ва фуруш, захиракунӣ | 4,1 | 4,3 | 5,6 | - | - |
| Соҳаҳои истеҳсолоти неъматҳои моддӣ | 0,6 | 0,5 | 0,5 | 0,5 | 0,5 |
| Хоҷагиҳои манзилӣ-коммуналӣ, дар намудаҳои ғайриистеҳсолии хизматрасонии маишии аҳолӣ | 1,5 | 1,6 | 2,6 | 2,8 | 1,9 |
| Тандурустӣ, тарбияи бадан ва таъминоти иҷтимоӣ | 4,7 | 3,4 | 3,6 | 4,1 | 4,7 |
| Маориф | 9,6 | 8,2 | 8,1 | 8,8 | 9,7 |
| Фарҳанг ва санъат, илм ва хизматрасонии илмӣ | 1,1 | 0,8 | 0,8 | - | - |

Дар ояндаи наздик эҳтимолият зиёд аст, ки соҳаи тандурустӣ дар байни ҳама касбу ихтисосҳо нуфузи бештарро пайдо менамояд, зеро дар соли таҳсили 2024-2025 аз шумораи умумии довталабон, ки 958380 нафарро ташкил медоданд, гурӯҳҳои ихтисосҳои «Табиӣ ва техникӣ» – 134094, «Иқтисод ва география» – 177676, «Филология, педагогика ва санъат» – 203442, «Ҷомеашиносӣ ва ҳуқуқ» – 93911 ва «Тиб, биология ва варзиш» – 349257 [121] довталаб интихоб намуданд. Аз шумораи интихобҳо аён мегардад, ки 36,4% довталабон хоҳиши дар соҳаи тандурустӣ фаъолият карданро дошта, сол аз сол таваҷҷуҳи наврасон ва ҷавонон ба ин соҳа меафзояд.

Инчунин, ба интихоби касб аз ҷониби довталабон ба мақом, нуфуз ва даромади мутахассисони соҳаҳои гуногун омилҳои беруна таъсири зиёд мерасонанд. Масалан, бо афзудани низоҳои байналхалқӣ, истифодаи яроқу

таҷҳизоти ҷангии муосир, паҳн гардидани бемориҳои нави сироятӣ талабот ба мутахассисони соҳаи физика, химия, биология, астрономия, муҳандисӣ, дорусозӣ ва дигар соҳаҳои самти ихтироот ва навоварӣ меафзояд. Бесабаб нест, ки дар Тоҷикистон солҳои 2020-2040 – бистсолаи рушди фанҳои табиатшиносӣ эълон гардида, ҷалби ҷавонон ва наврасон ба ин самтҳо оғоз шудааст.

Ба интихоб шудани касб ва шуғл ғайр аз нуфуз боз даромад низ нақши муҳим дорад. Дар ҳолати таҳлил намудани самтҳои фаъолият аз рӯйи даромад ошкор мегардад, ки даромади камтаринро кормандони соҳаи кишоварзӣ – 716,16 сомонӣ ба даст меоранд. Кормандони соҳаи саноати коркард ба ҳисоби миёна 3395,17 сомонӣ музди меҳнат мегиранд. Музди меҳнати ин соҳа дар муқоиса бо дигар самтҳои фаъолият зудтар меафзояд, ки агар дар соли 2020 он 2546,63 сомониро ташкил карда бошад, дар соли 2022 он ба 25% афзуд ва баланд шудани музди меҳнат дар дигар самтҳо ба назар намерасад.

Баъдан, ба гурӯҳи касбҳои бо музди меҳнати баланд соҳаи сохтмон – 2708,81 сомонӣ ва наклиёту алоқа – 2395,39 сомонӣ дохил мешаванд. Ба соҳаҳои фаъолияти бо музди меҳнати нисбатан кам дохил мешаванд: тандурустӣ ва ҳифзи иҷтимоӣ – 1141,48 сомонӣ, маориф – 1386,36 сомонӣ, фарҳанг ва санъат – 1473,02 сомонӣ, ки ҳамаи онҳо ба ташкилоти давлатӣ мансубанд *(нигаред ба ҷадвали 3)*.

**Ҷадвали 3.**

**Музди меҳнати ҳармоҳаи номиналии пардохтшудаи кормандон дар соҳаҳои гуногун**

*(сомонӣ)* [24, с. 134]

| **Намуди фаъолият** | **2000** | **2005** | **2010** | **2015** | **2018** | **2020** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Саноати коркард | 47,12 | 191,59 | 562,02 | 962,77 | 1460,02 | 2546,63 | 3395,17 |
| Сохтмон | 38,91 | 198,78 | 913,39 | 2017,16 | 2325,41 | 2403,84 | 2708,81 |
| Кишоварзӣ | 7,78 | 38,39 | 105,51 | 278,18 | 492,13 | 572,79 | 716,16 |
| Нақлиёт ва алоқа | 30,96 | 180,98 | 793,05 | 1871,0 | 2336,96 | 1557,65 | 2395,39 |
| Тандурустӣ ва ҳиз. иҷтимоӣ | 6,73 | 40,87 | 247,19 | 677,96 | 831,13 | 977,22 | 1141,48 |
| Маориф | 11,56 | 75,41 | 256,57 | 710,69 | 938,48 | 1117,60 | 1386,36 |
| Фарҳанг ва санъат | 11,53 | 105,71 | 349,02 | - | - | 1158,55 | 1473,02 |

Дар кишвар музди меҳнати миёнаи баландтарин дар соҳаи хизматрасонии молиявӣ ба назар мерасад, ки он 4,5 ҳазор сомонӣ (445 доллари ИМА)-ро ташкил медиҳад. Баъдан, дар рӯйхат кормандони соҳаи энергетикӣ – 3,5 ҳазор сомонӣ (346 доллари ИМА) ва иттилоот – 3,4 ҳазор сомонӣ (336 доллари ИМА) ҷой гирифтаанд [127]. Инчунин, аз рӯйи даромад касбҳои барномасозӣ, дизайнерӣ, маркетологи шабакаҳои иҷтимоӣ ва таҳлилгар нуфузи бештарро пайдо намудаанд. Кормандоне, ки дар ин самтҳо фаъолият менамоянд, даромад ва мақоми баландро соҳиб буда, дар бозори меҳнат талабгори зиёд доранд.

Дар натиҷаи сабукиҳо овардан ба соҳаи соҳибкорӣ, соли 2019 шумораи одамоне, ки тибқи шаҳодатнома ба соҳибкорӣ машғул ҳастанд, 34604 нафарро

ташкил намуда, 105338 нафари дигар тавассути патент фаъолияти соҳибкории худро пеш мебаранд *(нигаред ба ҷадвали 4)*.

**Ҷадвали 4.**

**Рушди соҳибкории инфиродӣ дар Тоҷикистон** *(ҳазор нафар)* [18, с. 14]

| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Шаҳодатнома (ҳамагӣ, нафар) | 31 655 | 31 352 | 32 084 | 32 001 | 32 096 | 33 572 | 34 604 |
| Занон (%) | - | - | 9,4 | 11,0 | 12,8 | 14,1 | 18,5 |
| Мардон (%) | - | - | 90,6 | 89,0 | 87,2 | 85,9 | 81,5 |
| Патент (ҳамагӣ, нафар) | 74 199 | 82 874 | 88 342 | 90 799 | 95 952 | 101 368 | 105 338 |
| Занон (%) | - | - | 12,7 | 14,4 | 16,8 | 19,0 | 26,9 |
| Мардон (%) | - | - | 87,3 | 85,6 | 83,2 | 81 | 73,1 |

Дар даҳсолаи охир соҳибкории инфиродии Тоҷикистон пеш рафта, бо дастгирии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон саҳми занон дар рушди соҳибкорӣ ба таври назаррас афзудааст. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ», аз санаи 28.12.2023 қайд гардид, ки занон дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеа фаъолона иштирок намуда, дар рушди соҳибкорӣ саҳм мегузоранд: «Қарзҳои ба занону бонувони соҳибкор пешниҳодшуда 30 фоиз афзоиш ёфта, ба 4,8 миллиард сомонӣ расонида шуд» [129]. Ин рақамҳо нишон медиҳанд, ки фаъолияти ҷамъиятӣ ва соҳибкории занон рӯз аз рӯз меафзояд ва афкори мардум нисбат ба қарзгирӣ тағйир ёфта, сатҳи саводнокии молиявии аҳолӣ баланд мешавад.

Таҳлили сохтори иҷтимоӣ-демографии Ҷумҳурии Тоҷикистон нишон медиҳад, ки шумораи аҳолӣ мунтазам зиёд шуда, ҳиссаи аҳолии аз ҷиҳати

иқтисоди фаъол низ меафзояд. Дар соли 2022 аҳолии кишвар 10078,4 ҳазор нафарро ташкил намуда, беш аз 50%-и он (5804,7 ҳазор нафар) ба аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол дохил мешавад ва аз ин ҳиссаи аҳолӣ танҳо 2,1% расман худро дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун бекор ба қайд гирифтаанд *(нигаред ба ҷадвали 5)*.

**Ҷадвали 5.**

**Сохтори аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | **1991** | **2000** | **2010** | **2015** | **2020** | **2021** | **2022** | **2023** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Аҳолӣ (ҳ. нафар) | 5505,6 | 6264,6 | 7621,2 | 8551,2 | 9716,8 | 9886,8 | 10078,4 | 10077,6 |
| Аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол (ҳ. нафар) | 2577,5 | 3246,7 | 4548,9 | 5175,5 | 5601,7 | 5703,3 | 5804,7 | - |
| Камбизоатон (%) | | 83,0 | 45,0 | 31,0 | - | 26,3 | 22,5 | 21,2 |
| Дараҷаи бекорӣ (бо % нисбат ба аҳолии дар иқтисодиёт фаъол) | - | 2,7 | 2,1 | 2,3 | 2,1 | 2,1 | 2,1 | - |
| Қувваи кории истифода нашуда дар иқтисодиёт (ҳ. нафар) | 555 | 1392 | 2250 | 2674 | 3068 | 3066 | 3154 | - |

Ҳангоми муайян намудани сохтори табақабандии иҷтимоии ҷомеа худбаҳодиҳии аъзоёни он нақши муҳимро мебозад. Новобаста аз он ки сатҳи камбизоатӣ ва некуаҳволии аҳолӣ тавассути кадом метод муайян мешавад, омӯзиши ақида ва арзёбии худи аҳолӣ нисбат ба сатҳи зиндагии онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Ин имкон медиҳад, ки сатҳи ба ҳақиқат мувофиқати баҳодии субъективии аҳолӣ нисбат ба мансубияти табақавии хеш муайян шавад.

Соли 2022 кормандони шуъбаи сотсиолгияи Институти фалсафа ва сиёсатшиносии ба номи А. Баҳоваддинови Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон дар мавзуи «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон» пурсиши сотсиологӣ гузаронданд, ки дар он 1100 нафар шаҳрвандони Тоҷикистон бо нишондиҳандаҳои гуногуни иҷтимоӣ-демографӣ тавассути онлайн-анкета пурсида шуданд. Мувофиқи натиҷаҳои ин таҳқиқот, 83,3%-и мусоҳибон худро ба синфи миёна, 5,6% худро намояндаи табақаи болоӣ, яъне элита ва 8,1% худро ба табақаи поёнӣ (камбизоат) мансуб донистанд, инчунин, 3,0% ба ҷавоб додан душворӣ кашиданд [40, с. 60] *(нигаред ба расми 2)*.

**Расми 2.**

**Мансубияти мусоҳибон ба табақаҳои иҷтимоӣ** *(n=1100,%)*



Назари субъективии мусоҳибон нисбат ба мансубияти табақавӣ ба воқеият мувофиқат намекунад, зеро ҳамагӣ 8,1%-и онҳо худро камбизоат мепиндоранд, ҳарчанд мувофиқи омори расмӣ 19%-и аҳолии Тоҷикистон камбизоатанд. Сабаби худро камбизоат нашумоpидани аҳолӣ ба ҳувияти миллӣ ва дараҷаи худбаҳодиҳии иҷтимоӣ низ вобастагӣ дорад. Таҳлили натиҷаи таҳқиқот нишон медиҳад, ки даромади 37,5%-и мусоҳибон барои хариди маводи хӯрокворӣ ва либос кофӣ мебошад, вале онҳо имкони хариди молҳои гаронбаҳо, аз қабили телевизору яехдони навро надоранд. Аз панҷ як ҳиссаи мусоҳибон – 19,6% қайд кардаанд, ки имкони ҳама чиз хариданро доранд ва 14,5%-и мусоҳибон баён доштанд, ки хариди қимат, масалан, телевизору яхдон, карда метавонанд. Ҳамзамон, 2,8%-и мусоҳибон баён доштаанд, ки ҳатто барои харидории хӯрокворӣ пулашон намерасад. Инчунин, 10,3%-и мусоҳибон барои ҷавоб ба ин савол мушкилӣ кашиданд [40, с. 59] (нигаред ба расми 3).

Мувофиқи маълумоти дар *расми 3-юм* овардашуда, шумораи мусоҳибоне, ки худро ба табақаи камбизоат мансуб медонанд, ба маротиб меафзояд. Аз ин рӯ, аз таҳлилҳои болоӣ ба хулосае омадан мумкин аст, ки баҳодиҳии субъективии аҳолӣ на ҳама вақт ба воқеият мувофиқат менамояд ва ҳангоми таҳлили маълумот бояд дигар омилҳо ба назар гирифта шаванд.

**Расми 3.**

**Вазъи модии мусоҳибон** *(n=1100, %)*




Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии номбаршуда, аксарияти мусоҳибоне, ки худро намояндаи табақаи миёна медонанд, даромади моҳонаи ҳамаи аъзоёни оилаҳои онҳо (дар якҷоягӣ бо музди меҳнат, нафақапулӣ, идрорпулӣ, кумакпулӣ ва дигар манбаҳои даромад) дар маҷмуъ 1001-1500 сомониро ташкил мекунад. Агар мо аъзоёни оилаи тоҷикро ба инобат гирем, ки шумораи он тақрибан 6 нафар аст, пас бо даромади 1500 сомонӣ дар як моҳ ба ҳар як аъзои оила 250 сомонӣ рост меояд [40, с. 15-16]. Дар асоси методи ченкунии М. Оршанский, барои он ки шахс ба гурӯҳи камбизоат дохил нагардад, бояд даромадаш аз нархи сабади истеъмолӣ 3 маротиба зиёд бошад. Аз ин ҷо маълум мегардад, ки 250 сомонӣ барои қонеъ гардонидани талаботи одитарини зиндагӣ кофӣ нест.

Аз натиҷаҳои мусоҳибаи амиқ бо мутахассисони соҳаҳои гуногун муайян гардид, ки олимон мафҳуми «камбизоатӣ»-ро гуногун баҳогузорӣ мекунанд. Масалан, яке аз иқтисодшиносонӣ ватанӣ, ки номашро бо сабаби этикаи касбӣ ошкор намекунем, мафҳуми «камбизоатӣ»-ро чунин шарҳ доданд: *«Камбизоат гуфта, он шахсе дар назар дошта мешавад, ки даромади моҳонааш барои зиндагии ҳарӯзааш пурра кифоягӣ намекунад ва ё пурра барои*

*истеъмол сарф мешавад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, иқтисодчӣ, 46 сола).** Мутахассис дар мусоҳибаи худ чанд сатҳи камбизоатиро аз ҳам чудо намуда, ба хулоса мерасад, ки агар даромади иқтисодии шахс барои қонеъ гардонидани талаботи ҳадди ақал кофӣ набошад ё пурра ба ин эҳтиёҷот сарф гардад, он гоҳ чунин шахс ба гурӯҳи аҳолии камбизоат мансуб дониста мешавад.

Барои муайян намудани мафҳуми «камбизоатӣ» бо мутахассисони соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ низ мусоҳибаи амиқ гузаронида шуд. Қонеъ нагаштани талаботи ҳаётан муҳимро мутахассиси соҳаи ҳифзи иҷтимоӣ «камбизоатӣ» номидааст: *«Ин, пеш аз ҳама, ба шароити зиндагӣ ва сатҳи даромади шаҳрвандон вобаста буда, дар натиҷа онҳо имкони қонеи талаботи ҳаётан муҳимми худро барои фаъолияти пурра надоранд. Камбизоатон ҳамон қишри аҳолӣ ҳастанд, ки нисбат ба дигар қишрҳои ҷомеа имконияти ками ба даст овардани даромадро доранд»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, мутахассиси соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 46 сола).**

Агар як қисми мутахассисон камбизоатиро танҳо бо даромад ва қонеи талаботи ҳаётан муҳимми инсон алоқаманд донанд, пас сиёсатшиносони ватанӣ фаротар андеша ронда, тарзи зиндагии муътадил эътирофшудаи сатҳи ҷаҳониро ба сифати меъёри муайянкунии табақаи камбизоат номбар менамоянд. Ба андешаи яке аз сиёсатшиносони маъруфи ватанӣ, одамоне, ки сатҳи зиндагиашон ба меъёрҳои ҳаёти шоистаи давлатҳои пешрафта мувофиқат намекунад, камбизоат ҳисобида мешавад: «Камбизоат нафарест, ки зиндагии ӯ ба меъёрҳои ҷомеаи муттамаддин мутобиқат намекунад» **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, сиёсатшинос, 40 сола).** Ба андешаи сиёсатшинос, нафаре, ки ба талаботи ҷомеаи мутамаддин: дар як шабонарӯз имконияти 7-8 соат хоб кардан, 3 соат барои хӯроkхӯрӣ вақт сарф намудан, 5-6 соат кор

кардан барои ба даст овардани даромад, инчунин, вақт барои истироҳат ва фароғат надошта бошад, пас ӯ камбизоат шуморида мешавад.

Нисбат ба мафҳуми «камбизоатӣ» назари психологҳо низ қобили таваҷҷуҳ аст. Ба андешаи мутахассиси соҳаи психология, камбизоатон одамоне мебошанд, ки таҳсилоти босифат нагирифтаанд ва бо сабаби кори муътадил надоштан ҳамеша дар ҳоли изтиробнокӣ қарор доранд. Дар раванди мусоҳибаи амиқ, яке аз психологҳо чунин ибрози назар намуданд: «камбизоат нафаре мебошад, ки таҳсил накардааст, бесавод аст, корӣ қонеъкунанда надорад ва дар самти эмотсионалӣ мушкилӣ дорад» **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, психолог, 40 сола).** Ба андешаи психолог, ҳарчанд шахс даромади заруриро ба даст орад ҳам, аммо агар аз зиндагии худ қаноатманд нагардад ва вазъи эмотсионалии ӯ дар ҳолати бад қарор дошта бошад, пас ӯро ба гурӯҳи камбизоатон ворид намудан мумкин аст.

Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии «Масъалаҳои иҷтимоӣ-иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон», аз се як ҳиссаи мусоҳибон ё 32,6% камбизоат гуфта, шахсеро номидаанд, ки даромади иқтисодиаш кам аст. Инчунин, 22,5%-и мусоҳибон шахсеро, ки оилаашон дар вазъи муътадили иқтисодӣ қарор надоранд, камбизоат номидаанд. Мусоҳибон камбизоатро шахси бемоликият – 12,8%, шахсе, ки оилаи худро таъмин карда наметавонад – 10,4%, шахси бекор – 8,6%, шахси маъюб – 4,6%, шахсе, ки саводи кофӣ надорад – 4,5%, шахси эҳтиёҷманд – 3,0% ва ғайра номидаанд. Аз таҳлилҳои пешин маълум мегардад, ки бештари мусоҳибон камбизоатиро бо вазъи иқтисодӣ алоқаманд медонанд ва «9,0%-и мусоҳибон ё аз даҳ як ҳиссаи мусоҳибон ин мафҳумро шарҳ дода натавонистанд» [40, с. 47] (*нигаред ба расми 4*).

**Расми 4.**

**Ба фикри Шумо камбизоат кист?** *(n=1100, %)*




Дар дигар таҳқиқоти сотсиологие, ки бевосита аз тарафи муаллифи диссертатсия гузаронида шуд ва дар он 500 нафар мусоҳибони камбизоати минтақаҳои интихобии Тоҷикистон, ки бештарашон расман дар Агентии ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ҳамчун камбизоат ба қайд гирифта шудаанд, мавриди назарсанҷӣ қарор гирифтанд. Натиҷаҳои ҳарду таҳқиқоти пешкашгардида нишон медиҳанд, ки мусоҳибон ҳангоми муайян кардани мафҳуми «камбизоатӣ» бештар ба ҷанбаҳои иқтисодии он таваҷҷуҳ зоҳир менамоянд.

Ба андешаи мусоҳибон, камбизоат оилаҳои муҳтоҷи ниёзманд (23,7%), оилаҳои дар вазъи мушкили зиндагӣ қарордошта (15,1%) ва нафарони дорои даромади барои таъмини зиндагӣ нокофианд (12,2%). Дар таҳқиқот аз ҷониби мусоҳибони камбизоат вариантҳои дигари ҷавоб ҳам пешниҳод шуданд, мисли: нафарони ба кумаки молию моддӣ ниёздошта – 9,6%, нафарони яккаю

танҳо – 7,3%, нафарони маъюб ва бемор – 6,5%; нафарони мушкилоти моливӣ дошта – 4,6%, нафароне, ки мустақилона мушкилии молиявии худро ҳал карда наметавонанд – 12,8%, бекорон – 3,8%, пиронсол ва барҷомонда – 3,3%, одамоне, ки қобилияти меҳнатӣ надоранд – 3,1%, нафароне, ки фарзанди зиёд доранд – 1,9%, одамоне, ки таҳсил накардаанд – 1,1% ва ғайра *(нигаред ба расми 5)*.

**Расми 5.**

**Ба фикри Шумо камбизоат кист?** *(n=500, %)*




Таҳлили маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон босуръат коҳиш меёбад. Дар ҳолати ҳамаҷониба омӯзиши сохтори қишри камбизоати аҳолӣ аён мегардад, ки бештари камбизоатон сокинони деҳа мебошанд. Дар соли 2022 агар сатҳи камбизоатии тамоми кишвар 22,5% бошад, дар шаҳрҳо ҳиссаи камбизоатон 20,1% ва дар деҳа бошад 23,0%-ро ташкил дод. Вобаста ба минтақа низ ҳиссаи камбизоатон каму зиёд мешавад. Маълумоти оморӣ нишон медиҳанд, ки ҳиссаи камтарини камбизоатон дар вилояти Суғд ба қайд гирифта шудаанд, ки дар соли 2022

танҳо 5,3%-и аҳолиро дар бар мегирифт, дар шаҳри Душанбе аз шумораи умумии шаҳрвандон 16,3% камбизоат буда, дар Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ ин қишри аҳолӣ 25,0%-ро ташкил додааст. Сатҳи бештари камбизоатӣ дар вилояти Халтон – 36,0% ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон – 40,0% ба қайд гирифта шудааст.

Таҳлил ва муқоисаи маълумот нишон медиҳад, ки сатҳи камбизоатӣ дар баъзе минтақаҳои кишвар, аз ҷумла шаҳри Душанбе, вилояти Суғд ва Ноҳияҳои тобеъи ҷумҳурӣ тамоюли мунтазами коҳишёбӣ дорад, аммо мутаассифона, сатҳи камбизоатӣ соли 2019 дар вилояти Хатлон 32,8% буда, соли 2021 то 37,3% афзуд ва соли 2022 сатҳи камбизоатон 36,0% поён рафт. Вазъи камбизоатӣ дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон боз ҳам мураккабтар мебошад, ки дар он соли 2019 сатҳи камбизоатӣ 29,7%-ро ташкил дода, соли 2021 қариб ба 12% (яъне 41,5%) зиёд гардид. Новобаста аз он ки дар соли 2022 сатҳи камбизоатӣ дар ин минтақа коҳиш ёфта, 40,0%-ро ташкил дод, аммо дар маҷмуъ, ин нишондиҳанда нигаронкунанда аст *(нигаред ба ҷадвали 6)*.

**Ҷадвали 6.**

**Сатҳи камбизоатии аҳолии Тоҷикистон** ***(%)***

| | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** | **2021** | **2022** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Тоҷикистон | 31,0 | 30,3 | 29,50 | 27,40 | 26,3 | 23,4 | 22,5 |
| Шаҳр | 23,2 | 24,3 | 21,6 | 21,5 | 18,4 | 21,5 | 20,1 |
| Деҳа | 35,2 | 34,4 | 33,3 | 30,2 | 30,1 | 24,2 | 23,0 |
| Душанбе | 20,4 | 20,6 | 18,2 | 18,0 | 18,0 | 16,9 | 16,3 |
| Суғд | 22,3 | 21,9 | 19,1 | 17,5 | 15,4 | 5,6 | 5,3 |
| Хатлон | 35,8 | 36,0 | 37,4 | 32,7 | 32,8 | 37,3 | 36,0 |
| НТҶ | 37,3 | 36,7 | 32,4 | 33,2 | 32,4 | 25,9 | 25,0 |
| ВМКБ | 39,4 | 39,2 | 39,3 | 27,7 | 29,7 | 41,5 | 40,0 |

Барои омӯзиши сатҳи камбизоатӣ ва вазъи зиндагии мардум ҳамасола аз ҷониби Агентии оморӣ назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон омӯзиши вазъи хонаводаҳо гузаронида мешавад. Дар соли 2019 низ чунин таҳқиқот ба роҳ монда шуд ва вазъи сатҳи камбизоатии минтақаҳои кишвар аз рӯйи дараҷа: камбизоатӣ ва камбизоатии шадид муайян гардиданд. Мувофиқи маълумоти ин таҳқиқот, дар соли 2019 сатҳи камбизоатии мутлақ дар ҷумҳурӣ 26,3%-ро ташкил дода, сатҳи камбизоатии шадид ба 10,7% баробар буд. Дар шаҳр камбизоатии мултақ 18,4% ва камбизоатии шадид 7,6%-ро ташкил дода, дар деҳа ин нишондиҳандаҳо қариб як баробар зиёдтар буданд, яъне 30,1% – камбизоатии мутлақ ва 12,3% – камбизоатии шадид *(нигаред ба расми 6)* [18, с.21].

**Расми 6.**

**Сатҳи камбизоатӣ ва камбизоатии шадид дар Тоҷикистон соли 2019**




Рушди нобаробари иқтисодиёт, сатҳи шуғлмандии аҳолӣ, фарқияти шароити ҷуғрофӣ, иқлим ва шумораи аҳолии минтақаҳо аз ҷумлаи омилҳое мебошанд, ки ба сатҳи камбизоатии минтақаҳои таъсир мерасонанд. Ин омилҳо сабаб мешаванд, ки дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ аз ҳам фарқ кунанд. Дар соли 2019 вобаста ба минтақаҳо сатҳи пастарини камбизоатӣ дар вилояти Суғд ба қайд гирифта шуда буд, ки 17,5%-ро ташкил дода, сатҳи камбизоатии шадид ба 6,1% мерасид. Дар шаҳри

Душанбе сатҳи камбизоатӣ 23,4% ва сатҳи камбизоатии шадид 11,1%, дар Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон сатҳи камбизоатӣ 27,7% ва сатҳи камбизоатии шадид 11,9%, вилояти Хатлон сатҳи камбизоатӣ 32,7% ва сатҳи камбизоатии шадид 12,6% ва дар Ноҳияҳои тобеи ҷумҳурӣ сатҳи камбизоатӣ 33,2% ва камбизоатии шадид 17,5% ба қайд гирифта шудаанд *(нигаред ба расми 7)* [18, с.21].

**Расми 7.**

**Сатҳи камбизоатӣ ва камбизоатии шадид дар Тоҷикистон вобаста ба минтақаҳо дар соли 2019**




Вобаста ба минтақа сатҳи баланди камбизоатӣ дар вилояти Хатлон ва Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон нигоҳ дошта мешавад. Бо сабаби хусусияти мавсимӣ доштани истеҳсолот аз ду сокини кишвар яктоаш ақалан ба муҳлати 3 моҳ ба қатори аҳолии камбизоат ворид мешавад, зеро фаъолияти онҳо мавсимӣ буда, ҳосил ва даромади онҳо аз омилҳои табиӣ вобастагии зиёд доранд.

Донишманди тоҷик К.Н. Раҳматова як хусусияти хоси камбизоатии аҳолии Тоҷикистонро дар мавсимӣ будани он дидааст. Бинобар ин,

камбизоатӣ бо сабаби мавсимӣ будани даромади хоҷагии кишоварзӣ ҳар семоҳа калавида, тағйир меёбад ва муайян кардани сатҳи онро мушкил мегардонад. Дигар хусусияти мавсимӣ будани камбизоатиро ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ марбут медонад, зеро муҳоҷирони меҳнатӣ ба оилаҳои худ асосан тобистон ва тирамоҳ пули зиёдтар равон мекунанд ва дар ин давра вазъи иқтисодии оилаҳои муҳоҷир каме беҳтар мегардад. К.Н. Раҳматова гурӯҳҳои камбизоати аҳолиро чунин тасниф намудааст:

1. Оилаҳо ва кормандоне, ки сатҳи пасти музди меҳнат доранд;
2. Нафақахӯрони танҳо ва оилаҳои онҳо;
3. Оилаҳои маъюбон ва худи маъюбон, оилаҳои нопурра ва серфарзанд [89, с. 111].

Муҳаққиқи тоҷик Н.У. Сафарова низ ба таснифи гурӯҳҳои камбизоати аҳолӣ таваҷҷуҳ намуда, қайд кардааст, ки хусусияти он вобаста ба сохтори иҷтимоӣ ва табақабандии ҷомеа, вазъи хоҷагидорӣ ва сатҳи рушди ҷомеа дар кишварҳои алоҳида фарқ карда метавонад: «Одатан, камбизоатӣ ба шароити зиндагӣ, шароити кор ва шуғл, шумораи шахсони дар оила ва ғайра алоқаманд аст. Шаҳрвандони камбизоат асосан аз бекорон, коргарони маоши кам, оилаҳои серфарзанд, модарони танҳо ва пиронсолон иборатанд. Аммо, камбизоатӣ ва сохтори он дар кишварҳо гуногун метавонанд аз зуҳуроти худ фарқ кунанд. Умуман, камбизоатӣ, ин ҳолатест, ки аҳолӣ одатан кӯшиш мекунад роҳи халосиро пайдо кунад, ки бе иштироки давлат ва дастгирӣ ғайриимкон аст» [94, с. 102].

Ғайр аз соҳаи хоҷагидорӣ, кормандони дигар самтҳои фаъолият низ ба камбизоатӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Мувофиқи таҳқиқоти сотсиологии муҳаққиқи соҳа М. Таввалоев, ба гурӯҳи «камбизоатон» кормандони соҳаҳои хизматрасонӣ (42,0%), коргарони кироя (36,4%), кормандони соҳаи

хоҷагидории деҳқонӣ (34,5%), кормандони корхонаҳо (38,1%), мутахассисон бо маълумоти олӣ (25,2%), кормандони тахассусманд (24,3%) ва кормандони техникӣ (23,1%) худро ворид карданд. Аз ҳама гурӯҳи сершумори аҳолии «бо таъминоти нокофӣ» мебошад, ки ба он 39,3% кормандони корхонаҳо, то 80% кормандони милитсия ва соҳаи ҳарбӣ дохил мешаванд. Ба категорияи «таъминшуда» худро ворид мекунанд: 55,1%-и роҳбарони рутбаи олӣ ва соҳибони корхонаҳо, 32,9%-и соҳибкорон, 25,0%-и коргарони корхонаҳо, 21,4%-и мутахассисон бо маълумоти олӣ ва 10,0%-и коргарони қатории соҳаи хизматрасонӣ. Ба гурӯҳи «сарватмандон» 1,9% мутахассисон бо маълумоти олӣ, 1,4% кормандони тахассусманд ва 1,3% соҳибкорон худро дохил карданд [35, с. 74].

Аз гуфтаҳои боло маълум мегардад, ки шумораи фарзандон низ ба сатҳи камбизоатӣ таъсир мерасонад. Мувофиқи маълумоти оморӣ, давоми соли 2022 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон 2 224 530 шахсони камбизоат ва 370 755 оилаҳои камбизоат ба қайд гирифта шудаанд. Аз ин ҷо хулоса мебарояд, ки шумораи миёнаи аъзои оилаҳои камбизоат тақрибан 6 нафарро ташкил менамоянд, яъне бо зиёд гардидани шумораи аъзои оила эҳтимолияти ба табақаи поёнӣ мансуб гардидан бештар мешавад. Мутахассисони соҳа С. Робинсон ва Т. Гюнтер низ ба камбизоатон, пеш аз ҳама, онҳоеро дохил кардаанд, ки ба замин ва чорво дастарасии маҳдуд дошта, шумораи зиёди фарзанд доранд [117]. Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камбизоатиро бо шароити зисти тамоми оила муайян намуда, мафҳуми «оилаи камбизоат» бештар истифода мешавад, яъне камбизоатӣ бо дар назардошти даромад ва ё хароҷоти ҳама аъзоёни оила муайян мегардад *(нигаред ба ҷадвали 7)*.

**Ҷадвали 7.**

**Шумораи камбизоатон ва оилаҳои камбизоат вобаста ба солҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон**

| | 2015 | 2016 | 2017 | 2018 | 2019 | 2021 | 2022 |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Камбизоатон бо рақам | 2589120 | 2591014 | 2579126 | 2447149 | 2400296 | 2273731 | 2224530 |
| Оилаҳои камбизоат | 431520 | 431836 | 429854 | 407858 | 400049 | 378955 | 370755 |

Агар сатҳи камбизоатиро вобаста ба синну сол ва ҷинси сарвари хонавода дида бароем, пас мувофиқи маълумоти соли 1997, қисмати бештари камбизоатонро оилаҳое ташкил мекарданд, ки синну соли сарвари хонавода аз 60 сола боло буд (56%), аз ҳама камтар бошад, дар байни хонаводаҳо бо сарвари ҷавон (35,4%). Мувофиқи маълумоти соли 2012, вазъият каме тағйир ёфт. Шумораи аз ҳама зиёди камбизоатон ва камбизоатии шадид дар хонаводаҳое ба қайд гирифта шудааст, ки синну соли сарвари хонавода ба 35-45 сола (44,8% ва 15,8 % мувофиқан) [46, с. 66] рафта мерасад. Ин вазъият хеле нигаронкунанда буд, зеро оилаҳое, ки сардорашон дар давраи фаъоли корӣ қарордошта камбизоат бошад, пас дигар гурӯҳҳои синнусолӣ ба хатари камбизоатӣ қарор мегиранд.

Дар замони ҳозира бошад, бо сабаби муҳоҷирати меҳнатӣ падидаи нав пайдо гардидааст, ки дар натиҷаи он сардори хонавода занон мешаванд. Ба муҳоҷирати меҳнатӣ асосан мардони хонавода мераванд ва дар натиҷа, муваққатан ё доимӣ роҳбарии оила ба уҳдаи занони оила меафтад. Агар дар соли 2017 аз шумораи умумии хонаводаҳо дар 19,2%-и онҳо занон сардор бошанд, дар соли 2018 ин фоиз ба 18,7 расида, дар соли 2019 он боз бештар афзуда, ба 22,1% баробар гардидааст *(нигаред ба ҷадвали 8)*.

**Ҷадвали 8.**

**Шумораи хоҷагиҳои деҳқонӣ, ҳамагӣ (ҳазор нафар) ва таносуби сарварии хоҷагиҳои деҳқонӣ** (%) [18, с. 14]

| | **2013** | **2014** | **2015** | **2016** | **2017** | **2018** | **2019** |
|---|---|---|---|---|---|---|---|
| Ҳамагӣ | 87 594 | 108 035 | 123 379 | 145 107 | 164 631 | 172 668 | 171 975 |
| Занон (%) | 8,0 | 13,0 | 24,5 | 21,4 | 19,2 | 18,7 | 22,1 |
| Мардон (%) | 92,0 | 87 | 75,5 | 78,6 | 80,8 | 81,3 | 77,9 |

Эҳтимолияти зиёде пайдо мегардад, ки ҳиссаи ин гуна хонаводаҳо боз меафзояд, зеро дар баробари муҳоҷирати меҳнатӣ ба Федератсияи Россия дар давоми солҳои охир тамоюли нави муҳоҷират ба давлатҳои Аврупо низ ба мушоҳида мерасад. Дар натиҷа мардҳо дар муҳоҷирати меҳнатӣ қарор гирифта, занон сарвари хонавода мешаванд ва ин ҳолат нигаронкунанда аст, зеро мувофиқи таҳлилҳо, оилаҳое, ки сардори онҳо занон мебошанд, эҳтимолияти бештари ба қишри поёнӣ шомил шуданашон меафзояд. Байни сатҳи некуаҳволии хонавода ва дараҷаи маълумотнокии сардори он ҳамбастагии мутақобилаи зич мавҷуд аст ва то кадом дараҷа маълумотнокии сардори хонавода баланд бошад, сатҳи камбизоатии оила пасттар мешавад [46, с. 66]. Аз сабаби он, ки аксарияти волидайн намегузоранд, ки духтарони онҳо таҳсил кунанд, пас аз оиладоршавӣ онҳо хонашин мешаванд ва дар ҳолати ҷудошавӣ ё вафот кардани шавҳар зани таҳсилнакарда ва бе таҷрибаи корӣ хонаводаро сардорӣ мекунанд. Дар натиҷа сатҳи некуаҳволии хонавода паст мегардад.

Мутаассифона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба сатҳи камбизоатӣ вобаста ба ҷинс, синну сол ва дигар нишондиҳандаҳои иҷтимоӣ-демографӣ маълумоти кофӣ вуҷуд надорад, ки то дар асоси он вазъи ҳозираи қишри поёнии ҷомеа бо нишондиҳандаҳои гуногун ба пуррагӣ омӯхта шавад.

Хулоса, камбизоатӣ дар низоми сохтори иҷтимоӣ-табақабандии ҷомеаи Тоҷикистон хусусиятҳои худро дошта, аз даврони шуравӣ то ба ҳол тағйир меёбад. Агар дар даврони шуравӣ камбизоатон вуҷуд дошта бошанд ҳам, аммо онҳо аз ҷиҳати иҷтимоӣ ҳифз мегардиданд. Дар ибтидои соҳибихтиёрӣ ва давраи ҷанги шаҳрвандӣ камбизоатӣ ба падидаи сартосарии Ҷумҳурии Тоҷикистон табдил ёфт. Хушбахтона, пас аз Ваҳдати миллӣ ва рушди иқтисодии Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ ботадриҷ коҳиш меёбад.

Камбизоатӣ дар низоми табақабандии иҷтимоию иқтисодии ҷомеаи тоҷик ҳоло ҳам нигаронкунанда буда, ба раванди рушди устувори кишварамон таъсиргузор боқӣ мемонад. Бо вуҷуди таҳия ва татбиқи тадбирҳои судманд ва барномаҳои иҷтимоӣ бештари аҳолии камбизоат ба кори мувофиқ, таҳсилот ва хизматрасониҳои босифати иҷтимоӣ, аз ҷумла хизматрасониҳои тиббӣ дастрасии кофӣ надоранд.

Дар хотимаи боби 2-юми диссертатсия хулоса баровардан мумкин аст, ки аксарияти мутахассисони соҳавӣ ва ташкилоти байналмилалӣ камбизоатии мутлақ, нисбӣ ва субъективиро аз ҳам фарқ менамоянд ва барои ченкунии сатҳи камбизоатӣ меъёр, нишондиҳанда ва методҳои гуногунро, мисли методи стандартикунонии буҷа, оморӣ, меъёрӣ (нормативӣ), тафриқавӣ, деприватсионӣ ва эвристикӣ (субъективӣ) пешниҳод намудаанд. Дар масъалаҳои муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ таҳқиқоти густурдаи илмӣ идома доранд.

Низоми табақабандии иҷтимоӣ дар Тоҷикистон хусусиятҳои худро дорад ва дар давоми як садсолаи охир борҳо ба тағйироти куллӣ гирифтор гардидааст. Пас аз истиқлоли давлатӣ бо сабабҳои гуногуни иҷтимоию иқтисодӣ ва сиёсӣ низоми табақабандии иҷтимоии Тоҷикистон дигаргун

гардида, сатҳи камбизоатии аҳолӣ коҳиш ёфт ва ҳиссаи намояндагони табақаи камбизоати аҳолӣ дар Тоҷикистон хеле афзуд.

# БОБИ 3. САБАБҲОИ КАМБИЗОАТИИ АҲОЛӢ ВА РОҲҲОИ КОҲИШИ ОН ДАР ҶОМЕАИ МУОСИРИ ТОҶИКИСТОН

## 3.1. Сабабҳои камбизоатии аҳолии аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоли Тоҷикистон

Камбизоатӣ зуҳуроти иҷтимоиест, ки баробари пайдоиши ҷомеа ба миён омада, ҳар як нафар дар давоми зиндагӣ ба он рӯ ба рӯ гашта метавонад. Ҳоло низ аз камбизоатӣ аҳолии зиёди рӯйи замин азият мекашанд ва он ба тамоми соҳаҳои фаъолияти иҷтимоии одамон, аз ҷумла ба пешрафти шахсӣ ва ҷойивазнамоии иҷтимоии шаҳрвандон таъсири худро мерасонад. Коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба таҳқиқ ва дарки сабабҳои пайдоиш ва паҳншавии он вобастагии зиёд дорад.

Дар бораи сабабҳои пайдоишу паҳншавии камбизоатии аҳолӣ ҷомеашиносони ватанӣ ва хориҷӣ таҳқиқоти арзишмандеро ба анҷом расонидаанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти гузаронидашуда нишон медиҳанд, ки ба сатҳи камбизоатии аҳолии Тоҷикистон омилҳои таърихӣ, сиёсӣ, географӣ, демографӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва ғайра таъсир мерасонанд. Ба андешаи Ш. Шоисматуллоев, дар ҳар як давлат пайдоишу густариши камбизоатӣ сабабҳои хоси худро дорад: «Дар ҳолати якхела зоҳир шудани камбизоатӣ – даромади паст, набудани пасандоз, зиёд будани хароҷот барои хӯрока аз маҷмуи хароҷот ва ғайра – хусусиятҳои умумӣ-иҷтимоии он дар давлатҳои пасошуравӣ ва давлатҳои дорои иқтисодиёти рушдкарда пурра фарқ менамояд» [41, с. 122].

Донишманди соҳа Н.В. Кондрашова пайдоишу густариши камбизоатиро бо як қатор омилҳои объективии иҷтимоӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ-демографӣ ва фарҳангӣ вобаста медонад. Ҳамзамон, муҳаққиқ як қатор сабабҳои субъктивии камбизоатиро низ ҷудо менамояд, аз ҷумла:

– хислатҳои шахсии фард, мисли танбалӣ, беаҳаммиятӣ, ҷаҳонбинии маҳдуд, мавқеи зиндагӣ, нуқсонҳои ҷисмонӣ ва дигар омилҳои инфиродӣ);
– таъсири омилҳои беруна, аз ҷумла маҳрум кардани шахс аз маблағ ё имконияти соҳибӣ ба он (рақибон, душманон, ҳамсояҳо ва дигарон);
– таъсири сохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ, аз ҷумла ангеза барои муваффақият, сарватмандӣ ва расидан ба мақоми муносиб дар ҷомеа;
– ҳамбастагии тасодуфии омилҳои манфӣ, ки ба бад шудани вазъи иқтисодии шахс мусоидат менамояд;
– рисолати бошууронаи зиндагӣ, ки дар баъзе ҳолатҳо ба эътиқоди динӣ ё ҷаҳонбинии муайян алоқаманд буда, шахсро аз талош барои зиндагонии сарватмандона ё беҳбудии вазъи иқтисодӣ боз медорад [67, с. 54].

Муҳаққиқи дигар Н.К. Джакубов сабабҳои камбизоатиро ҳамчун маҷмуи омилҳо арзёбӣ намуда, онҳоро «ба чунин гурӯҳҳо ҷудо намудаст:
– омиҳои иқтисодӣ (сатҳи бекорӣ, маоши паст, маҳсулнокии ками меҳнат, суръати пасти рушди иқтисодӣ, таваррум, шароити номусоиди манзил ва ғайра);
– омилҳои таббиӣ (маъюбӣ, пиронсолӣ, бемориҳо ва ғайра);
– омилҳои демографӣ (оилаҳои нопурра, оилаҳои серфарзанд ва ғайра);
– омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ (набудани кафолатҳои иҷтимоӣ, табақабандии иҷтимоии ҷомеа, муҳоҷирати меҳнатии беруна ва ғайра);
– омилҳои таълимӣ (сатҳи пасти омодагии касбӣ ва таҳсилот);
– омилҳои минтақавӣ (нобаробарии рушди иҷтимоию иқтисодии минтақаҳо)» [57, с. 802].

Ҷомеашинос Е.А. Стукаленко низ пайдоишу ташаккули камбизоатиро натиҷаи таъсири гурӯҳи омилҳои бо ҳам алоқаманд донистааст:

– омилҳои иқтисодӣ (камшавии даромади аҳолӣ, музди меҳнати кам, таъхир дар пардохти маош, шуғли номуносибу ноустувор, бекорӣ ва ғайра);
– омилҳои иҷтимоӣ (маъюбӣ, пиронсолӣ, маргиналият, бепарасторӣ, серфарзандӣ, беназоратии кӯдакон, ҷинояткорӣ, майзадагӣ ва нашъамандӣ) [34, с. 135].

Иқтисодшиноси ватанӣ А. Ҷабборов ҳама омилҳои пайдоишу паҳншавии камбизоатиро таҳлил намуда, ба омили пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ, ки дар натиҷа аксарияти аҳолии Тоҷикистон камбизоат гардиданд, таваҷҷуҳ намуда, онҳоро чунин тасниф намудааст:

1. Гурӯҳи аввал – сабабҳои иқтисодӣ. Бозсозии иқтисодиёт дар натиҷаи фурӯпошии ИҶШС, ворид гардидани молу маҳсулот ба бозори ҷаҳонӣ ва шиддат гирифтани рақобати истеҳсолии ватанӣ сабаб гардиданд, ки истеҳсоли як қатор бахшҳои иқтисодӣ ва талошу мубориза барои ҳифзи соҳаҳои саноат сусту заиф шаванд. Дар натиҷа музди меҳнат сари вақт пардохт намешуд, корхонаҳо маошро пурра пардохт карда наметавонистанд, ба замми ин, дар шароити таварруми давомёбанда ва болоравии нархҳо музди меҳнат ниҳоят паст буд.
2. Гурӯҳи дуюми сабабҳо – бо афзоиши босуръати чунин гурӯҳҳои аҳолии нави камбизоат, монанди гурезагон ва муҳоҷирони иҷборӣ, ноустувории сиёсӣ, муноқишаҳои байни миллатҳо дар як қатор давлатҳои собиқ Иттиҳоди Шуравӣ бинобар пош хӯрдани он вобаста аст.
3. Гурӯҳи сеюми сабабҳо – тағйири «қиёфа»-и камбизоатӣ, яъне бад шудани вазъи экологӣ ва шароити зист, ки ҳоло чандон равшан зуҳур наёфтааст [39, с. 160].

Дигар муҳаққиқ ва иқтисодшиноси тоҷик Ш. Дустбоев низ сарчашмаи пайдоишу паҳншавии камбизоатии Тоҷикистонро дар пошхӯрии Иттиҳоди Шуравӣ ва аз байн рафтани муносибати байни давлатҳо мебинад. Донишманд андешаҳояшро дар бораи сабабҳои камбизоатӣ чунин баён кардааст: «Пошхӯрии Иттиҳоди Шуравии абарқудрат ва дар баробари он, аз байн рафтани сотсиализм бо оқибатҳои ба он марбут, сабаби асосии пайдо гардидани камбизоатӣ дар ҳама ҳудуди давлатҳои пасошуравӣ мебошад. Як қатор оқибатҳои сиёсӣ ва иқтисодии пошхӯрии ИҶШС, инчунин, дар навбати худ, ба ҳайси сабаби дуюминдараҷа пайдо шудани камбизоатии оммавӣ гардид. Аз онҳо ба Тоҷикистон сабабҳои зерин тааллуқ доранд: пароканда шудани алоқаҳои хоҷагидорӣ бо дигар кишварҳои собиқ иттиҳод; қатъ гардидани фаъолиятҳои умумии иттиҳодиявии тахассусгардонӣ; ҳамкорӣ байни давлатҳо ва дигар воҳидҳои ҳудуди-маъмурӣ; хароб гардидани вазъиятии гумрукӣ бо ҳудудҳои давлатҳои ҳамсоя, ивазшавии бозорҳои Россия, Қазоқистон, Украина ва ғайра дар амалигардонии алоқаҳои воридотӣ-содиротӣ ба дигар давлатҳо» [16, с. 9].

Муҳаққиқи тоҷик Т.Х. Мирзоев сабабҳои пайдоишу густариши камбизоатиро дар Тоҷикистон, пеш аз ҳама, ба равандҳои озодшавии нарху савдо, фалаҷшавии ҳокимият, вайрон шудани корхонаҳои калони саноатӣ ва инчунин, ба ҷанги шаҳрвандии ибтидои солҳои 90-уми асри гузашта алоқаманд медонад. Донишманд хусусиятҳои падидаи камбизоатии Тоҷикистонро чунин ифода намудааст: «Ҷараёни ташкил ёфтани камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз Эритрея, Ботсвана, Гвинеяи Экваториалӣ, Камерун ва ғайра фарқ мекунад. Агар дар мамлакатҳои номбаршуда камбағалон ин асосан насли собиқ табақаҳои камбағал, ё деҳқонони безамин, ё қабилаҳои кӯчманчиҳои биёбон ва дар баробари ин саросар бесавод ва аз дастовардҳои

тамаддуни муосир ягон тасаввурот надошта бошанд, пас дар Тоҷикистон низоми камбизоатӣ ҳам иҷтимоӣ, ҳам касбӣ аз руйи маълумот ва ҳам ҳудудӣ хусусияти хос дорад. Бо шароити муайян бояд қайд намуд, ки ин хусусият дар таърихи ҷаҳонӣ беназир мебошад, яъне махсусияти он дар ба вуҷуд омадан ва қашшоқ шудани категорияҳои пеш баландмузд, дар байни онҳо, олимон, омӯзгорон, кормандони дигар сохторҳои иҷтимоӣ вобастагӣ дорад. Дар баробари ин ба заминаи моддии илм ва умуман, ҷараёни таълимӣ зарари ҷиддӣ расонида шуд» [23, с. 35].

Дар ҳақиқат, афзудани сатҳи камбизоатӣ дар ибтидои истиқлоли давлатии Тоҷикистон ба омилҳои сиёсӣ ҳамбастагии зиёд дошт, зеро аксарияти аҳолӣ ба дигаргунии куллии ҷомеа тайёр набуданд, якбора тағйир ёфтани фазои иҷтимоӣ-сиёсӣ «изтироб»-и иҷтимоиро ба вуҷуд овард. Дар натиҷа, корхонаҳои саноатӣ аз фаъолият бозмонданд, бештари аҳолии қобили меҳнат, махсусан, кормандони соҳаи буҷавӣ бекор монданд. Тағйири сохтори ҷомеа ва ҷанги шаҳрвандии солҳои 1992-1997 боиси камбизоатии сартосарии аҳолӣ гардиданд. Зиёда аз як миллион гурезаҳои сиёсӣ дар давлатҳои ҳамсоя, махсусан, Афғонистон дар ҳолати камбизоатии мутлақ зиндагӣ мекарданд. Дар ҷанги шаҳрвандии Тоҷикистон асосан мардҳо, ки саробони оила ҳастанд, кушта шуданд ва дар натиҷа оилаҳо камбизоат гардиданд. Ҷанги шаҳрвандӣ рушди кишварро боздошта, ҷомеаи Тоҷикистонро ба чанд даҳсолаҳо ақиб партофт.

Ҳамзамон, дар давраи гузариши ҷомеа ва ибтидои соҳибистиқлолӣ дар Тоҷикистон як қатор ислоҳоти иқтисодӣ гузаронида шуданд, ки яке аз онҳо хусусигардонии моликияти давлатӣ буд. Ҳадафи асосии хусусигардонии моликияти давлатӣ таъмини рушди истеҳсолот, рушди соҳибкорӣ, зиёд намудани намояндагони синфи миёнаи устувор ва беҳтарсозии сатҳи зиндагии

шаҳрвандон буд, аммо ин ислоҳоти иқтисодӣ ба натиҷаҳои интизоршуда нарасид ва баръакс ба шиддати нобаробарӣ мусоидат намуд. Дар ин бора профессор Ш. Шоисматуллоев чунин изҳори назар намудааст: «Мақсад аз гузаронидани ислоҳоти иқтисодӣ тағйири муносибат ба моликият, роҳандозӣ намудани иқтисоди бисёрҷониба, барқарорсозии механизмҳои худтанзимшавандаи бозорӣ, ҳавасманд гардонидани субъектони рафтор ва фаъолияти иқтисодӣ буд… Марҳилаи аввали ислоҳот дар шароити мушкили барқароршавии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун давлати соҳибихтиёр, гузариш ба низоми бозоргонӣ, буҳрони амиқи иқтисодӣ, вазъи ҷиноӣ ва низои шаҳрвандӣ гузашт, ки ба харобшавии хоҷагии миллӣ оварда расонид ... Натиҷаи он деиндустриализатсияи иқтисод гашт. Хусусигардонии моликияти давлатӣ ва мулкдорро иваз намуд, аммо вазъияти иқтисодии кишварро беҳтар нагардонид, баръакс бадтар сохт» [41, с. 136].

Ислоҳоти иқтисодии ибтидои истиқлоли давлатии Тоҷикистон дар буҳрони иқтисодӣ ва камбизоатии аҳолӣ ифодаи худро ёфтанд. Оид ба ҳолати иқтисодии давраи гузариши ҷомеаи Тоҷикистон иқтисодшиноси тоҷик Н. Хоналиев чунин баён намудааст: «Дар солҳои истиқлолият гузариш аз низоми нақшавии иқтисодӣ ба бозаргонӣ раванди мураккаб, дарднок ва нисбатан тӯлонист. Дар даврони гузариш зарур аст, ки механизмҳои амалкунандаи бозаргонии иқтисодӣ – қонунҳои нав, санадҳои меъёри ҳуқуқие, ки заминаи ҳуқуқии даврони гузариши нақшавии иқтисодии бозоргониро таъминкунанда таҳия ва дар амал тадбиқ шаванд. Бояд дар чаҳорчӯбаи барномаҳои бозсозии иқтисодӣ ва хусусигардонии моликият, либерализатсияи нархҳо, фаъолияти иқтисоди хориҷӣ, созмон додани низоми устувори молиявӣ-қарзӣ, дар чаҳорчӯбаи муайян нигоҳдории беқурбшавии асъор ва гузаронидани дигар чорабиниҳо барои ташкил додани заминаи иқтисоди бозаргонӣ амалӣ шавад.

... Аз сабаби низои шаҳрвандии солҳои 1992-1997 ин гузариш (гузариш ба бозор) барои Тоҷикистон бамаротиб мушкилтар гардид, ки рушди иқтисодӣ-иҷтимоии кишвар, минтақаҳоро ба чандсолаҳо ақиб монд ва барқарор намудани онҳо дар солҳои наздик мушкил аст» [38, с. 66].

Сабаби дигари камбизоатии аҳолӣ ба мавқеи ҷуғрофии Тоҷикистон алоқамандӣ дорад, зеро 93%-и ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳад ва 73,7%-и аҳолии Тоҷикистон дар деҳот зиндагӣ мекунанд ва мувофиқи оморӣ расмӣ, дар Тоҷикистон ҳанӯз ҳам афзудани аҳолии маҳалҳои деҳот (деурбанизатсия) идома дорад (нигаред ба расми 8) [43, с. 7].

**Расми 8.**

**Сатҳи раванди урбанизатсия дар Ҷумҳурии Тоҷикистон** *(%)*




Ҳамбастагии камбизоатӣ ба мавқеи ҷуғрофиро нишондиҳандаҳои омори расмии Тоҷикистон низ собит месозанд. Масалан, ҳоло 18,4%-и аҳолии шаҳр ва 30,3%-и аҳолии деҳоти Тоҷикистон камбизоат мебошанд. Мувофиқи таҳқиқоти буҷети хонаводаҳо, ки ҳамасола аз ҷониби Агентии омори назди Президенти Тоҷикистон гузаронида мешавад, камбизоатӣ дар минтақаҳои

деҳоти ҷумҳурӣ нисбат ба шаҳрҳо зиёд аст: ВМКБ – 8,3%, НТҶ – 28,2%, Суғд – 16,7%, Хатлон – 37,1%, Душанбе – 9,7% [76, с. 83-92].

Аввал ин ки дар деҳот истеҳсолоти саноатӣ рушд накардааст (64%-и корхонаҳои хурд ва 82%-и корхонаҳои муштарак дар ш. Душанбе ҷойгир гардидаанд) [13, с. 109], зеро дар шароити деҳот (нарасидани неруи барқ, сатҳи пасти худмуайянкунии ҷавонон ва ғайра) имконоти ташкили истеҳсолоти калони саноатӣ хеле маҳдуд аст. Қариб 70%-и аҳолии минтақаи деҳоти Тоҷикистон бо хоҷагии деҳот алоқамандӣ доранд, аммо истеҳсолоти кишоварзӣ соҳаи даромаднок набуда, доимо ҷойҳои кории устуворро ташкил карда наметавонад.

Мутахассисон сабаби асосии ташкил нашудани ҷойҳои доимии кориро дар минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон дар сатҳи пасти рушди инфрасохтор ва нарасидани манбаъҳои доимии энергетикӣ мебинанд. То тамоми минтақаҳои Тоҷикистон бо неруи барқи доимӣ таъмин нагарданд, сохта ва ба истифода додани корхонаҳои истеҳсолӣ ғайриимкон мебошад, зеро барои фаъолияти мунтазами чунин корхонаҳо неруи барқи доимӣ лозим аст. Дар ҳолати қатъ гардидани неруи барқ ё маҳдудгардонии он корхонаҳои истеҳсолӣ моҳҳо аз фаъолият боз монда, бо иқтидори пурраи худ кор карда наметавонанд.

Вобаста ба ин мавзуъ бо мутахассисони соҳа мусоҳибаи амиқ гузаронида шуд. Аксарияти мутахассисон андешаҳои пешини моро тасдиқ намуданд ва рушди саноатӣ, инчунин, саноатикунонии кишварамонро ба мавҷудияти неруи барқи доимӣ ва сифати роҳҳо алоқаманд донистанд. Масалан, яке аз мусоҳибони таҳқиқоти мо дар ин масъала чунин баён намуд: *«Сохтани рушди инфрасохторӣ, яъне роҳҳо бояд сохта шаванд, манбаъҳои барқӣ пайдо гарданд. Мо дар бораи саноаткунонӣ мегӯем, лекин асоси ба ҳаракат даровардани ҳама корхонаҳо ин чист? Ин захираи барқӣ, захираи*

*энергетикӣ аст! Барои он ки мо саноатро рушд диҳем, мо бояд захираҳои энергетикии Тоҷикистонро тақвият диҳем. Баъдан, онҳо имконият медиҳанд, ки инфрасохтори муайян ташаккул дода шавад. Албатта, ҷои пӯшида нест, Тоҷикистон кишварест, ки зимистон аз моҳи октябр сар карда, то моҳи март имконият надорад, то ҳама эҳтиёҷот ва талаботи аҳолиро ба неруи барқ пурра таъмин намояд. Агар эҳтиёҷоти энергетикии аҳолӣ таъмин нагардад, пас мо чӣ тавр метавонем, ки оид ба сохтани корхонаву муассиса суханронӣ намоем. Ё ин ки баъзеҳо мегӯянд, ки дар кишвари мо корхона ё фабрика сохта намешавад. Корхона ва фабрика дар кадом асос бояд сохт? Барои ин, пеш аз ҳама, манбаъҳои энергетикӣ, қудратҳои энергетикӣ сохтан лозим аст. Баъдан, рушди инфрасохториро ба вуҷуд овардан имконпазир мешавад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, мутахассиси соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 46 сола).**

Ташкил нашудани ҷойҳои нави корӣ, бекорӣ, паст будани маош ва дигар масъалаҳои иҷтимоӣ муҳоҷирати меҳнатии хориҷии аҳолии қобили меҳнатро ба миён меоранд. Ин раванд, дар навбати худ, боиси мураккаб гардидани вазъи хоҷагидории кишвар мегардад, зеро бо сабаби афзудани шумораи муҳоҷирони меҳнатии хориҷа дар минтақаи деҳоти кишварамон барои хоҷагии кишоварзӣ қувваи корӣ намерасад ва дар ин соҳа бештар занону пиронсолон машғуланд. Инчунин, «ба рушди соҳаи кишоварзӣ маҳсулнокии пасти соҳаи кишоварзӣ, афзоиши нархи сӯзишворӣ ва нарасидани воситаи моддию техникӣ, сатҳи пасти донишҳои кишоварзӣ ва иттилооти бозаргонии деҳқонон таъсири манфӣ мерасонанд ва боиси истифода нашудани заминҳои дорои таъиноти кишоварзӣ мегарданд» [74, с. 99]. Кам будани заминҳои обии ҳамвори ҳосилхез ва нарасидани оби полезӣ, ҳосилнокии ками замин ва мавсимӣ будани фаъолияти кишоварзӣ (шуғли

доимӣ надоштани аҳолии деҳот) ба некуаҳволии ҳар як хонаводаи деҳоти Тоҷикистон таъсири манфӣ мерасонанд.

Дар раванди мусоҳибаи амиқ яке аз мусоҳибон зикр намуданд, ки камбизоатии аҳолӣ ба қобилияти харидории аҳолӣ низ вобастагӣ дорад: *«... бекорӣ, беқурбшавии пул, яъне боло рафтани арзиши молу маҳсулот дар бозори дохилӣ ё паст шудани қурби асъори миллӣ нисбат ба асъори хориҷӣ боиси кам шудани қобилияти харидории аҳолӣ мегардад ва дар маҷмуъ, ба паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ таъсир мерасонад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, иқтисодчӣ, 46 сола).**

Яке аз омилҳои камбизоатии аҳолӣ ба масъалаи бекорӣ алоқаманд мебошад. Дар шароите, ки аҳолии Тоҷикистон бо суръати баланд меафзояд, масъалаи таъмин намудани аҳолӣ бо ҷойи корӣ аҳаммияти махсус пайдо мекунад. Мувофиқи омори расмӣ, соли 2023 то 2,6%-и аҳолӣ худро ҳамчун бекор ба қайд гирифтаанд, аммо ин омор сатҳи бекории воқеии аҳолии Тоҷикистонро нишон намедиҳад, чунки аксарияти шаҳрвандони қобили меҳнат худро дар мақомоти дахлдор ҳамчун шахси бекор ба қайд намегиранд ва табиист, ки онҳо ба омори расмӣ дохил нагардида, аз имтиёзҳо бенасибанд. Инчунин, дар баробари нарасидани ҷойи корӣ, сатҳи донишу малакаи як қисми шаҳрвандон ба талаботи муосири бозори меҳнат ҷавобгӯ нест. Айни замон барои истифодаи техника ва технологияҳои муосир донишҳои нави техникӣ лозим буда, онҳо дар тамоми соҳаҳои истеҳсолот бо суръати баланд татбиқ мегарданд. Кормандоне, ки доимо донишу малакаҳои техникии худро такмил намедиҳанд, дар бозори меҳнат сатҳи рақобатпазирии худро нигоҳ дошта наметавонанд.

Аллакай дар соҳаҳои истеҳсолоти саноатӣ ва хизматрасонӣ раванди автоматикунонӣ ва роботикунонӣ оғоз гардидааст, ки рақобат дар бозори

меҳнатро боз ҳам шиддатнок мегардонад. Айни замон мутахассисон оид ба оқибатҳои манфии зеҳни сунъӣ ишора мекунанд, ки боиси зиёд гардидани сафи бекорон ва афзоиши камбизоатӣ шуда метавонад [31, с. 216]. Яке аз мусоҳибони мусоҳибаи амиқ ин ҳолати бозори меҳнатро хело воқеӣ арзёбӣ намуданд: *«имрӯз рушди нанотехнология, зеҳни сунъӣ, равандҳои роботикунонӣ босуръат идома ёфта, ин ҳолат боиси кам шудани талабот ба қувваи корӣ, зиёд шудани бекории аҳолӣ ва афзудани сатҳи камбизоатӣ мегардад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, иқтисодчӣ, 46 сола).** Агар дар гузаштаи наздик техника ва таҷҳизот фаъолияти ҷисмонии одамонро маҳдуд карда бошанд, пас дар ояндаи наздик зеҳни сунъӣ фаъолияти зеҳнии шахсро иваз менамояд. Дар натиҷаи ин равандҳо шумораи одамони бекор афзуда, сатҳи зиндагии онҳо коҳиш меёбад ва камбизоатии аҳолӣ меафзояд.

Таҳлили натиҷаҳои мусоҳибаи амиқ бо мутахассисон нишон медиҳад, ки бӯҳронҳои иқтисодӣ низ омили паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва густариши зуҳуроти камбизоатӣ мегардад. Масалан, дар натиҷаи бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳонии соли 2008 аксарият одамон ҷойҳои кории худро аз даст доданд, тоҷирон муфлис гаштанд, низоми бонкӣ таназзул ёфт. Даромади муҳоҷирони меҳнатии хориҷии Тоҷикистон хело кам гардид, зеро дар давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирон, махсусан, Россия лоиҳаҳои бузург ва сохтмонҳои азим аз кор монданд.

Ё ин ки бӯҳрони иқтисодӣ ва молиявии ҷаҳонии соли 2020 дар натиҷаи паҳн гардидани бемории КОВИД-19 сар зад ва Тоҷикистон низ дар қатори дигар давлатҳои ҷаҳонӣ ба бӯҳрони шадиди иқтисодӣ рӯ ба рӯ гардид. Баъзе ташкилоти байналхалқӣ барҳам дода шуданд, корхонаҳо муваққатан аз фаъолият бозмонданд, соҳибкорон муфлис гаштанд, корфармо имконияти пардохт намудани музди меҳнати коргаронро надоштанд ва дигар мушкилиҳо

ба миён омаданд, ки шумораи камбизоатонро дар ҷомеа бештар намуд. *«Буҳронҳои иқтисодие, ки хусусияти миллӣ, минтақавӣ ва ҷаҳонӣ доранд ба даромади аҳолӣ таъсир мерасонад. Соли 2020 бемории сироятии КОВИД-19 пайдо шуд ва дар кишварҳои гуногун маҳдудиятҳо ҷорӣ шуд. Ин, пеш аз ҳама, зарбаи ҷонкоҳ ба низоми тиҷоратӣ ва молиявӣ буд, дар пайи он системаҳои гуногуни иқтисодии минтақавӣ ва ҷаҳонро буҳронҳо фаро гирифтанд»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, сиёсатшинос, 40 сола).**

Ҷаҳонишавӣ ҳамчун зуҳуроти байналхалқӣ ҷанбаҳои мусбату манфӣ дорад, он барои пешрафти давлатҳои мутараққӣ имконоти нав ба навро фароҳам меорад. Мутаассифона, давлатҳои рӯ ба инкишоф дар баробари аз даст додани фарҳанги миллӣ, инчунин, ба бозори давлатҳои мутараққӣ табдил меёбанд. Давлатҳои абарқудрат барои соҳиб шудани захираҳои иқтисодии давлатҳои рӯ ба рушд бо ҳам рақобат намуда, вазъи иҷтимоӣ ва сиёсии охиринро боз ҳам осебпазир мегардонанд. Дар мусоҳибаи амиқ яке аз мутахассисони соҳаи иқтисодӣ оқибатҳои номатлуби раванди ҷаҳонишавиро чунин тасвир намуд: *«Имрӯз тавре ки медонем муҳорибаҳои абарқудратҳо барои соҳиб шудан ба захираҳои ашёи хом хеле зиёданд. Махсусан, давлатҳои мутараққие, ки сатҳи рушди иқтисодии хеле зиёд доранд, захираҳои иқтисодияшон дар ҳолати анҷомёбӣ қарор дорад. Давлатҳои ақибмонда ва рӯ ба тараққӣ бошанд, аз захираҳои иқтисодӣ бой ҳастанд, аммо онҳо имконият ва иқтидори тарзи дуруст истифодабарии ин захираҳоро надоранд. Байни давлатҳои абарқудрат баҳри соҳиб шудан ба ин захираҳо муборизаи шадид меравад. Бубинед, ки имрӯз чӣ дар Аврупо, байни Аврупо ва Россия, дар Осиёи Миёна дар дигар минтақаҳо муҳорибаҳои шадид мераванд. Натиҷаи ҳамин муҳорибаҳо, албатта, бевосита ба иқтисодиёти миллии давлатҳои алоҳида таъсири худро мерасонад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, иқтисодчӣ, 46 сола).**

Маҳз муборизаи байни давлатҳои абарқудрат буданд, ки аз тарафи кишварҳои аврупоӣ бар зидди Россия таҳримҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ ҷорӣ гардиданд, ки ба фаъолияти муҳоҷирони меҳнатии хориҷии мо, ки аксарият дар ин давлати шарики стратегии Тоҷикистон маскун гардидаанд, таъсири назаррас мерасонанд. Дар натиҷаи таҳримҳои ғарбӣ ва вазъияти ҷангӣ иқтисодиёти Россия таназзул меёбад ва барои муҳоҷирони меҳнатии хориҷии мо дарёфти ҷои кор ва маблағ мушкил мегардад. Коҳиши ҳаҷми интиқоли маблағҳои муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон аз Федератсияи Россия ба сатҳ ва сифати зиндагонии оилаҳо таъсири манфӣ расонида, ба афзоиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунад. Нисбат ба ин масъала мусоҳибони таҳқиқоти сотсиологии мо чунин назар доранд: *«... даромадҳое, ки аз муҳоҷирати меҳнатӣ ба кишвари мо ворид мегардид, нисбат ба соли 2014, ки аз ҳама сатҳи баланд буд, имрӯз нисбат ба он хеле кам гардидааст. Чунки таҳримҳое, ки нисбат ба Федератсияи Россия аз ҷониби давлатҳои Аврупо қабул гардид, ҳамин таъсири омилҳои берунӣ ва сиёсати абарқудратҳо ҳолатҳои геосиёсие мебошанд, ки бевосита ба паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ ва пас аз паст гардидани сатҳи зиндагии аҳолӣ даромаднокии он ҳам кам мешавад. Дар натиҷа аҳолӣ оҳиста-оҳиста ба камбизоатӣ дучор мешавад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, иқтисодчӣ, 46 сола).**

Бояд ёдовар шавем, ки 22 марти соли 2024 дар толори консертии «Крокус Сити Холл»-и Россия амалиёти террористӣ рӯй дод, ки дар натиҷаи он 145 нафар ба ҳалокат расида, 551 нафари дигар ҷароҳат бардоштанд. Мутаассифона, дар содир намудани ин амалиёти террористӣ шаҳрвандони Тоҷикистон гумонбар даниста мешаванд. Ин ҳодисаи террористӣ боис гардид, ки шаҳрвандони Тоҷикистон аз ҷониби мақомоти ҳифзи ҳуқуқ ва баъзе аз гурӯҳои миллатгарои рус мавриди таъқибу фишор ва зӯроварӣ қарор

гиранд. Баъзе аз муҳоҷирони кории Тоҷикистон аз корхонаҳо ронда шуданд. Ҳоло дар фурудгоҳҳои шаҳрҳои Россия мусофирони Тоҷикистон ҷиддӣ тафтиш гардида, ба воридшавии онҳо ба хоки ин давлат монеаҳо эҷод менамоянд. Ҳамаи ин рӯйдодҳо ба сатҳи зиндагии аҳолии кишварамон ва камбизоатӣ дар Тоҷикистон таъсири мустақим мерасонанд.

Сатҳи камбизоатии аҳолии Тоҷикистон ба анъана ва урфу одатҳои халқию динӣ низ ҳамбастагӣ дорад. Яке аз анъанаҳои таърихии мардуми тоҷик серфарзандӣ буда, то ба имрӯз ин анъана идома меёбад. Шумораи миёнаи аъзоёни хонаводаҳо дар Тоҷикистон нисбат ба дигар давлатҳо ба маротиб зиёд аст (6,3 нафар ба ҳисоби миёна). Масалан, дар Россия ин нишондиҳанда ҳамагӣ – 2,7 нафар, Қазоқистон – 3,8 нафар, Озорбойҷон – 4,8 нафар, Қирғизистон – 4,9 нафар мебошад [80, с. 99].

Мувофиқи омори расмии охирин, ба ҳар як оилаи тоҷик ба ҳисоби миёна 4 фарзанд рост меояд ва дар оилаҳои камбизоат ин шумора боз ҳам зиёдтар аст. Оилаҳои камбизоат умед доранд, ки агар фарзанди зиёд таваллуд кунанд, оянда фарзандонашон ба воя расида, онҳоро таъмин менамоянд ва аз камбизоатӣ раҳо меёбанд. Мутаассифона, оилаҳои камбизоат бо таваллуди зиёд буҷаи оилавӣ ва таъмини фарзандонро ба инобат намегиранд, ба таълиму тарбия ва сифати хӯроки онҳо эътибор намедиҳанд. Фарзандони чунин оилаҳо ба имконоти кофии таҳсил, ғизо, либос ва хизматрасониҳои иҷтимоии босифат таъмин намегарданд. Дар натиҷа онҳо дар оянда имкони соҳиб шудан ба тахассуси зарурӣ ва ҷойи кори муносиб аз даст дода, ба камбизоатии даврӣ гирифтор мешаванд ва аз он раҳоӣ ёфтанашон боз ҳам мушкилтар мегардад.

Омили дигари камбизоатӣ, ки дар рафти таҳқиқот ошкор гардид ва мавриди таваҷҷуҳ мебошад – таъсири анъана ва ҷашну маросим ба сатҳи

некуаҳволии шаҳрвандон ва аз тарафи мусоҳибон самаранок истифода нагардидани маблағҳои пулии бадастомада аст. Мусоҳибон қайд кардаанд, ки бештари даромади иқтисодии худро ба гузаронидани анъанаю ҷашну маросим ва меҳмондорӣ харҷ мекунанд. Бештари анъана ва ҷашну маросим ба таври кӯр-куркурона ва бенизом иҷро мешаванд, ҳарчанд баъзе аз шаҳрвандон зарарнок будани онҳоро дарк мекунанд, аммо даст ба тақлиду намоишкорӣ мезананд.

Дар ҳақиқат, баъзе аз шаҳрвандон баргузории ҷашну маросимро ҳамчун воситаи худнамоӣ, ба даст овардани шуҳрат ва баланд бардоштани мақоми иҷтимоии худ истифода бурда, ба исрофкорию зиёдаравӣ ва худнамоӣ роҳ медиҳанд, ки пеш аз ҳама, ба табақаи камбизоатӣ аҳолӣ паёмади ногувор дорад. Дар ин масъала Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон чунин назар доранд: «То расму ойин ва маросимҳои милливу динии худро ба як низоми муайян надарорем ва хароҷоти беҳудаву зиёдатии мардумро аз байн набарем, ба қабулу татбиқи барномаҳои давлатӣ ва сарфи маблағҳои зиёд дар масъалаи паст кардани сатҳи камбизоатии аҳолӣ ба натиҷаҳои дилхоҳу назаррас ноил шуда наметавонем» [137].

Меҳмонавозии халқи тоҷик аз давраҳои қадим ба ҳама маълум аст, аммо дар баъзе ҳолатҳо ин хислат ба зарари аъзоёни оила мешавад. Дар рафти гузаронидани таҳқиқоти сотсиологӣ саволдиҳандагон бо ин гуна ҳодисаи ғайричашмдошт рӯ ба рӯ гардиданд, ки онро дар зер ҳамчун як кейси ба мавзуъ дахлдор пешниҳод менамоем.

*Дар маркази шаҳри Ваҳдат зани камбизоати иҷоранишине (дар хонаи ҳавлигӣ бо тариқи ройгон) бо 3 фарзанди ноболиғи худ зиндагӣ менамояд. Ҳарчанд зан расман оиладор аст, аммо шавҳараш оиларо*

*таъмин намекунад ва дар ҳаёти онҳо умуман иштирок надорад. Бо ин сабаб, зан барои таъмини фарзандони хурдсоли худ дар мактаби таҳсилоти миёнаи умуми деҳа ба ҳайси омӯзгор кор мекунад. Ҳавлии хонаи иҷораи ӯ дар маркази шаҳр ҷойгир буда, 12 сотих замин ва дарахтони мевадиҳанда дорад. Фарзандони хурдсоли зан низ пластик ва аллюминий ҷамъоварӣ намуда, аз ҳисоби фурӯши онҳо маблағи иловагӣ ба даст меоранд.*

*Бо вуҷуди даромади кофӣ сифати либос ва хӯроки фарзандон дар сатҳи паст қарор дорад, хонаи истиқоматӣ низ таъмир карда намешавад, ҳолати санитарии хона хело бад аст. Аз суҳбат бо мусоҳиб маълум гардид, ки ӯ бештари маблағҳои бадастомадаро ба меҳмондорӣ, хайру саховат ва гузаронидани анъанаю ҷашну маросим харҷ мекунад. Масалан, мусоҳиб ба фақирии худ нигоҳ накарда, соли равон дар иди Қурбон чорвоеро забҳ намуда, ба ҳамсоягон ва хешовандон тақсим намудааст. Пас аз як моҳи ид дар хонаи иҷораи худ дастархон ороста, чорвоеро забҳ намуда, маъаракаи ҳоҷиталбонро баргузор намуда, ҳамсояҳо ва хешовандонро даъват кардааст.*

*Ҳарчанд ин зан дар ҳолати камбизоатии мутлақ зиндагонӣ мекунад, аммо ба сифати зиндагии худ аҳаммият надода, тамоми маблағи бадастомадаро ба гузаронидани анъанаҳо ва ҷашну маросими динӣ харҷ менамояд. Агар зан ин маблағҳоро ба беҳтар намудани зиндагонии худ ва таълиму тарбияи фарзандон харҷ менамуд, шояд аз ҳолати камбизоатӣ раҳоӣ меёфт. Мутаассифона, чунин тарзи зиндагӣ ва тафаккур ба аксарияти мардуми тоҷик хос аст. Бештари аҳолӣ аз пули хӯрок, пӯшок ва таълими фарзандон сарфа карда, барои гузаронидани анъанаҳо ва ҷашну маросими нолозим харҷ менамоянд.*

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳарчанд анъана ва ҷашну маросим яке аз сабабҳои камбизоатӣ шуда метавонанд, аммо хушбахтона, дар кишварамон фарҳанги камбизоатӣ шакл нагирифтааст ва тавассути қабулу татбиқи стратегияҳо ва нақшаи чорабиниҳои гуногун пеши роҳи афзоиши сатҳи камбизоатӣ гирифта шуд. Яке аз иштирокчиёни мусоҳибаи амиқ назари хешро дар мавриди фарҳанги камбизоатӣ чунин баён намуданд: *«Омили камбизоатии баъзе халқҳо аз фарҳангашон вобаста аст. Масалан, дар Африқо камбизоатӣ худ фарҳанг аст, аммо Тоҷикистон ин Африқо нест. Тоҷикон омода ҳастанд, ки барои кор ба дигар давлатҳо раванд. Хитой мераванд, Амрико мераванд, кор карда маблағ равон мекунанд»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, мутахассиси соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ, 46 сола).**

Сабаби дигари камбизоатӣ, ки ба анъанаҳо алоқамандӣ дорад, қолабҳои фикрӣ ва тарзи фикррони аҳолист. Аз замонҳои қадим дар байни халқи тоҷик қолабҳои гендерӣ шакл гирифтаанд, ки ба тақсимоти иҷтимоии меҳнат дар байни занон ва мардон алоқамандӣ доранд. Мувофиқи қолабҳои гендерӣ, ки рафтори идеалии занону духтаронро муайян менамоянд, зан бояд ҳаёти худро ба оила, ҳамсар ва фарзандон бахшад. Мутаассифона, ин гуна қолабҳои фикрӣ то ҳол дар байни аксарияти аҳолии Тоҷикистон ҷойи махсус доранд. Новобаста аз тағйири шароити иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеа, паҳншавии арзишҳои иқтисоди бозоргонӣ то ҳол мардҳо ба таҳсилот ва касбомӯзии занону духтарон монеаҳои ҷиддӣ мегузоранд. Хушбахтона, дар Тоҷикистон барои худмуайянкунии иҷтимоӣ ва касбии занону духтарон санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардиданд ва таҳсилоти миёнаи умумӣ (то синфи 11) барои ҳамаи духтарон ҳатмӣ гардид. Ҳоло новобаста аз хоҳиши мардони хона, махсусан, падарону бародарон занону духтарон бояд муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумиро хатм намоянд.

Бо вуҷуди ин чорабиниҳо таҳсилоти минбаъда ва фаъолияти меҳнатии бонувон зери суол қарор мегирад. Шавҳар ва дигар мардони хона бошиддат монеаи фаъолияти меҳнатии берун аз хонаи занон мегарданд, махсусан, шавҳарон бо андешаҳои мухталиф занонро кор кардан намемонанд, ҳарчанд кор кардани занон боиси ба буҷаи оилавӣ ворид гардидани маблағҳои иловагӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатии оила гашта метавонанд.

Дар ҷомеаи Тоҷикистон аксарияти занон аз хурдсолӣ дар чаҳорчӯбаи қолабҳо ва монеаҳои сохташудаи мардон зиндагӣ намуда, имконияти пурра истифода намудани неру ва сармояи инсонии худро надоранд. Дар натиҷа даври беохир ба миён меояд: падарон иҷозат намедиҳанд, ки духтаронашон таҳсил намуда, касбу дониш гиранд ва пас аз оиладор шудан, шавҳарон онҳоро хонашин мекунанд.

Падарҳо ба инобат намегиранд, ки сол аз сол қатъи ақди никоҳи байни оилаҳои ҷавон меафзояд ва дар сурати рӯй додани чунин ҳолат таҳсилу касбомӯзии духтарон кафили зиндагии хуби онҳо буда метавонад. Мардҳо эҳтимолияти бекор мондан, маъюбӣ пайдо кардан ва вафот кардани худро ба инобат намегиранд. Онҳо фикр намекунанд, ки дар ҳолати рух додани чунин ҳолатҳои эҳтимолӣ зани бекасбу ҳунар, таҳсилнакарда ва бе таҷрибаи корӣ чӣ тавр худ ва фарзандонашро таъмин менамояд.

Равоншиносони тоҷик сабаби камбизоатиро ба сатҳи тарбияи оилавии шахс алоқаманд медонанд. Яке аз мусоҳибони таҳқиқоти сотсиологии мо ин матлабро чунин арзёбӣ намуданд: *«Мумкин ин таъсири тарбия бошад, тарбияе, ки аз хурди шахс чиро мебинад, амсилаи рафтор аст. Агар волидайн ба тарзи муайян рафтор кунанд ва он боигариҳое, ки дигарон доранд, надошта бошанд, пас ин дар сатҳи малакаҳои иҷтимоӣ интиқол дода мешавад. Ин омили генетикӣ набуда, бештар омили иҷтимоӣ аст»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ,**

**психолог, 40 сола).** Ба андешаи онҳо, шахсоне, ки дар оилаҳои нопурра ва камбизоат ба воя расидаанд, чунин тарзи зиндагиро пеш бурда метавонанд, зеро раванди иҷтимоишавии онҳо маҳз дар чунин муҳити иҷтимоӣ сурат гирифта, камбизоатӣ барои онҳо бо як шакли муқаррарии зиндагӣ табдил меёбад. Одатан, ин гуна одамон ба таҳсил кам эътибор дода, бештар барои ба даст овардани маблағ ба фаъолиятҳои кӯтоҳмуддат машғул мегарданд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ муайян намуданд, ки сатҳи зиндагӣ ва некуаҳволии шахсро сатҳи таҳсилоти ӯ муайян менамояд ва мутахассисон яке аз сабабҳои камбизоатиро ба таҳсил таваҷҷуҳ накардани шаҳрвандон марбут медонанд: *«Ман фикр мекунам, ки яке аз сабабҳои бисёр ҳам муҳим ин дур шудани одамон аз китоб хондан, илм омӯхтан, касб омӯхтан, яъне аз дониши воқеӣ гирифтан ва аз ҳамаи чизи бад он аст, ки дар ҳама ҷомеаҳои пасошуравӣ, аз ҷумла дар кишвари мо ин чиз ба назар мерасад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, сиёсатшинос, 40 сола).**

Мутаассифона, имрӯз дар интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ беарзиш будани таҳсилу омӯзиш фаъолона тарғиб гардида, ба сифати намуна роҳи ҳаёти Б. Гейтс, М. Сукерберг, И. Маск ва дигар нафарони сарватманд оварда мешавад. Гӯё ин сарватмандтарин одамони кураи замин дар мактабҳои олӣ таҳсил накардаанд ва донишҳои тахассусиро дар муассисаҳои таълимӣ ба даст наовардаанд. Ин далелро асос намуда, блогерон бесамарии таҳсилот дар макотиби олиро тарғиб менамоянд. Наврасон ва ҷавонон, ки бештар дар шабакаҳои иҷтимоӣ фаъоланд, ин ғояро пайгирӣ намуда, ба таҳсил кам диққат медиҳанд. Чунин қолабҳои фикрӣ ва муносибат ба таҳсилот, касбомӯзӣ ва илму дониш боиси дар оянда афзудани шахсони камбизоат шуда метавонад. Сиёсатшиноси тоҷик Х.Қ. Сафарализода низ дар натиҷаи таҳқиқоти илмии хеш ба чунин хулосае расидааст, ки «шабакаҳои иҷтимоӣ

сарчашмаи афзоиши иттилооти бесифат, омили дур шудани ҷавонон аз донишҳои илмию назариявӣ, сабаби талаф ёфтани вақти одамон, паҳн гардидани фарҳанги бегона, бештар шудани таъсири иттилооти бардурӯғу носаҳеҳ ба афкори ҷамъиятӣ ба шумор меравper. Аз ин рӯ, муайян бояд кард, ки шабакаҳои иҷтимоӣ ба манфиати кӣ ва бар зарари кист» [114].

Камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон сабабу омилҳои хеле зиёд дорад ва барои муайян намудани онҳо ақидаи қишрҳои гуногуни аҳолиро нисбат ба ин масъала дар натиҷаҳои ду пурсиши сотсиологӣ бо ҳам муқоиса менамоем. Дар таҳқиқоти аввал, ки ҳама қишрҳои аҳолӣ иштирок намуда буданд, мусоҳибон сабаби камбизоатиро ба камсаводӣ ва касб надоштан (51,0%), бекорӣ (46,5%), дуруст харҷ карда натавонистани даромади иқтисодӣ (30,5%), паст будани музди меҳнат (29,5%), надоштани маблағ барои таҳсил (24,2%), надоштани саводи иқтисодӣ (22,3%), надоштани маблағ барои кор ва тиҷорат (21,7%) вазъи нохуби саломатӣ (21,1%), надоштани хоҳиши кор кардан (20,0%), ба одат табдил ёфтани камбизоатӣ (16,0%), тарс аз хавф барои тиҷорат (13,7%) ва надонистани ҳуқуқу имтиёзҳои худ (13,4%) алоқаманд медонанд *(нигаред ба расми 9)*.

**Расми 9.**

**Шумо сабабҳои камбизоатиро дар чӣ мебинед?** *(n=1100, %)*




Натиҷаҳои таҳқиқоти дуюм, ки бевосита бо худи камбизоатҳо гузаронида шуда буд, мусоҳибон сабабҳои камбизоатиро чунин тавсиф менамоянд: бекорӣ (20,4%), вазъи саломатӣ (19,6%), надоштани хоҳиши кор кардан (19,1%), паст будани музди меҳнат (13,1%), надоштани саводнокии иқтисодӣ (8,8%), сатҳи пасти савод ва касбияти шаҳрвандон (4,8%), нодуруст истифода намудани маблағ (3,6%), ба одат табдил ёфтани камбизоатӣ (2,9%), надоштани маблағ барои кор ва тиҷорат (2,1%), надоштани маблағ барои таҳсил (2,1%), ҳуқуқ ва имтиёзҳои худро надонистан (1,3%), тарс аз хавф барои тиҷорат (0,9%) *(нигаред ба расми 10)*.

**Расми 10.**

**Шумо сабабҳои камбизоатиро дар чӣ мебинед?** *(n=500, %)*




Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти номбаршудаи сотсиологӣ маълум мегардад, ки аксарияти мусоҳибон сабаби камбизоатиро ба худи шахс нисбат медиҳанд. Ба андешаи онҳо, чунин шахсон барои беҳтар намудани сатҳи некуаҳволии худ саъю талоши кофӣ намекунанд, ба таҳсил ва худтакмилдиҳӣ аҳаммияти зарурӣ намедиҳанд, касбу ихтисоси интихобкардаашонро дар сатҳи лозима аз худ намекунанд ва қобилияти машғул шудан ба фаъолияти соҳибкориро низ надоранд. Дар таҳқиқоти дуюм бошад, мусоҳибон сабаби камбизоатии худро дар омилҳои беруна, ба монанди бекорӣ ва вазъи саломатӣ мебинанд.

Хулоса, омӯзиши сабабҳои пайдоишу ташаккули камбизоатии аҳолӣ ва коҳиши он боиси бартараф шудани бисёре аз масъалаҳои иҷтимоӣ мегардад. Агар вазъи зиндагии аҳолӣ бо сабабҳои буҳрони иқтисодӣ ва низоҳои сиёсӣ паст гардад, бо гузашти вақт ва беҳтар гардидани вазъи иқтисодӣ-сиёсӣ некуаҳволии аҳолӣ барқарор мешавад. Мутаассифона, ба афзоиши сатҳи

камбизоатӣ бештар омилҳои иҷтимоӣ таъсир мерасонанд, зеро дар шароити ташаккули «фарҳанги камбизоатӣ» аҳолӣ бо қолабҳои куҳнаи тафаккур зиндагӣ намуда, ба рушди ҳамдигар монеа эҷод мекунанд. Дар натиҷа ва бо мурури замон мушкилоти иҷтимоию иқтисодии онҳо бештар гардида, дарёфти роҳҳои ҳалли онҳо мураккабтар мегарданд.

### 3.2. Оқибатҳои иҷтимоии камбизоатии аҳолӣ дар Тоҷикистон

Бартарафсозии комили зуҳуроти камбизоатӣ ғайриимкон аст, аммо сатҳ ва таъсири онро ба ҳаёти иҷтимоӣ тавассути таҳия ва татбиқи стратегияҳои гуногуни илман асоснок коҳиш дода метавонем. Тақсимоти аз ҳад зиёди нобаробари захираҳои табиӣ, иҷтимоӣ ва иқтисодӣ боиси тафриқаи қишрҳои гуногуни аҳолӣ гашта, фосилаи байни табақаҳои иҷтимоӣ меафзояд ва ҷойивазкунии иҷтимоии аҳолӣ мушкил мегардад. Дар натиҷа табақаи поёнии ҷомеа имкони беҳтар намудани сатҳу сифати зиндагии худро аз даст дода, камбизоатӣ меафзояд ва боиси пайдоишу ташаккули дигар мушкилоти иҷтимоӣ, мисли каҷрафтории иҷтимоӣ (асосан дар байни наврасон ва ҷавонон), паҳншавии бемориҳои сироятӣ, дур шудан аз таҳсил, фарҳанги камбизоатӣ ва ғайра мегардад.

Аз таҳлили натиҷаи таҳқиқоти мутахассисон маълум мегардад, ки зуҳуроти камбизоатӣ, пеш аз ҳама, ба тараққиёти иқтисодии давлат монеа мегардад. Одамони камбизоат имкони иштироки фаъолона дар ҳаёти иҷтимоии ҷомеаро надоранд, бештар ба қонеи талаботи ҳаррӯзаи зиндагии худ кӯшиш намуда, имкони ошкор ва такмили истеъдоду қобилияти худро надоранд. Дар чунин шароит саҳми онҳо дар рушди иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва фарҳангии ҷомеа маҳдуд боқӣ мемонад. Чи хеле, ки ҷомеашиноси рус Е.С. Балабанова навиштааст: «Дар ҳолати камбизоатӣ дар одамон талаботи иҷтимоӣ, норозигӣ ва фаъолият суст мегарданд... бо пастшавии сатҳи зиндагӣ

аз ҷаҳонбинии шахс «талаботи мураккаби иҷтимоӣ-фарҳангӣ шуста мешаванд», тафаккури онҳо на барои бартарафсозии камбизоатӣ, балки барои ҳар рӯз зинда мондан кор мекунад» [52, с. 73].

Дигар шахсияти машҳури соҳаи ҷомеашиносӣ, сотсиологи поляк П. Штомпка (соли таваллудаш 1944) ба хулосае омадааст, ки камбизоатӣ ба рушди шахсият, қобилияти истеъмолии одамон ва сатҳи рушди ҷомеа таъсири манфӣ мерасонад. Мутафаккир нисбат ба оқибатҳои иҷтимоӣ-иқтисодии падидаи камбизоатӣ чунин навиштааст: «Дар ҷомеаи муосир ба гурӯҳҳои камбизоат ва маргиналӣ вохӯрдан мумкин аст, ки аз канораи ҷаҳонии некуаҳволи тамаддуни исмеъмолӣ берун партофта шудаанд» [42, с. 377].

Оқибати аз ҳама ташвишовар, нигаронкунанда, манфӣ ва хатарноки зуҳуроти камбизоатӣ афзудани ҷинояткории наврасон ва ҷавонони оилаҳои камбизоат мебошад. Муҳаққиқи рус А.В. Гурниский дар ҳамкорӣ бо С.В. Маликов дар масъалаи ҷинояткории аҳолӣ вобаста ба мансубияти табақавиашон дар байни 600 ҳазор маҳбусони Россия таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронидаанд. Муҳаққиқони мазкур ҷиноятҳои содиркардаи маҳбусонро ба панҷ гурӯҳи асосӣ ҷудо намудаанд: ҷиноятҳо бар зидди моликият, ҷиноятҳо бар зидди тандурустии аҳолӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ, ҷиноятҳо бар зидди ҳаёт ва саломатии инсон, ҷиноятҳо бар зидди амният ва тартиботи иҷтимоӣ ва ҷиноятҳои соҳаи иқтисодиёт. Муҳаққиқон аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти худ ба хулосае омаданд, ки «гурӯҳи асосии ҷиноятҳое, ки аз ҷониби камбизоатон содир мешаванд, ин ҷиноятҳо бар зидди моликият мебошанд» [56, с. 46].

Фикр мекунем, ки оқибатҳои иҷтимоии зуҳуроти камбизоатиро ба тариқи зерин арзёбӣ намудан мумкин аст:

– монеа гаштан ба рушди иқтисоди миллӣ ва афзоиши сарбории буҷети давлатӣ;

- афзудани сатҳи ҷинояткории аҳолӣ, бахусус, зиёд гардидани сатҳи каҷрафторӣ дар байни наврасон ва ҷавонон;
- таъсири манфӣ ба раванди иҷтимоишавии наврасон, инчунин, маҳдуд гардидани дастрасӣ ба таҳсилоти босифат;
- бад шудани сатҳи тандурустии аҳолӣ ва маҳдуд гардидани дастрасӣ ба хизматрасонии босифати тиббӣ;
- ташаккули рафторҳои номатлуби инфиродӣ, аз ҷумла шармгинӣ, танбалӣ, афсурдаҳолӣ, ноумедӣ, эҳсоси бегонагӣ ва дигар падидаҳои иҷтимоӣ).
- хатари ташаккули фарҳанги камбизоатӣ дар ҷомеа, махсусан, паҳн гардидани тарзи зиндагии муфтхӯронаи баъзе аз шаҳрвандон ва ғайра.

Мувофиқи натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ ҳиссаи зиёди ҷиноятҳои содиркардаи маҳбусони камбизоат ба моликият равона шудаанд (25,73%), ки асосан дуздӣ, ғоратгарӣ ва қаллобиро ташкил медиҳанд. Аз панҷ як ҳиссаи ҷиноятҳои камбизоатон (18,76%) бар зидди ҳаёт ва саломатии шаҳрвандон содир гардидаанд. Ҳамзамон, 13,9%-и ҷиноятҳои маҳбусони камбизоат ба муқобили саломатии аҳолӣ ва ахлоқи ҷамъиятӣ равона шудаанд. Дар маҷмуъ, натиҷаҳои пурсиши сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки камбизоатон асосан ба тасарруф ва дуздии неъматҳои моддӣ даст мезананд, зеро талаботи иҷтимоии худро на ҳама вақт бо роҳҳои қонунӣ қонеъ гардонида метавонанд *(нигаред ба расми 11)* [56, с. 45].

**Расми 11**

**Ҷинояткории аҳолӣ вобаста ба табақаҳои иҷтимоӣ** *(n=600 ҳазор, %)*




Дар ин мавзуъ кормандони «Маркази ҷумҳуриявии иттилоот ва тамоюли ҷавонон»-и Кумитаи ҷавонон, варзиш ва сайёҳии назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон низ таҳқиқоти сотсиологӣ гузаронида, муайян карданд, ки яке аз сабабҳои асосии ҷинояткории ноболиғону ҷавонон камбизоатии оила (23,4%) мебошад. Ҳарчанд камбизоатӣ ҳамчун сабаби ҷинояткорӣ нисбат ба сабабҳои бекорӣ (54,2%) ва сатҳи пасти маърифати ҳуқуқӣ (33,3%) дар дараҷаи поёнтар қарор дорад, аммо таъсири он ба ҷинояткории наврасону ҷавонон назаррас боқӣ мемонад. Зеро баъзе намояндагони қишри камбизоати аҳолӣ ба захираҳои моддӣ ва маънавии ҷамъият дастрасии маҳдуд дошта, барои қонеи эҳтиёҷоти худ аз ҷиноят рӯй намегардонанд *(нигаред ба расми 12)* [109, с. 83-84].

Умуман, камбизоатӣ на танҳо ба бад гардидани шароити иқтисодии шаҳрвандон оварда мерасонад, балки ба ноором гардидани муҳити иҷтимоӣ низ таъсир расонида метавонад. Дар чунин шароит қисми муайяни шахсони камбизоат ба рафтори зиддиқонунӣ ва ҷиноят даст мезананд. Махсусан, дар ҳолати аз зери назорати падару модар дур мондани фарзандони оилаҳои

камбизоат хатари содир намудани ҳуқуқвайронкунӣ дар байни ноболиғон ба маротиб меафзояд.

**Расми 12**

**Сабабҳои ба ҷиноят даст задани ноболиғон ва ҷавонон** *(n=1370, %)*




Мувофиқи маълумоти Вазорати корҳои дохилии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соли 2025 дар Тоҷикистон 23448 ҷиноят (2024-22314) ба қайд гирифта шудааст, «аз ҷумла, одамкушӣ ва сӯиқасд ба он – 74 (2024-75), роҳзанӣ – 32 (2024-28), ғоратгарӣ – 107 (2024-86), таҷовуз ба номус – 49 (2024-41), қасдан расонидани зарари вазнин ба саломатӣ – 119 (2024-117), авбошӣ – 1559 (2024-1663), одамрабоӣ 9 (2024-10), ғайриқонунӣ нигоҳ доштан ва тайёр кардани силоҳ 26 (2024-31), тамаъҷӯӣ 56 (2024-61), муомилот, ғайриқонунӣ тайёр кардан, нигоҳ доштан ва интиқоли воситаҳои нашъадор 905 (2024-745), қаллобӣ – 3857 (2024-3480), дуздӣ – 3902 (2024-3858) ҳолат ба ҳисоб гирифта шудаанд... Аз тарафи ноболиғон 715 ҳолати ҷиноят (2024-674) ва аз тарафи ҷавонон бошад, 3 ҳазору 116 ҷиноят (2024-3964) ба ҳисоб гирифта шудааст» [117].

Морӣ расмӣ нишон медиҳад, ки вазъи ҷиноят ва ҷинояткории ноболиғону ҷавонон хело ташвишовар аст, зеро дар соли 2024 шумораи ҷиноятҳои содирнамудаи ноболиғон то ба 665 ҳолат (соли 2025 то ба 715 ҳолат) ва аз ҷавонон то ба 3194 (соли 2025 то ба 3116) ҳолат рафта расидаст. Ҳол он ки соли то 2023 сатҳи ҷиноят ва ҷинояткории ноболиғону ҷавонон нисбат ба солҳои қаблӣ коҳиш ёфта, таносуби онҳо ба 555 ҳолат ва 3020 ҳолат баробар буд ва аз соли 2018 (5188 ҳолат) то соли 2023 (3020 ҳолат) ҷинояткории ҷавонон қариб 42% кам шуда буд (*нигаред ба расми 13)*.

**Расми 13.**

**Вазъи ҷинояту ҷинояткорӣ дар давоми солҳои 2018-2023** *(дар заминаи маълумоти нишасти матбуотӣ дар Вазорати корҳои дохилӣ)*




Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳад, ки гарчанде ҳамаи шаҳрвандон ҳуқуқ ба таҳсил доранд, дастрасӣ ба таҳсилоти босифат, пеш аз ҳама, ба як зумра омилҳои иҷтимою иқтисодӣ вобаста мебошад. Аз ҷумла низоми кушодаи табақабандии иҷтимоӣ, вазъи иҷтимою иқтисодии оила, ҷойи истиқомат (шаҳр ва деҳа), сатҳи таҳсилот ва машғулияти волидайн, муҳити иҷтимоӣ ва дигар омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ба ин раванд таъсири назаррас мерасонанд.

Дастрасии шаҳрвандони камбизоат, гурӯҳҳои осебпазир ва бештари сокинони деҳот ба таҳсилоти босифат то ҳанӯз як мушкилии ҷиддӣ ва нигаронкунанда боқӣ мемонад. Мутаассифона, бо сабаби камбизоатӣ ва мушкилоти иқтисодӣ на ҳамаи наврасону ҷавонони қобилиятнок аз захираҳои таълимии ҷомеа истифода бурда, ҳамчун мутахассисони касбӣ ба воя мерасанд. Наврасону ҷавонони оилаҳои камбизоат бо вуҷуди он ки қобилият ва ҳаваси таҳсил карданро доранд, аммо бо сабаби мушкилоти иқтисодии оилаи худ таҳсилро идома дода наметавонанд.

Солҳои охир муассисаҳои таълимӣ хизматрасониҳои пулакиро ба роҳ мондаанд ва сифати таҳсил дар онҳо беҳтар аст. Аллакай, дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ нобаробарии иҷтимоӣ баръало мушоҳида мешаванд. Дар баъзе аз муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ асосан фарзандони табақаҳои миёна ва болоии ҷомеа таҳсил мекунанд. Чунин муассисаҳои таълимӣ тавассути маоши баланд омӯзгорони касбиро ба худ ҷалб карда, базаи моддӣ-техникии худро низ беҳтар намудаанд, аммо фарзандони оилаҳои камбизоат аз ин хизматрасониҳои таълимии онҳо истифода бурда наметавонанд.

Дар муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ бошад, пулакӣ шудани таҳсилот, баръакс ба сатҳи сифати таҳсилот таъсири манфӣ мерасонад. Ба андешаи муҳаққиқи соҳа А.Ш. Қурбонов, тиҷоратишавии соҳаи маорифи Тоҷикистон ва маблағгузории нокофии маориф ба «паст рафтани сифати он оварда расонида, дар натиҷа институтҳои таълимӣ барои ба даст овардани фоидаи тиҷоратӣ стандартҳои қабул ва аттестатсияро поён фуроварда, шумораи меъёрии хонандагонро зиёд менамоянд, омӯзгоронро бо сарбории зиёди таълимӣ гирифтор карда, истифодаи онҳоро дар шакли корманди нопурра (ҳамкор) тақвият мебахшанд» [19, с. 32; 108, с. 10].

Кӯдакони бештари оилаҳои камбизоат ба таҳсилоти босифат ҷалб карда намешаванд, саводашон хеле суст буда, волидайнашон ба таҳсилоти онҳо афзалият намедиҳанд. Ҳарчанд таҳсил дар муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии Тоҷикистон ройгон аст, аммо волидайн имконияти харидории лавозимот ва либоси мактабиро надоранд. Набудани шароит ва имконияти таҳсилоти босифат дар мактаб кӯдаконро аз хурдӣ ба фаъолияти меҳнатӣ водор месозад ва баъзан онҳо ба оворагардӣ, дуздӣ ва дигар намудҳои каҷрафториҳои иҷтимоӣ даст мезананд.

Ҳамзамон ба ин, дар аксарияти оилаҳои камбизоат таҳсил кардани фарзандон ва тавассути таълими босифат татбиқи ҷойивазкунии иҷтимоии амудии болораванда ҳамчун арзиши иҷтимоӣ эътироф нагаштааст. Чунин оилаҳо ба сатҳи сифати таҳсилоти фарзандонашон диққат намедиҳанд ва шароити зарурии таълимиро муҳайё намегардонанд. Оилаҳои камбизоат, ки аксаран фарзанди зиёд доранд, бештар ба таъминоти эҳтиёҷоти моддии рӯзмарраи оила таваҷҷуҳ зоҳир намуда, харҷи маблағҳои оилавиро барои таҳсилоти фарзандон ҳамчун стратегияи камсамар ё камнатиҷа арзёбӣ мекунанд.

Дар байни баъзе аз оилаҳои камбизоат чунин қолаби фикрӣ мустаҳкам гардидааст, ки гӯё бо вуҷуди таҳсилоти хуб доштан, фарзанди онҳо ба комёбиҳои назаррас ноил гардида наметавонад ва аз ҳолати камбизоатӣ раҳоӣ намеёбад. Дар натиҷа, намояндагони табақаҳои камбизоати аҳолӣ бе иҷтимоишавии кофӣ ва таҳсилоту омӯзиши касбӣ нақшҳои иҷтимоии худро иҷро намуда, дар онҳо эҳсоси нокомил будан, ноумедӣ, афсурдаҳолӣ ва рафтори эътирозӣ ташаккул ёфта, барои қонеи талаботи моддӣ ва маънавии хеш каҷрафторӣ содир карда метавонанд.

Камбизоатии доимӣ ба вазъи саломатии аҳолӣ низ бетаъсир намемонад, зеро риоя нагардидани қоидаҳои одитарини санитарӣ-гигиенӣ вазъи саломатии камбизоатонро бад карда, омили пайдошавии бемориҳои гуногун мегардад. Махсусан, паҳншавии бемориҳои сироятӣ бештар дар байни аҳолии камбизоат мушоҳида мегардад, зеро бо сабаби маҳдуд будани дастрасӣ ба маводи доруворӣ ва хизматрасонии босифати таббӣ онҳо барои нигоҳдорӣ ва ҳифзи саломатии худ кӯшиш намекунанд. Натиҷаҳои таҳқиқоти тиббӣ ва иҷтимоӣ собит менамоянд, ки паҳншавии бештари бемориҳои сирояткунанда ва фавти аҳолӣ ба вазъи мушкили зиндагии иҷтимоӣ-иқтисодии оилаҳо ҳамбастагии қавӣ доранд. «Шароити номусоиди ҳаёт ва бад шудани вазъи моддӣ боиси паст рафтани сатҳи таваллуд, бад шудани вазъи некуаҳволӣ, бад шудани таъминоти хӯрокворӣ, афзудани нархи доруворӣ ва хизматрасонии тиббӣ гардида, ҳамаи ин омилҳо дар якҷоягӣ ба афзудани сатҳи фавт бурда мерасонанд» [45, с. 5].

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ, сатҳи пасти зиндагии аҳолӣ ба бад гардидани вазъи саломатӣ ва афзоиши нишондиҳандаҳои фавт дар байни гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, мисли кӯдакон, пиронсолон ва маъюбон оварда мерасонад. Сатҳи фавт аз бемориҳо дар байни қишри камбизоати аҳолӣ нисбатан баландтар мебошад. Камбизоатӣ ҳамчун омили мусоидкунандаи бемориҳо, маъюбӣ ва фавти нобаҳангом баромад карда метавонад. Ҳамзамон, он боиси изтироб, ноумедӣ ва дигар ҳолатҳои ногувори психологӣ мегардад [84, с. 124; 66, с. 289-302]. Бештари фавти модарону кӯдакон ба давлатҳои рӯ ба инкишоф ва аҳолии камбизоат рост меояд [122]. «Эҳтимолияти афзудани сатҳи фавти бармаҳали аҳолӣ дар байни камбизоатон ба маротиб меафзояд, зеро онҳо ба захираҳои зарурии иҷтимоӣ ва иттилоотӣ дастрасии кофӣ надоранд. Камбизоатии мутлақ (набудани неъматҳои асосии

моддӣ) то ҳанӯз ҳатто дар кишварҳои сарватманди ҷаҳон вуҷуд дорад» [86, с. 45-50].

Яке аз оқибатҳои дигари камбизоатӣ дар ҷомеа шакл гирифтани фарҳанги камбизоатист. Ташаккул ва паҳншавии фарҳанги камбизоатӣ дар ҷомеа ба некуаҳволии аҳолӣ ва худтатбиқнамоии шаҳрвандон монеа мегардад, зеро дар ин ҳолат камбизоатӣ зуҳуроти муътадилу рӯзмарра ҳисобида шуда, худи камбизоатон ба ҳамин гуна тарзи зиндагӣ, ҳувияти махсус (ҳувияти «поёниҳои иҷтимоӣ» [10, с. 123]) ва муҳити иҷтимоӣ мутобиқ шуда, одат мекунанд. Фарзандони оилаҳои камбизоат дар муҳити носолим ба воя расида, дар муддати дарози вақт дар ҳолати камбизоатӣ зиндагӣ карда, онро ҳамчун ҳолати муқаррарӣ қабул менамоянд, ки дар натиҷа камбизоатӣ аз насл ба насл гузашта, ба фарҳанг ва тарзи зиндагии муқаррарӣ табдил меёбад.

Ҷомеашиноси рус И. Скобелев фарҳанги камбизоатиро дар муҳити ҷомеаи Россия таҳқиқ намуда, ба хулосае меояд, ки «шахсони камбизоат аз ҷомеа дур шуда, дар худ баста гардида, худистеҳсолкуниро оғоз менамоянд» [134]. Дар шароити ташаккули фарҳанги камбизоатӣ худбаҳодиҳии одамон коҳиш ёфта, онҳо ба иқтидор ва қобилияти худ боварии кофӣ надоранд. Ин ҳолат ба раванди ҷойивазкунии иҷтимоии аҳолӣ таъсири манфӣ расонида, имконоти беҳтар намудани сатҳи зиндагии қишри камбизоатро маҳдуд месозад.

Оқибати номатлуби камбизоатӣ, ки бевосита ба ташаккули фарҳанги камбизоатӣ алоқамандӣ дорад, муфтхӯрии иҷтимоист. Дар натиҷаи ба одат табдил ёфтани камбизоатӣ рафтори муфтхӯрии иҷтимоӣ пайдо мешавад. Муфтхӯрии иҷтимоӣ яке аз роҳҳои мавҷудияти инсон аст, ҳарчанд баъзе одамон имконияти мустақилонаи қонеи талаботи моддии худро доранд, аммо

бо сабаби коҳилӣ, нодонӣ ва беҳунарӣ аз ҳисоби дигарон зиндагии худро пеш мебаранд. Намудҳои васеъ паҳншудаи муфтхӯрӣ, ки ба камбизоатӣ алоқаманд, дуздӣ, қаллобӣ, ғоратгарӣ, фоҳишагӣ, талбандагӣ ва ғайра мебошанд.

Одатан, камбизоатоне, ки ба муфтхӯрии иҷтимоӣ рӯ овардаанд, даромади ночизи иқтисодӣ ва шуғлмандии ноустувору муваққатӣ дошта, тарзи ҳаёти носолимро пеш мебаранд ва ҳамеша ба кумаки хешовандону шиносон умед мебанданд. Муфтхӯрии иҷтимоӣ як намуди рафтори иҷтимоӣ ва иқтисодии камбизоатон буда, ҳамчун стратегияи рафтори онҳо барои қонеи талаботи моддӣ ва мутобиқ шудан ба шароити муосири ҷомеа баромад менамояд.

Муфтхӯрии иҷтимоӣ боис мегардад, ки сатҳи худшиносӣ, мақоми иҷтимоӣ ва худбаҳодиҳии камбизоатон хеле коҳиш ёбад, онҳо имконоти мавҷудаи худро дар амал татбиқ карда натавониста, ба каҷрафториҳои гуногуни иҷтимоӣ рӯ оварда метавонанд. Бартарафсозии муфтхӯрии иҷтимоӣ хеле мушкил аст, зеро камбизоатҳое, ки ба ин намуди рафтор одат кардаанд, зуд ба меҳнати самараноки ҷамъиятӣ ҷалб намешаванд.

Хушбахтона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон камбизоатӣ ҳанӯз хусусияти фарҳанг ва тарзи зиндагиро касб накардааст. Аксарияти аҳолӣ ин падидаро ҳамчун мушкилии иҷтимоии номатлуб арзёбӣ намуда, барои ҳалли он чораҷӯйӣ менамоянд. Аз ҷумла тамоми сохторҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолӣ тадбирҳои заруриро меандешанд. Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми хеш «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» аз 28.12.2023 ба Ҳукумати

мамлакат супориш доданд, ки «ҷиҳати дар ҳафт соли минбаъда то ба 10 фоиз паст кардани сатҳи камбизоатӣ чораҳои мушаххасро амалӣ намояд» [129].

Камбизоатӣ ба ҳаёти иҷтимоии аҳолӣ низ таъсири манфӣ расонида, вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии онҳоро вазнин мегардонад. Аллакай собит шудааст, ки бештари оилаҳои камбизоат серфарзанд низ ҳастанд. Маҳз серфарзандӣ ба ин гуна оилаҳо имконият намедиҳад, ки вазъи иқтисодӣ ва мақоми иҷтимоии худро дар низоми табақабандии иҷтимоӣ тағйир диҳанд. Оилаҳои серфарзанд ҳангоми дастрасии хизматрасонии таълимӣ ва таббӣ ба мушкилӣ рӯ ба рӯ мешаванд. Фарзандони баъзе аз оилаҳои камбизоат пас аз оиладоршавӣ масъалаи манзили зистро мустақилона ҳал карда наметавонанд. Мушоҳидаҳо нишон медиҳад, ки чунин одамон муддати дароз дар манзили иҷора зиндагӣ мекунанд ва ба мушкилоти моддию молиявӣ гирифторанд. Мутаассифона, то ҳол дар Тоҷикистон барномаҳои иҷтимоие таҳия нашудааст, ки барои ба манзили зист таъмин намудани оилаҳои ҷавони камбизоат равона шуда бошанд ва ин масъала то ҳол нигаронкунанда боқӣ мемонад.

Дар таҳқиқоти сотсиологии аз ҷониби муаллифи диссертатсия гузаронидашуда ба масъалаи оқибатҳои иҷтимоии камбизоатӣ ва таъсири он ба ҷомеа низ таваҷҷуҳ дода шуд. Натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ муайян намуд, ки мусоҳибон чунин оқибатҳои камбизоатиро таъкид кардаанд: одат кардани камбизоатон ба кумаки дигарон (47,6%), зиёд шудани одамони камсавод (11,6%), паст шудани сатҳи зиндагии аҳолӣ (7,9%), баланд шудани сатҳи ҷинояткорӣ (5,4%), зиёд гардидани бемориҳои сироятӣ (4,2%) ва аз насл ба насл гузаштани камбизоатӣ (3,4%). Инчунин, 19,3%-и мусоҳибон аз ҷавоб додан ба ин савол душворӣ кашиданд *(нигаред ба расми 14)*.

**Расми 14.**

**Ба андешаи Шумо оқибати камбизоатӣ дар чӣ зоҳир мегардад?** *(n=500, %)*




Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ нишон медиҳанд, ки зиёд гардидани сатҳи камбизоатӣ ҳодисаи майли шаҳрвандон, махсусан, ҷавононро ба гурӯҳҳои экстремистӣ ва террористӣ бештар менамояд. Масалан, файласуфи тоҷик Н.Д. Маҳмадизода ба ин масъала дахл намуда, чунин навиштааст: «Терроризми фардӣ дар он ҳолат зоҳир мегардад, ки агар фард бо роҳи қонуни захираҳои ҳаётан муҳимми зиндагиро ба даст оварда натавонад» [72, с. 172]. Қонеъ нагаштани талабот, дар амал татбиқ нашудани нақша ва орзуҳо эътирози иҷтимоии аҳолӣ, махсусан, ҷавононро зиёд мегардонад.

Умуман, камбизоатӣ мушкилии ҷиддии ҷомеа аст, зеро шумораи зиёди камбизоатон ба рушди иқтисодиёт монеа гашта, симои давлатро дар арсаи ҷаҳонӣ мусбат муаррифӣ карда наметавонанд. Рушди мунтазами иқтисодӣ кафолати ҳамкории давлат бо дигар кишварҳоро бештар менамояд, аммо агар дар кишвар камбизоатии оммавӣ бошад, пас ҳамкориҳои муфиди байнидавлатӣ низ коҳиш мeёбанд, зеро давлатҳои мутараққӣ барои ҳамкорӣ бо давлатҳои камбизоат таваҷҷуҳи зиёд надоранд.

Ҳамзамон, камбизоатҳо сарбории давлат ҳастанд, зеро давлат барои ҳифзи иҷтимоии онҳо бояд аз буҷа маблағи муайянро ҷудо намояд. Масалан,

дар соли 2022 аз буҷаи давлатӣ ба бахши ҳифзи иҷтимоӣ ва амнияти иҷтимоӣ 4 331 602 сомонӣ, яъне 14,7% аз хароҷотҳои умумии буҷаи давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷудо гардид [120]. Дар соли 2024 барои соҳаҳои иҷтимоӣ 20,9 миллиард сомонӣ ҷудо гардида буд, аммо дар соли 2026 бошад, ин нишондиҳанда ба 41,8% ё 8,7 миллиард сомонӣ зиёд гардида, 29,5 миллиард сомониро ташкил дод [131]. Қисмати муайяни ин маблағ барои дастгирии қишри камбизоати аҳолӣ ва кумак ба оилаҳои камбизоат равона мегардад. Агар шумораи камбизоатон кам шавад, давлат маблағҳои аз буҷа барои ҳифзи иҷтимоии камбизоатҳо ҷудошударо баҳри устувории иқтисодӣ ва рушди истеҳсолот сарф карда метавонад. Пас, аз ин ҷо хулоса бароварда метавонем, ки ягон давлати ҷаҳон барои афзудани ҳиссаи аҳолии камбизоат ҳавасманд нест.

Аз таҳлилҳои болоӣ боз саволи дигар ба миён меояд: агар давлат ба афзудани шумораи камбизоатон ҳавасманд набошад, пас шояд барои худи камбизоатон ҳолати камбизоатӣ манфиатнок аст? Давлат ба камбизоатон маблағи муайян ҷудо намуда, барои пардохти маблағи барқ, об ва баъзе хизматрасониҳои тиббӣ имтиёзҳо муқаррар менамояд. Ҳамзамон, ба шахсони камбизоат ва оилаҳои онҳо баъзе аз соҳибкорони саховатманд кумак мерасонанд, дар ҷашнҳои динӣ, махсусан, дар моҳи Рамазон ва Қурбон шахсони сарватманд ва саховатманд ба камбизоатон кумакҳои моддӣ ва молиявии хешро дареғ намедоранд.

Мутаассифона, дар Тоҷикистон кумакҳои давлатӣ ва шахсони алоҳида барои манфиатнок будани камбизоатии шаҳрвандон далел шуда наметавонанд. Ба ҳамагон маълум аст, ки оилаҳои тоҷик серфарзанд буда, ин миқдор маблағ на танҳо барои як оила, балки барои як нафар дар як моҳ кофӣ нест. Оилаҳои камбизоат ҳамеша ба ёрӣ ва шахсони саховатпеша такя

менамоянд, аммо ин кӯмакҳо талаботи моддии онҳоро ба пуррагӣ қонеъ гардонида наметавонанд.

Аз назари муҳаққиқон камбизоатӣ дар баробари паёмадҳои номатлуб ва манфӣ, инчунин, оқибатҳои мусбат ва вазифаҳои муайян низ дорад. Махсусан, камбизоатон корҳои вазнину мушкил ва ба саломатӣ хатарноки ҷисмониеро иҷро мекунанд, ки намояндагони дигар табақаҳои иҷтимоӣ аз анҷом додани онҳо худдорӣ менамоянд. Дар баробари ин, камбизоатон сабабгори пайдоиши ташкилоти ҷамъиятӣ ва ихтисосҳои наве мегарданд, ки ҷойҳои кории зиёд доранд ва одамонро ба шуғлмандӣ таъмин мекунанд, махсусан, тавассути ташкилоти байналмилалӣ ва фондҳои хайриявӣ ба кишвар маблағҳои зиёд ворид мегарданд.

Ҷиҳати дигари мусбати камбизоатӣ дар он зоҳир мегардад, ки одамони некуаҳвол ва сарватманд ба камбизоатон кумак расонида, талаботи маънавии худ, махсусан, эҳсоси саховатмандӣ, наҷотдиҳанда, некукор будан, мақоми иҷтимоӣ ва ғайраро қонеъ мегардонанд. Камбизоатон қувваи кории арзон мебошанд, бештари корхонаҳои саноатӣ аз ҳисоби камбизоатон ба қувваи корӣ таъмин мегарданд. Аммо ҷиҳати мусбати номбаршудаи камбизоатӣ сабаб шуда наметавонанд, ки давлат барои коҳиши ин зуҳуроти иҷтимоӣ кӯшиш накунад, зеро ҳар як шаҳрванд ба зиндагии шоистаю сазовор ҳуқуқ дорад.

Ҳамин тариқ, сарфи назар аз он ки камбизоатӣ падидаи густаришёфтаи ҷаҳонӣ аст, аммо сатҳ, миқёси паҳншавӣ ва паёмадҳои иҷтимоии он ба вазъи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳанги миллии ҳар як давлат вобастагӣ аст. Дар кишварҳое, ки роҳи эъмори давлати иҷтимоӣ ва ҷомеаи шаҳрвандиро пеш гирифтаанд, барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва фароҳам овардани шароити муносибу зиндагии арзандаи аҳолӣ барномаҳо ва стратегияҳои давлатиро

таҳия ва дар амал татбиқ менамоянд. Тоҷикистон низ ҳамчун давлати иҷтимоӣ барои паст гардонидани сатҳи камбизоатӣ ва бартарафсозии паёмадҳои номатлуби он тамоми тадбирҳои заруриро меандешад.

Таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ собит менамоянд, ки камбизоатии аҳолӣ паёмадҳои номатлубро ба миён меорад, боиси пайдо шудани масъалаҳои зиёди ҳалталаби иҷтимоӣ мегардад. Одатан, шахсони камбизоат ба тамоми захираҳои иҷтимоӣ, ки барои рушди неру ва сармояи инсонӣ заруранд, дастарсии маҳдуд доранд. Аз ин сабаб, онҳо аз тамоми роҳу воситаҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ самаранок истифода бурда наметавонанд. Вақте ки шаҳрвандон аз истифодаи роҳҳои ҷойивазкунии иҷтимоӣ маҳрум мегарданд, имкони беҳтар гардонидани сатҳу сифати зиндагии хешро аз даст медиҳанд.

Ҳар як шахс соҳиби қобилият ва малакаҳои иҷтимоиест, ки барои рушди давлат ва пешбурди соҳаҳои мухталифи фаъолияти иҷтимоӣ заруранд. Камбизоатӣ сабаб мегардад, ки одамон қобилияту малакаҳои хешро ташаккул дода наметавонанд, дар рушди иқтисодиёти давлат фаъолона иштирок намекунанд, баръакс ба сарбории ҷомеа табдил меёбанд. Барои қонеи талаботҳои моддӣ ва маънавии хеш даст ба қонуншиканӣ ва каҷрафторӣ мезананд. Аз таҳлили натиҷаи таҳқиқоти сотсиологӣ маълум мегардад, ки сабаби гаравиши баъзе аз шаҳрвандони кишварамон, махсусан, ҷавонон ба гурӯҳҳои экстримистию террористӣ ин камбизоатист. Маҳз камбизоатӣ одамонро муҳтоҷу вобаста мегардонад ва барои пешбурди зиндагӣ ба ҳуқуқвайронкунӣ водор менамояд.

Хулоса, камбизоатӣ зуҳуроти иҷтимоиест, ки қариб дар ҳамаи сохторҳои иҷтимоии ҷомеа вуҷуд дорад ва ба ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангии давлат таъсири худро мерасонад. Агар сатҳи камбизоатии аҳолӣ

авҷ гирад, мушкилоти зиёди иҷтимоиро ба вуҷуд оварда метавонад. Шахсони камбизоат имконият надоранд, ки тамоми қобилият ва истеъдоди худро ошкор намуда, дар рушди ҷомеа саҳми сазовори худро гузоранд, зеро онҳо ҳамеша дар талоши қонеи талаботи моддии худ ҳастанд.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологӣ нишон медиҳанд, ки бештари одамоне, ки ба ҷиноятҳои молумулкӣ даст мезананд, аз табақаи камбизоатӣ аҳолӣ мебошанд. Баъзе аз онҳо барои қонеи талаботи ҳаётии худ даст ба ҳуқуқвайронкунӣ зада, асосан ҷиноятҳои дуздӣ, қаллобӣ, роҳзанӣ, ғоратгарӣ ва ғайраро содир менамоянд. Баъдан, камбизоатӣ боис мегардад, ки шаҳрвандон ба таҳсилоти босифат дастрасӣ пайдо накунанд ва торафт тиҷоратӣ шудани муассисаҳои таълимӣ ин вазъиятро боз шиддат мебахшад.

Маҳдуд гардидани хизматрасониҳои тиббӣ ба падидаи камбизоатӣ низ иртибот дошта метавонад, зеро вазъи саломатии аксарияти намояндагони табақаи камбизоат қаноатбахш набуда, онҳо аз бемориҳои гуногун ранҷ мекашанд. Таҳқиқот нишон медиҳад, ки саломатии шаҳрвандон ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии зиндагии онҳо ҳамбастагии қавӣ дорад. Агар камбизоатии оила чанд насл давом намояд, фарҳангӣ камбизоатӣ шакл мегирад. Камбизоатӣ муфтхӯрии иҷтимоиро низ ба вуҷуд оварда метавонад, зеро дар натиҷаи он шахс ба танбалию бекорӣ одат карда, кӯшиш менамояд, ки талаботи моддии хешро аз ҳисоби дигарон қонеъ гардонад.

### 3.3. Стратегияҳои паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон

Ҳамаи давлатҳо аз коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолӣ манфиатдоранд ва вобаста ба сатҳи рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии худ дар ин самт барнома, стратегия ва қонунҳо қабул карда, нақшаи чорабиниҳои гуногунро таҳия ва татбиқ менамоянд. Дар шароити рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии ҷомеаи

муосири Тоҷикистон масъалаи бартараф намудани камбизоатии аҳолӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати иҷтимоии давлат ба шумор меравад. Намояндагони Бонки Ҷаҳонӣ Тоҷикистонро аз нигоҳи тамоюли коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба рӯйхати 10 давлатҳои пешрафта ворид намуданд [141]. Дар муҳлати кӯтоҳ ноил гаштан ба ин гуна дастовард аз он шаҳодат медиҳад, ки Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои коҳиши сатҳи камбизоатии аҳолӣ чораҳои заруриро андешида, пайваста дар ин самт корбарӣ менамояд.

Муҳаққиқи масъалаи камбизоатӣ Д.М. Каримова омилҳои коҳиши сатҳи камбизоатиро таҳқиқ намуда, дар амал татбиқ гардидани тадбирҳои зеринро саривақтӣ ҳисобидааст:

1. «Мусоидат ба шуғлмандии бекорон ба воситаи ҳавасмандгардонии бозоргонӣ, ташкили шароит барои татбиқи ташаббуси соҳибкорӣ (беҳбуди низоми қарз, дастрасӣ ба инфрасохтори моддӣ ва ғайра).
2. Тақвияти раванди ҷойивазкунии иҷтимоӣ ба воситаи муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ ва дохилии шаҳрвандон.
3. Вусъат додани тайёрии касбӣ ва такмили ихтисоси шахсони бекор аз оилаҳои камбизоат, баланд бардоштани рақобатпазирии таҳсилоти касбӣ.
4. Таҳкими ҳавасмандии меҳнатӣ, пешгирии эҳсоси вобастагӣ тавассути имконоти аҳолии қобили меҳнат барои истифодаи неруи меҳнатӣ, таълимӣ ва касбӣ (таҳсилот, омодагии касбӣ, бозомӯзӣ ва такмили иқтисодӣ)» [65, с. 162].

Коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъмини зиндагии шоистаю сазовор ва арзандаи шаҳрвандон унсури инсондӯстӣ ва ташкили давлати иҷтимоист [100, с. 129]. Дар моддаи 1 боби 1 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон навишта шудааст: «Ҷумҳурии Тоҷикистон давлати соҳибихтиёр, демократӣ,

ҳуқуқбунёд, дунявӣ ва ягона мебошад. Тоҷикистон давлати иҷтимоӣ буда, барои ҳар як инсон шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодонаро фароҳам меорад» [1, с. 3]. Бо дар назардошти иҷтимоӣ будани давлати Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ вазифадор мегарданд, ки барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар кишвар тадбирҳои иҷтимоӣ ва иқтисодиро таҳия ва дар амал татбиқ намоянд.

Барои амалӣ намудани принсипҳои давлати иҷтимоӣ: таъмини шароити баробар ва арзандаи зиндагӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон якчанд стратегия, қонун, барнома ва конвенсияҳо қабул гардидаанд. Аз ҷумла, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи миллии солимии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи давлатии рушди бозори меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи миллии фаъолгардонии нақши занон дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Стратегияи рушди ҳифзи иҷтимоии аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040, Барномаи миёнамӯҳлати рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии ташаккули тарзи ҳаёти солим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи миллии тавонбахшии маъюбон, Барномаи давлатии мусоидат ба шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи амнияти озуқаворӣи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ғайра.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тавассути таҳия ва татбиқи стратегия ва барномаҳои давлатӣ ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуда, барои беҳтар гардидани вазъи иқтисодии аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъол заминаи мусоид фароҳам меорад. Қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти паст намудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ барои то дараҷае беҳтар намудани вазъи зиндагии аҳолии ниёзманд мусоидат менамояд. Масалан, дар кишварамон се маротиба «Стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия, қабул ва амалӣ гардиданд, ки барои коҳиши сатҳи

камбизоатии аҳолӣ ва беҳтарсозии вазъи ҳаёти иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон нақши калон бозиданд.

Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон вобаста ба ин масъала чунин баён намудаанд: «Дар ин ҷода, дар бист соли охир 3 ҳуҷҷати Стратегии паст кардани сатҳи камбизоатӣ, 2 барномаи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволии мардум ва стратегияи дарозмуддати рушди кишвар қабул ва амалӣ гардида, ҳоло татбиқи Стратегияи миллии рушд барои давраи то соли 2030 ва 176 барномаи давлатӣ идома дорад. Барои татбиқи стратегияву барномаҳои мазкур дар бист соли охир аз ҳисоби ҳамаи сарчашмаҳои маблағгузорӣ 174 миллиард сомонӣ равона карда шуд... Сатҳи камбизоатӣ аз 83 фоизи соли 1999 ба 21,2 фоиз дар соли 2023 коҳиш дода шуд, ки аз ҷумлаи муҳимтарин дастовардҳои даврони соҳибистиқлолӣ ба ҳисоб меравад» [129].

Ҳуҷҷати асосие, ки мувофиқи он нақшаи паст намудани сатҳи нобаробарӣ ва камбизоатӣ муайян гардидааст, Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 мебошад. «Ҳадафи олии рушди дарозмуҳлати Тоҷикистон баланд бардоштани сатҳи зиндагии мардуми кишвар бар пояи таъмини рушди устувори иқтисодӣ маҳсуб меёбад. Барои ноилшавӣ ба ин ҳадафи олӣ ҳадафҳои зерини стратегии рушд барои 15 соли оянда муайян шудаанд: а) таъмини истиқлолияти энергетикӣ ва истифодаи самарабахши неруи барқ; б) раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ, ва табдил ба кишвари транзитӣ; в) таъмини амнияти озуқаворӣ ва дастрасии аҳолӣ ба ғизои хушсифат; г) вусъатдиҳии шуғли пурмаҳсул» [5, с. 8]

Дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 пешбинӣ гардидааст, ки то соли 2030 дар Тоҷикистон сатҳи камбизоатӣ 2 маротиба паст гардида, фақри шаддид аз байн бурда мешавад,

дастрасӣ ба хизматрасониҳои босифати тиббӣ барои аҳолии камбизоат ва дар минтақаи деҳот беҳтар мегардад, фавти бармаҳал аз бемориҳои ғайрисироятӣ, бахусус, дар байни аҳолии камбизоати минтақаҳои деҳот ба таври назаррас коҳиш меёбад [5, с. 56]. Стратегияҳои мазкур, пеш аз ҳама, ба коҳиши сатҳи камбизоатии мутлақ равона гардидааст.

Дар раванди мубориза бар зидди зуҳуроти камбизоатӣ муайян намудани намуди он аҳаммиятнок аст. Интихоби стратегия ва роҳҳои бартарафсозии камбизоатӣ вобаста ба хусусиятҳои намуди он самаракоиии чораҳои андешидашударо ба таври назаррас зиёд менамояд. Камбизоатии мутлақ тавассути рушди истеҳсолот бартараф гардида, шиддати камбизоатии нисбӣ бошад, тавассути паст кардани сатҳи нобаробарии иҷтимоӣ [55, с. 20] коҳиш меёбад.

Инчунин, ҳангоми муқовимат бар зидди камбизоатӣ муайянсозии объектони муқовимат хело муҳим аст. Ба камбизоатӣ бештар ба гурӯҳҳои осебпазири аҳолӣ, аз ҷумла пиронсолон, маъюбон, шахсони танҳо, оилаҳои нопурра дучор мегарданд, ки бартараф намудани чунин ҳолат дар бисёр маврид хело душвор мебошад. Масалан, маъюбон ва пиронсолон аз ҷиҳати ҷисмонӣ нисбат ба одамони солим рақобатнопазиранд, ҳолати камбизоатии худро мустақилона бартараф карда наметавонанд ва пайваста ба кумак ниёз доранд. Дар ҳолати дастгирии камбизоатоне, ки аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъоланд ва имконияту қудрати кор карданро доранд, онҳо зудтар аз ҳолати камбизоатӣ раҳоӣ ёфта метавонанд.

Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти сотсиологии номбаршуда, мусоҳибон қайд кардаанд, ки ташкили ҷойҳои нави корӣ (72,4%), баланд бардоштани маърифати иқтисодии шаҳрвандон (35,7%), ба роҳ мондани таҳсилоти босифати фарзандони оилаҳои камбизоат (35,7%), ташкили

курсҳои касбомӯзии ройгон (34,7%), муқаррар намудани кумакпулиҳо ва имтиёзҳо ба аҳолии камбизоат (33,5%), пешниҳоди қарзҳои бефоиз барои ба соҳибкорӣ машғул шудани шахсони камбизоат (25,5%) ва ғайра барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон мусоидат менамоянд *(нигаред расми 15)*.

**Расми 15.**

**Бо кадом роҳҳо сатҳи камбизоатии аҳолиро паст кардан мумкин аст?** *(n=1100, %)*




Натиҷаҳои таҳқиқоти дигари сотсиологӣ, ки аз ҷониби муаллифи диссертатсия бевосита бо худи камбизоатон гузаронида шудааст, каме дигаранд. Мувофиқи таҳлили натиҷаҳои ин пурсиш, 27,4%-и мусоҳибон таъмин кардан бо ҷои корӣ, 27,4% омӯзонидани саводнокии иқтисодӣ, 8,0% таҳсили ройгон дар мактабҳои олӣ (квота), 7,6% ташкили курсҳои касбомӯзии ройгон, 3,3% пешниҳоди қарзҳои бефоиз барои тиҷорати шахсони камбизоат, 3,0% додани кумакпулӣ ва дигар имтиёзҳо ба камбизоатон ва 1,7% баланд бардоштани музди меҳнати кормандони давлатиро роҳҳои асосии коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон мешуморанд. Инчунин, 2,8% мусоҳибон

дар он андешаанд, ки беҳтар намудани сатҳи зиндагӣ аз худи шахс вобастагӣ дорад ва 18,9% мусоҳибон барои ҷавоб додан ба ин савол мушкилӣ кашиданд (*нигаред ба расми 16* ).

**Расми 16.**

**Бо кадом роҳҳо сатҳи камбизоатии аҳолиро паст кардан мумкин аст?** *(n=500, %)*




Аз муқоисаи таҳлили натиҷаҳои ду таҳқиқоти сотсиологии номбаршуда маълум мегардад, ки аксарияти мусоҳибон роҳи раҳоӣ аз камбизоатиро дар таҳсилу омӯзиш мебинанд. Дигар иштирокчиёни таҳқиқот ташкили ҷойҳои корӣ ва шуғлмандии аҳолиро омили паст намудани сатҳи камбизоатӣ шумoридаанд. Ба андешаи мо низ, таҳсил, касбомӯзӣ, омодагии касбӣ, рушди қобилияту малакаҳои корӣ ба беҳтар гардидани вазъи иҷтимоӣ ва иқтисодии шаҳрвандон мусоидат менамоянд, зеро рақобатпазир будани камбизоатон дар бозори меҳнат ба тахассусмандӣ ва малакаҳои касбии онҳо ҳамбастагӣ дорад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти сифатӣ, махсусан, мусоҳибаҳои амиқ низ гуфтаҳои болоии моро тасдиқ менамоянд. Дар мусоҳибаи амиқ мутахассисони соҳавӣ баён доштанд, ки яке аз роҳҳои бартарафсозии сатҳи камбизоатии аҳолӣ рӯ

овардан ба илму дониш ва касбомӯзист. *«Дар низоми маориф бояд барномаҳои таълимие ҷорӣ шаванд, ки бо сохтори сармоядорӣ ва сохтори ҷомеаи имрӯза мутобиқат кунанд»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, сиёсатшинос, 46 сола).** Воқеан, беҳтар намудан ва ба замони муосир мувофиқ намудани сатҳу сифати таҳсилот дар муассисаҳои таълимӣ омили муҳимми ҳалли масъалаҳои камбизоатӣ дар Тоҷикистон аст.

Дар сурати баланд гардидани сатҳи сифати таълим дар Тоҷикистон беҳтарин довталабони ҷавон муассисаҳои таҳсилоти олии касбии Тоҷикистонро интихоб менамоянд ва дар ватани худ таҳсил мекунанд. Ба андешаи донишманди тоҷик, Р.У. Улмасов довталабони тоҷик бештар дар донишгоҳҳои хурди давлатҳои хориҷӣ таҳсил мекунанд ва ҳамин донишро дар Тоҷикистон низ дарёфт карда метавонанд, аммо онҳоро дипломи аврупоӣ ҷалб мекунад. Ин аз он шаҳодат медиҳад, ки мо бояд барои довталабон мубориза барем, бояд донишгоҳҳои мо ба талабот ва ниёзҳои ҷавонони имрӯза ҷавобгӯ бошанд [98, с. 301].

Ба андешаи мо, барои истифодаи илму дониш ва таҳсилот ҳамчун воситаи коҳиши сатҳи камбизоатӣ дар амал татбиқ намудани чунин тадбирҳо муҳиманд:

- раванди таҳсилот бо тарз ва усулҳои замонавӣ ба роҳ монда шавад, зеро донишҳое, ки имрӯз дар муассисаҳои таҳсилоти миёна ва олии касбии кишвар пешниҳод мешаванд, на ҳамеша ба талаботи муосири бозори меҳнат ҷавобгӯ буда, ба ташаккули мутахассисони баландихтисос мусоидат менамоянд;
- саводнокӣ ва тафаккури иқтисодии шаҳрвандон баланд бардошта шавад ва шаҳрвандон барои танзими даромаду хароҷоти хеш бояд дар

бораи андоз, маблағгузорӣ, муфлисшавӣ ва ғайра маълумоти кофӣ дошта бошанд, то онҳоро танзим карда тавонанд;

– малакаи фикронии мустақилонаю объективӣ ва тафаккури интиқодию эҷодкории донишҷӯён ташаккул дода шавад, то ҷавонон ҳар чи бештар ихтирокор ва эҷодкор бошанд;
– дар раванди дарс бештар ба ҷиҳати амалӣ-таҷрибавӣ диққат дода шавад, то донишҷӯён ҳанӯз дар даврони таҳсил ҳамчун мутахассис омода гарданд ва бо ин донишу малака ба фаъолияти меҳнатӣ шуруъ карда тавонанд.

Дар баробари ин, бояд кормандони муассисаҳои таълимӣ ба таҳсили кӯдакон ва наврасони оилаҳои камбизоат диққати ҷиддӣ диҳанд, зеро барои аксарияти оилаҳои камбизоат таҳсилот ва дониш афзалият надошта, волидайн ба таҳсилоти фарзандонашон таваҷҷуҳ зоҳир намекунанд. Маҳз беназорат мондани фарзандон, диққат надодан ба раванди таҳсилоти онҳо ва набудани шароити мусоиди таҳсил сабаб мегарданд, ки наврасону ҷавонони оилаҳои камбизоат ба каҷрафториҳои гуногуни иҷтимоӣ даст зананд ва оилаҳои хешро боз ҳам ба вазъи мушкилтари зиндагӣ гирифтор кунанд.

Барои аз ҳолати камбизоатӣ раҳоӣ намудани шахсони калонсол ташкили курсҳои касбомӯзӣ ва такмили ихтисос аз манфиат холӣ нест, зеро дӯзандагӣ, пазандагӣ, гулдузӣ, дуредгарӣ ва омӯзиши дигар ҳунарҳо вақти кӯтоҳро талаб менамоянд, аммо роҳи мувофиқи беҳтар намудани вазъи иқтисодист. Амалӣ шудани чунин тадбирҳои дастрас барои баланд бардоштани сифати неру ва сармояи инсонӣ мусоидат намуда, омили коҳиши сатҳи камбизоатӣ мегарданд. Мутахассиси соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ А. Ҷабборов низ ин нуқтаро ёддовар шуда, равнақу ривоҷи сармояи инсониро шарти муҳимми мубориза бо камбизоатӣ номидааст [39, с. 166].

Аз таҳқиқу омӯзиши маводи илмӣ-таҳқиқотӣ ба ин хулосае омадан мумкин аст, ки бо баланд бардоштани неруи инсонӣ сифати зиндагии тамоми аҳолӣ беҳтар мегардад. Коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъсири он ба неруи инсонӣ, рушд додани сармояи инсонӣ ва дар баробари ин, таъмин намудани сифати он вазифаи мушкил, аммо имконпазир аст.

Аз назари мо, барои коҳиши таъсири камбизоатӣ ба сифати неру ва сармояи инсонии Тоҷикистон татбиқи як қатор тадбирҳои амалии зерин мусоидат карда метавонад:

1. Баланд бардоштани сатҳи ҳавасмандии волидайн ба таҳсилоти босифати фарзандони худ, онҳо бояд ба раванди таҳсили фарзандони худ таваҷҷуҳи ҷиддӣ зоҳир намоянд ва барои мутахассиси касбӣ гардиданашон саҳми арзанда гузоранд.
2. Яке аз воситаи рушди неру ва сармояи инсонии шаҳрвандон тарғиби арзишмандии таҳсилот ва илму дониш аст.
3. Бо китобҳои илмии соҳавӣ таъмин намудани китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии кишвар. Дар бештари китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумии шаҳру деҳоти кишварамон китобҳои бадеӣ вуҷуд доранд, аммо хонандагон аз нарасидани китобҳои илмии соҳавӣ танқисӣ мекашанд. Бо ҳамин сабаб, хонандагони мактабҳои миёна имконият надоранд, ки аз хурдӣ дар бораи соҳаи завқдоштаашон маълумоти пурра ва заруриро дастрас намоянд.
4. Бо китобҳои замонавии тозанашри бадеӣ ва илмӣ таъмин намудани китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ. Дар китобхонаҳои муассисаҳои таҳсилоти миёнаи умумӣ бештари китобҳои мавҷудаи илмию соҳавӣ куҳна буда, солҳои пеш нашр гардидаанд, ба замони рушди илму техника ва технологияи муосир мувофиқат намекунанд.

5. Ба хонандагон ва донишҷӯёни оилаҳои камбизоат ройгон тақсим намудани кортҳо барои нақлиёт. Ин роҳи ҳалли мушкили молиявии шахсони камбизоат мебошад, зеро агар муҳассилини оилаҳои камбизоат имкони ройгон истифода бурдани китобхонаҳоро дошта бошанд, шавқи онҳо ба мутолиа ба таври назаррас афзоиш ёфта метавонад. Зеро фарзандони баъзе аз оилаҳои камбизоат бо сабаби маҳдудияти молиявӣ ба китобхона намераванд ва маводи таълимиро дастрас карда наметавонанд.
6. Ҷалби соҳибкорон барои кумаки молиявӣ ва моддӣ расонидан ба оилаҳои камбизоат, аз ҷумла таъмини лавозимоти конселярӣ. Ин имкон медиҳад, ки шароити таҳсилоти хонандагони оилаҳои камбизоат беҳтар гашта, ба таҳсил дилбастагии бештар пайдо намоянд ва муассисаи таҳсилоти миёнаи умумиро бо сатҳи дониши нисбатан мукаммал хатм намоянд.

Дигар омиле, ки ба паст гардидани сатҳи камбизоатии аҳолӣ мусоидат карда метавонад, шуғлмандии аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъоли ҷамъият мебошад. Ба андешаи муҳаққиқи соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ А. Ҷабборов, амалӣ гардонидани сиёсати фаъол дар бозори меҳнат муҳимтарин шарти коҳиши сатҳи камбизоатист ва он бояд дар ду самти асоси амалӣ гардад: мусоидат ба ташкили ҷойҳои кори холӣ ва бакортаъминкунии аҳолӣ, хусусан, дар намудҳои нави фаъолияти иқтисодӣ, дар бахши ғайрирасмӣ ва ҳифзи иҷтимоии яксони кормандони аз кор ихтисоршуда ва бекорон [39, с. 161].

Мувофиқи натиҷаҳои таҳқиқоти сифатӣ, аксарияти мусоҳибон ҳалли масъалаи бекориро омили қоҳиши сатҳи камбизоатии аҳолӣ меҳисобанд. *«Нуктаи асосӣ дар Тоҷикистон ин ба сифр овардани шумораи бекорон мебошад. Агар дар Тоҷикистон ё дар дилхоҳ кишвар бозори меҳнатӣ фаъолияти хубро*

*пеш барад ва ҳар шахсе, ки довталаби ҷои кор ҳастанд, вобаста ба малака, тавоноӣ ва қудрати худ, албатта, вобаста ба шуғлаш ҷойи кор пайдо карда метавонад. Шахсе, ки ҷои кор пайдо кард, чунин маъно дорад, ки вай манбаи даромад пайдо мекунад»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, мутахассиси соҳаи бахши ҳифзи иҷтимоӣ, 56 сола).**

Бекорӣ яке аз масъалаҳои иҷтимоии Тоҷикистон мебошад, аммо набудани имконияти воқеии ба қайди расмӣ гирифтани шаҳрвандони бекор мушкилии асосӣ ба ҳисоб меравад. Мувофиқи маълумоти расмии оморӣ, дар соли 2025 танҳо 2,0% аҳолӣ худро дар Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун шахси бекор ба қайд гирифтаанд, дар ҳолате, ки ҳиссаи камбизоатон 19,0%-ро ташкил менамоянд. Дар омори расмӣ сатҳи бекорӣ хело паст нишон дода шудааст. Одамони бекор худро дар мақомоти дахлдор ба қайд намегиранд, аз ҳамин сабаб, кумакпулиро дастрас карда наметавонанд.

Аксарияти аҳолии бекори Тоҷикистон барои дарёфти ҷойи кори муносиб ва таъминоти моддии оила ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ сафар мекунанд. Дар деҳот баъзе аз хонандагон муассисаҳои миёнаи умумиро ҳанӯз хатм накарда, ба падар, бародар, хешу табор ва ҳамсояҳо тақлид карда, нақшаи сафар ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷиро мекашанд. Аз сабабе, ки муҳоҷирати меҳнатӣ ва хоҷагидории кишоварзӣ фаъолияти мавсимӣ ҳастанд, аҳолӣ бо ин воситаҳо аз ҳолати камбизоатӣ пурра раҳоӣ ёфта наметавонанд.

Дар Тоҷикистон ҷойҳои кории холӣ вуҷуд доранд, дар баъзе соҳаҳо қувваи корӣ намерасад, аммо дар байни аҳолӣ чунин қолаби фикрӣ паҳн гардидааст, ки гӯё дар дохили ҷумҳурӣ ҷойи кории муносиби дорои маоши баландро ёфтан мушкил аст. Махсусан, ҷавонон интизор мешаванд, ки падару модар, хешу табор, рафиқон, шиносон ва давлату ҳукумат онҳоро бо ҷойи

кори муносиб таъмин менамоянд. Мутаассифона, пас аз пайдо кардани ҷойи кор низ аксарияти ҷавонон зуд ба муваффақиятҳои молиявӣ ва касбӣ ноил шудан мехоҳанд. Бештари ҷавонон дарк карда наметавонанд, ки барои расидан ба мақсадҳои пешгузошташуда вақт ва саъю талоши мунтазам лозим аст. Чунин интизориҳо боиси он мешаванд, ки онҳо тез дилшикаста гашта, ба ояндаи дурахшони худ бо шубҳа назар намоянд.

Бо мақсади баланд бардоштани самаранокии бозори меҳнат ва паст гардонидани сатҳи бекорӣ аз шумораи умумии шахсони камбизоат шахсони аз ҷиҳати иқтисодӣ ва қобили меҳнатро муайян намудан лозим аст. Ин имкон медиҳад, ки ҳамкории байни бахшҳои ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ ва шуғли аҳолӣ ба роҳ монда шавад. Шахсони аз ҷиҳати иқтисодӣ фаъол, ки қудрату имконияти кор карданро доранд, дар баробари худро ҳамчун камбизоат ба қайд гирифтан, ба рӯйхати бекорон низ ворид мегарданд. Чунин чорабинӣ барои зуд ба ҷойи кор таъмин гаштани шахсони бекор ва ба даст овардани даромади муайяни иқтисодӣ имкон медиҳад. Илова бар ин, дар ин ҳолат ҳамкории сетарафаи байни бахши ҳифзи иҷтимоӣ, Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати илм ва маорифи Ҷумҳурии Тоҷикистон ба роҳ мондан мумкин аст. Масалан, шахси камбизоати қобили меҳнат, вале бе маълумоти касбӣ дар курсҳои касбомӯзӣ ройгон таҳсил карда, баъдан, тавассути Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо ҷойи кор таъмин шуда метавонад.

Бо ҷои кор таъмин гаштани як қисми камбизоатон сарбории буҷаи давлатро камтар намуда, самаранокии кумаки суроғавиро бештар менамояд. Дар раванди пешниҳоди кумакпулиҳо ва имтиёзҳо ба оилаҳои камбизоат бояд ба назар гирифт, ки дар онҳо рафтори «муфтхӯрии иҷтимоӣ» ташаккул наёбад. Кумакпулиҳо танҳо ба он нафароне дода шаванд, ки сатҳи

зиндагиашон дар ҳолати хеле бад қарор дорад ва ҳаҷми кумакпулиҳои пешниҳодшаванда ҳавасмандии онҳоро барои дарёфти ҷойи кор ва маблағи зарурӣ аз байн набарад. Дар сурати ташаккули «муфтхӯрии иҷтимоӣ» одамони ниёзманд ба кумакҳои мавҷудаи иҷтимоӣ қаноатманд гардида, барои беҳтар намудани сатҳи зиндагии худ кӯшиш намекунанд ва дар натиҷа шумораи камбизоатон боз меафзояд.

Ба андешаи муҳаққиқони соҳа, беҳтар гардидани инфрасохтор ва таъмини шароити корӣ дар деҳотҷойҳо сатҳи камбизоатиро дар маҳаллҳои дурдасти кишвар коҳиш медиҳад. «Аҳаммияти инфрасохтори иҷтимоӣ барои деҳот хеле бузург аст: он ҷойҳои корӣ, шароит барои гирифтани маълумот ва нигоҳдории саломатӣ таъмин менамояд; кадрҳои ҷавони соҳибихтисосро, аз ҷумла иқтидорҳои маънавию ахлоқӣ ва зеҳниро барои кор ба деҳот ҷалб менамояд; ба кам шудани арзиши аслии маҳсулот, тараққиёти истеҳсолоти хоҷагии қишлоқ, инчунин, ба вуҷуд омадани шаклҳои гуногуни меҳнат таъсир мерасонанд, махсусан, ҷавонон ҳамчун манбаи асосии кадрии давлат мешаванд; дар доираи ин ё он минтақаи деҳот соҳаи ҳаётиро ташкил намуда, шароит барои тараққиёти демографӣ, маданӣ, истироҳат ва рушди иҷтимоии аҳолиро ташаккул медиҳанд» [103, с. 247].

Бунёд ва таҷдиди роҳ, пул, нақб ва дигар иншооти инфрасохтори нақлиётӣ ба беҳтар гардидани ҳаракат, ҳамлу нақли бор ва густариши фаъолияти тиҷорати аҳолии минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон мусоидат менамоянд. Дар натиҷа дастрасӣ ба бозор ва хизматрасониҳо беҳтар гардида, барои баланд шудани сатҳи некуаҳволии аҳолӣ таъсири мусбат мерасонад. Аз ин рӯ, баромадан аз бунбасти коммуникатсионӣ ҳамчун яке аз ҳадафҳои стратегии рушди кишвар арзёбӣ гардида, вазифаи умумимиллӣ ва омили муҳимми пешрафти иҷтимоию иқтисодии давлат ба ҳисоб меравад. «Ин ҳадаф

сохтмону таҷдиди роҳҳои автомобилгард, оҳан, пулҳо, нақбҳо, фурӯдгоҳҳо ва дигар инфрасохтори нақлиётиро мутобиқ бо стандартҳои байналмилалӣ дар бар мегирад, ки амалишавии он тадриҷан бояд ҷумҳуриро аз бунбасти коммуникатсионӣ берун оварда, онро ба минтақаи транзитӣ табдил диҳад» [25, с. 7].

Иттиҳодияи шуравӣ, бо сабаби бунбасти коммуникатсионӣ ба рушди нобаробари иқтисодии минтақаҳо мусоидат менамуд. Имрӯз масъалаи раҳоӣ аз бунбасти коммуникатсионӣ аз бисёр ҷиҳат ҳалли худро ёфтааст. Дар натиҷа, қариб ҳазорҳо километр роҳҳои мошингард бунёд ва азнавсозӣ гардида, пулҳо, нақбҳо ва хатти роҳи оҳан сохта ба истифода дода шудаанд. Минтақаҳои кишвар тамоми сол тавассути алоқаҳои нақлиётӣ-коммуниктсионии муосир бо ҳамдигар пайвастанд ва робитаҳои боэътимод доранд, муносибати иқтисодии байни минтақаҳо торафт зич мегарданд, ки он ҳамчун омили некуаҳволии мардуми кишвар буда метавонад. «Барои ба вуҷуд овардани алоқаҳои ягонаи хоҷагидории байни минтақаҳои гуногун бо дар назардошти тахассусгардонии иқтисодӣ-истеҳсолии минтақаҳо мувофиқ ба захираҳои табиии мавҷуда, хусусиятҳои аграрӣ ва шароити иқлимӣ, хусусиятҳои ихтисосӣ-касбии аҳолӣ аллакай бисёр корҳо ба анҷом расонида мешаванд. Шароити муҳимми ташаккули ваҳдати миллӣ рушди низоми тақсимоти меҳнат, тахассусгардонии касбӣ ва алоқаҳои иқтисодӣ, ки дар ҷамъият ҳамфикрии органикиро ба вуҷуд меоранд, баромад менамоянд» [106, с. 68-75].

Дигар роҳи паст кардани сатҳи камбизоатӣ танзими анъанаҳо ва кам кардани хароҷот барои гузаронидани ҷашну маросим мебошад. Барои пешгирии хароҷоти бесамар ва муҳайё намудани зиндагии шоистаи мардум бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти

Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон 8 июни соли 2007 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3] қабул гардид, соли 2017 ва 2024 ба он тағйиру иловаҳо ворид гардиданд. Мақсади қабули қонуни мазкур ҳимояи манфиати иҷтимоию иқтисодии мардуми Тоҷикистон, коҳиши сатҳи камбизоатӣ, беҳтар кардани шарту шароити зиндагии аҳолӣ, пешгирӣ аз хароҷоти зиёдатӣ, зоҳирпарастӣ ва исрофкорӣ, харҷи дурусти маблағҳои пулӣ ва мувофиқи мақсад сарф намудани он, бартарафсозии хурофот, ҳимояи ҳуқуқҳои иқтисодии шаҳрвандон ва ғайра ба ҳисоб мерафт.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» муқаррар шудааст, ки «маъракаҳои номгузорӣ, гаҳворабандон, чиллагурезон, мӯйсаргирони тифл ва маъракаҳои дигари вобаста ба таваллуди кӯдак дар доираи оила, бе забҳи чорво ва хизматрасонии ҳунармандон баргузор карда мешавад» [3]. Гузаронидани ақиқа, «ташкили фотиҳаи тӯй, маслиҳатошӣ, идонабарӣ, сандуқбарон, сарупобинон, чойгаштак, раисталбон, қудоталбон, ноншиканон, хонакашон, модарталбон, падарталбон, рӯйбинон, чодарканон, муборакбодӣ, шаҳтозон (роҳбандон), тақдими сарупо барои меҳмонони тарафҳо ва хешу табори домоду арӯс ва маъракаҳои дигари бо тӯйи домодию арусӣ алоқаманд, ба истиснои тақдими тӯҳфаҳо барои домоду арӯс ва падару модари онҳо, манъ мебошанд» [3].

Дар натиҷаи татбиқи Қонуни мазкур ҷашну маросими нолозиму хурофотӣ ва зиёновар ботадриҷ маҳдуд гардида, барои шаҳрвандон имконият фароҳам овард, ки «бештар ба масъалаҳои беҳтар намудани саломатӣ, шароити муносиби зист барои оила ва тарбияи фарзандон аҳаммият диҳанд. Аз 70 номгӯй анъана ва ҷашну маросим 55 номгӯй ихтисор гардида, имрӯз

танҳо 15 номгӯи онҳо боқӣ мондааст. Танҳо аз танзими маъракаҳои хатна, тӯйи домодию арӯсӣ, чил ва сол дар ин давра миллиардҳо сомонӣ ба манфиати мардум сарфа гардидааст» [107, с. 29].

Бо истифода аз маблағҳои сарфагардида барои садҳо нафар навхонадорон манзили истиқоматӣ бунёд шуда, дар натиҷа шароити зиндагии шаҳрвандон ба таври назаррас беҳтар гардид. То 19,0% паст гардидани сатҳи камбизоатӣ дар соли 2025 ва афзудани намояндагони синфи миёна Қонуни мазкур низ мусоидат намудааст. Ба шарофати дар амал татбиқ гардидани муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» гузариш ба марҳилаи сифатан нави сиёсати иҷтимоӣ «аз татбиқи стратегияи паст кардани сатҳи камбизоатӣ ба татбиқи стратегияи баланд бардоштани сатҳи некуаҳволӣ имконпазир гардида истодааст» [128].

Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими ҷашну маросим дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз дастовардҳои ҳуқуқии даврони истиқлоли давлатист ва аз ҷониби мардум низ дастгирӣ ёфтааст. Мувофиқи натиҷаи таҳқиқоти сотсиологие, ки соли 2021 Кумитаи дин ва танзими ҷашну маросими назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон гузаронидааст, «наздик ба 92%-и аз ин афрод аз Қонуни танзими анъана ва ҷашну маросим ҳимоят ва танҳо 3,4 дарсади афроди ширкаткунанда дар ин назарсанҷӣ бо ин қонун мухолифат карданд» [124]. Дастгирии қонуни мазкур ва дар амал татбиқ гаштани он гувоҳӣ медиҳад, ки бояд дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул гардида, хароҷот ва даромади аҳолӣ танзим шаванд.

Воситаи дигари коҳиши сатҳи камбизоатӣ муҳоҷирати меҳнатии хориҷист, ки «барои нигоҳдории некуаҳволии аҳолии кишвар хело муҳим мебошад» [98, с. 303]. Интиқоли маблағи муҳоҷирон ба Ватан яке аз воситаи

муҳимми мубориза бар зидди камбизоатӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон аст. Мувофиқи таҳқиқоти Г.А. Родионова, дар деҳотҷойҳои Тоҷикистон кумаки хешовандон, ки дар хориҷа кор мекунанд, 30,4%-и даромади онҳоро ташкил менамояд, дар ҳолате, ки маҳсулоти истеҳсолнамудаи онҳо 28,2% ва музди меҳнат 16,9%-ро дар бар мегирад [116].

Муҳоҷирати меҳнатии хориҷӣ асосан аз ҷониби ҷавонон сурат гирифта, ҳадафи аслии онҳо таъмини шароити муносиби зиндагӣ ва раҳоӣ аз камбизоатист. Теъдоди дақиқи муҳоҷирони кории тоҷик дар хориҷ аз кишвар ҳоло ба касе маълум нест, аммо мувофиқи гузориши матбуотии Вазорати меҳнат, муҳоҷират ва шуғли аҳолии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар давоми соли 2023 шумораи муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон, ки дар хориҷи кишвар фаъолият менамоянд, ба 652 014 нафар расидааст [132].

Дар рафти мусоҳибаи амиқ мутахассисони тоҷик муҳоҷирати меҳнатиро ҳамчун як раванди мусбат арзёбӣ намуда, онро яке аз омилҳои муҳимми рушди иҷтимоию иқтисодии кишвар медонанд: *«муҳоҷират падидаи комилан манфӣ нест, зеро баъзе аз давлатҳо бо норасоии қувваи корӣ рӯ ба рӯ гардида, ба ҷалби қувваи кории хориҷӣ ниёз доранд. Ба муҳоҷират сафар намудани шаҳрвандони мо оилаи онҳоро таъмин менамояд, ба рушди иқтисодиёт мусоидат менамояд»* **(ш. Душанбе, мусоҳибаи амиқ, иқтисодчӣ, 40 сола).**

Бояд ба назар гирифт, ки бояд раванди муҳоҷирати меҳнатӣ танзим гардида, мақсаднок амалӣ шавад. Барномаҳо ва лоиҳаҳои давлатие таҳия шаванд, ки шаҳрвандонро ба муҳоҷирати меҳнатии хориҷа омода созанд, ба онҳо касб, забон ва дигар малакаҳоро омӯзонанд. Махсусан, ба маърифати ҳуқуқии муҳоҷирони меҳнатӣ диққати ҷиддӣ додан лозим аст. Онҳо бояд ҳуқуқ ва уҳдадориҳои худро донанд ва дар ҳолати зарурӣ худро муҳофизат карда тавонанд. Дар баробари ин, бояд сафоратхонаҳои кишварамон дар хориҷи

кишвар ба муҳоҷирони меҳнатӣ робитаҳои зич дошта бошанд ва дар ҳолати ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифтор шудани онҳо кумак расонанд.

Ба роҳ мондани ҳамкориҳои судманди дуҷониба ва бисёрҷониба бо дигар давлатҳои қабулкунандаи муҳоҷирони меҳнатӣ ба манфиатӣ кор аст. Дар ҳолати бисёр гаштани ҳиссаи муҳоҷирони меҳнатӣ танҳо дар як кишвари хориҷӣ ба амнияти давлатӣ ва дипломатия таъсири манфӣ мерасонад, зеро чунин давлатҳо ҳар замон ва дар мавриди барояшон зарурӣ ба Тоҷикистон фишор меоранд ва аз ин падидаи иҷтимоӣ ҳамчун фишанги водорнамоӣ истифода бурда метавонанд. Барои пешгирии чунин ҳолатҳо муҳоҷиронро барои ба кор фиристодан ба дигар давлатҳои хориҷӣ, мисли Кореяи Ҷанубӣ ва давлатҳои Аврупо омода намудан зарур аст, зеро дар баробари Федератсияи Россия онҳо низ ба қувваи корӣ ниёз доранд.

Ба коҳиши сатҳи камбизоатӣ беҳтар намудани кори низоми бонкӣ ва қарздиҳӣ низ мусоидат карда метавонад. Тавассути пешниҳоди қарзҳои дарозмуддати камфоиз камбизоатони фаъолро ба соҳибкории хурд ҷалб намудан мумкин аст. Татбиқи сиёсати оқилона ва мутавозини пулию қарзӣ боиси паст шудани сатҳи таваррум ва нигоҳ доштани сатҳи нисбатан муътадили он гардид. Дар байни солҳои 2010 ва 2020 сатҳи таваррум аз 9,8% соли 2010 то 5,4% дар соли 2018 коҳиш ёфт, ки ин ба баланд шудани эътимоднокии пули миллӣ, рушди низоми молиявӣ ва коҳиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат намуд [99, с. 302].

Пешгирии камбизоатии аҳолӣ нисбат ба мубориза барои коҳиши он самараи беҳтар дорад. Аз ин лиҳоз, андешидани тадбирҳои зарурӣ барои пешгирии афзоиши камбизоатӣ ба манфиати кор буда метавонад. Дар ин самт ташкил намудани фондҳои захиравии махсус барои кумак ба аҳолии камбизоат дар ҳолатҳои фавқуллода аҳаммияти хоса дорад. Фондҳои

захиравӣ муфлисшавии соҳибкорон, аз кор озод шудани кормандон ва баста шудани корхонаҳоро пешгирӣ менамояд. Солҳои охир тағйири иқлими Тоҷикистон, боришоти зиёд, сел ва обхезиҳо дар фасли баҳор ва гармшавии иқлим, махсусан, ба зиндагонӣ ва фаъолияти кишоварзии аҳолии камбизоат зарари зиёд мерасонанд. Тавассути фондҳои захиравӣ зарари офатҳои табииро ҷуброн ва ҳисороти бавуҷудомадаро барқарор кардан мумкин аст.

Дигар омили коҳиши сатҳи камбизоатӣ беҳтар намудани инфрасохтори иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва таъмини аҳолӣ бо неруи барқи доимист. Инфрасохтори мувофиқ ва қувваи барқи доимӣ ба кушода шудани корхонаҳо, фабрикаву заводҳо мусоидат менамояд, ҷойҳои нави корӣ ба вуҷуд омада, аҳолӣ ба кор таъмин мегардад ва сатҳи зиндагиашон беҳтар мешавад. Барои ҳавасмандгардонии пешрафти бахши хусусӣ устувории макроиқтисодӣ зарур аст [39, с. 162].

Дар хулоса гуфтан мумкин аст, ки пешгирии рушди камбизоатӣ кори осон нест, зеро коҳиши сатҳи он хароҷоти калони молиявӣ ва захираҳои кадриро талаб менамояд. Мутаассифона, кумакҳои моддию молиявӣ ба камбизоатон пеши роҳи ташаккули ин падидаи иҷтимоиро гирифта наметавонанд. Маблағгузорӣ дар соҳаи тандурустӣ ва маориф сифати сармояи инсониро беҳтар гардонида, камбизоатиро бо муҳлати дарозмуддат коҳиш медиҳад. Муваффақияти ислоҳоти амалишуда, дар рушди захираҳои инсонӣ зоҳир гашта, ба истеҳсолоти меҳнат ва дар натиҷа ба рушди иқтисодӣ таъсир мерасонад [112, с. 205].

Кумакпулиҳо ва имтиёзҳо самараи кӯтоҳмуддат доранд, танҳо талаботи одитарини физиологии камбизоатонро қонеъ гардонида, барои паст кардани сатҳи камбизоатӣ мусоидат карда наметавонанд. Барои коҳиши сатҳи камбизоатӣ ва таъмини некуаҳволии зиндагии мардум бояд стратегияҳои

дарозмуддат таҳия ва қабул гарданд. Таваҷҷуҳи асосӣ бояд ба рушди таҳсилот, касбомӯзӣ, такмили ихтисос ва бозомӯзии аҳолӣ, инчунин, ба ташаккули тафаккури илмӣ-техникӣ ва баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон равона шавад. Дар сурати татбиқи чунин стратегия ва барномаҳо имконият фароҳам мегардад, ки равандҳои муҳимми иҷтимоию иқтисодӣ, аз ҷумла сатҳи даромад ва хароҷоти аҳолӣ, рафтори истеъмолӣ, фаъолияти меҳнатӣ, равандҳои муҳоҷирати меҳнатӣ ва дигар ҷанбаҳои зиндагии аҳолӣ танзим шаванд.

Дар ҷамъбасти боби 3-юми диссертатсия хулосабарорӣ намудан мумкин аст, ки пайдоишу паҳншавии зуҳуроти иҷтимоӣ-иқтисодии камбизоатӣ ба як қатор омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ алоқамандӣ дорад. Махсусан, буҳрони сиёсии ибтидои Истиқлоли Тоҷикистон, ислоҳоти иқтисодии нобарор ва мавқеи ҷуғрофии кишварамон ба афзудани сатҳи камбизоатии аҳолӣ таъсир расониданд. Минбаъд, вазъи иҷтимоӣ-демографӣ, ҷашну маросими зараровари динӣ, бекорӣ, паст будани сатҳи тафаккури илмӣ ва тахассусмандии шаҳрвандон, инчунин, қолибҳои гендерӣ ба камбизоатии аҳолӣ мусоидат намуданд.

Аз назари мутахассисони соҳа яке аз омилҳои паҳншавии камбизоатӣ дар Тоҷикистон тамоми фаслҳои сол ба неруи барқ таъмин нагаштани кишвар, махсусан, минтақаҳои деҳоти ҷумҳурӣ мебошад. Ҳарчанд мо бо ҳадафи муҳимми стратегии рушди Тоҷикистон – истиқлолияти энергетикӣ наздик мешавем, аммо айни замон норасоии неруи барқ монеаи саноатикунонии Тоҷикистон ва ба истифода дода шудани корхонаю муассисаҳои саноатӣ гаштааст. Ин ҳолат боис мегардад, ки дар минтақаҳои гуногуни Тоҷикистон истеҳсолоти саноатӣ дар сатҳи зарурӣ рушд намекунад ва аҳолӣ ҷои кории доимӣ наёфта, ба камбизоатӣ дучор мегарданд.

Камбизоатии аҳолӣ ба як қатор паёмадҳои номатлуби иҷтимоӣ оварда расонида метавонад. Аз ҷумла, он ба ташаккули сармояи инсонӣ ва раванди ҷойивазкунии амудии иҷтимоии аҳолӣ монеа эҷод намуда, ба вазъи саломатии шаҳрвандон, худмуайянкунии шахсӣ ва касбии онҳо таъсири манфӣ мерасонад. Ҳамзамон, камбизоатӣ ба афзоиши намудҳои гуногуни каҷрафтории иҷтимоӣ мусоидат карда, заминаи ташаккули фарҳанги камбизоатиро ба вуҷуд меорад. Бо дар назардошти ин, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои паст намудани сатҳи камбизоатӣ тамоми чораҳои заруриро меандешад. Дар Тоҷикистон кӯшиши асосӣ ба он равона гардидааст, ки сабабу омилҳои пайдоиш ва густариши камбизоатии аҳолӣ бартараф карда шаванд.

## ХУЛОСА

Дар асоси таҳқиқу омӯзиш ва таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ, ки ба масъалаи камбизоатӣ ҳамчун зуҳуроти иҷтимоии ҷомеаи Тоҷикистон бахшида шудааст, ба таври фишурда чунин хулоса баровардан мумкин аст:

1. Камбизоатӣ зуҳуроти таркибии ҳар як ҷомеа ба ҳисоб рафта, сатҳи он ба рушди иҷтимоӣ ва иқтисодии давлат вобастагӣ дорад, бо вуҷуди муваффақиятҳои илмию техникӣ ва истеҳсолии инсоният он ҷомеаи ҷаҳониро нигарон намудааст. Мувофиқи қонунгузори Ҷумҳурии Тоҷикистон шаҳрвандон ва оилаҳое камбизоат ҳисобида мешаванд, ки даромади миёнаи онҳо аз ҳадди ақали зиндагӣ кам буда, барои нигоҳ доштани сатҳи муайяни зиндагии қобили қабул ва қонеи талаботи заминавии иҷтимоӣ кифоягӣ намекунад. Камбизоатии аҳолӣ, пеш аз ҳама, ба вазъи иҷтимоӣ-иқтисодии шаҳрванд ё оила ҳамбастагӣ дошта, норасоии маблағ ва молу маҳсулоти барои пешбурди зиндагӣ заруриро ифода менамояд. Дар натиҷаи камбизоатӣ шахс ё оилаҳо талаботи бунёдии хешро қонеъ гардонида наметавонанд, бо неруи худ воситаҳои барои зиндагии шоиста ва сазовор зарурро дастрас намекунанд, онҳо ба вазъи мушкили зиндагӣ гирифтор гардида, ба кумак ва дастгирии иҷтимоӣ ниёзманданд [2-М]; [6-М].

2. Масъалаи камбизоатӣ ва нобаробариҳои иҷтимоӣ аз замонҳои қадим таваҷҷуҳи равшанфикрону донишмандонро ҷалб намуда, барои шарҳу арзёбии он дар илмҳои ҷомеашиносӣ, аз ҷумла сотсиология равишу назарияҳои мухталифи илмӣ ба миён омадаанд. Ҳанӯз донишманди Юнони Қадим камбизоатиро сабабгори норозигӣ ва каҷрафториҳои одамон шуморида, онро ба зиёдшавии шумораи аҳолӣ ва нарасидани захираҳои

таббиӣ алоқаманд дониста буданд. Масъалаи камбизоатии аҳолӣ дар таълимоти иҷтимоӣ ва сиёсии ҷомеашиносони асримиёнагии форсу тоҷик, аз ҷумла А. Форобӣ, А. Сино, М. Ғаззолӣ, С. Насафӣ ва дигарон баррасӣ гардида, он ҳамчун зуҳуроти манфӣ ва ҳамзамон, барои ҷомеа зарур арзёбӣ гардидааст [4-М]; [6-М].

3. Аз ибтидои асри XVIII сар карда, дар илмҳои ҷомеашиносӣ, махсусан, Ғарб равияҳои гуногуни илмӣ бо номи дарвинизми иҷтимоӣ, эгалитаризм, функсионализми сохторӣ, равияи оморӣ-сотсиологӣ, порчафарҳанги камбизоатӣ ва ғайра ба миён омаданд, ки масъалаи камбизоатиро аз дидгоҳҳои гуногун шарҳ додаанд. Дар равиши дарвинизми иҷтимоӣ (Т. Малтус, П.Ж. Прудон, Г. Спенсер ва дигарон) камбизоатӣ ҳамчун ҳолати табиии ҷомеа арзёбӣ гардида, кӯшиши бартарафсозии он дахолат ба раванди табиӣ номида шудааст. Намояндагони равияи «эгалитаризм» (К. Маркс, Ф. Энгелс, Э. Реклю ва дигарон) камбизоатиро бевосита бо хусусиятҳои сармоядории воситаҳои истеҳсолот ва вобастагии меҳнаткашон аз сармоядорон алоқаманд донистаанд. Намояндагони равияи функсионализми сохторӣ (Т. Парсонс, Л. Уорнер, К. Дэвис, У. Мур ва дигарон), аз ҷумла яке аз асосгузорони он Т. Парсонс мавҷудияти камбизоатиро нишонае аз ноустувории низоми иҷтимоӣ ва сохтори ҳокимияти сиёсӣ медонистанд. Дар равияи оморӣ-сотсиологӣ (Ф. Ле Пле, Ч. Бут, С. Раунтри ва дигарон) масъалаи камбизоатӣ дар асоси маълумоти оморӣ ва иҷтимоӣ-демографӣ таҳқиқ гардидааст. Намояндагони равияи «порчафарҳанги камбизоатӣ» (О. Люис, М. Харингтон, Г. Ганс, В. Вилсон ва дигарон), камбизоатиро ҳамчун порчафарҳанг таҳқиқ намудаанд. Ба андешаи сотсиологи амрикоӣ Г. Ганс зуҳуроти камбизоатӣ дар ҷомеа вазифаҳои мусбатро низ иҷро менамояд [6-М].

4. Меъёр ва нишондиҳандаҳои муайянсозии сатҳи камбизоатӣ дар кишварҳо вобаста ба сатҳи рушди ҷомеа, тарзи зиндагӣ, маданият, дараҷаи рушди саноат ва технология аз якдигар фарқ менамоянд. Дар илмҳои ҷомеашиносӣ ва иқтисодӣ методҳои гуногуни ченкунии сатҳи камбизоатии аҳолӣ, мисли методи стандартикунонии буҷа, оморӣ, меъёрӣ (нормативӣ), тафриқавӣ, деприватсионӣ ва эвристикӣ (субъективӣ) ва ғайра истифода мешаванд. Масалан, дар методи деприватсионӣ барои муайянсозии сатҳи камбизоатӣ хароҷоти аҳолӣ (молу маҳсулот ва хизматрасонӣ) ба назар гирифта мешавад. Донишманди тоҷик Л.Я. Бабаева низ пешниҳод намудааст, ки барои муайян намудани сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон аз методи деправатсионӣ ва пурсиши хонаводаҳо истифода бурдан лозим аст [2-М]; [6-М].

5. Дар ҷаҳони муосир барои арзёбии сатҳи камбизоатӣ бештар меъёрҳои муқаррарнамудаи СММ ва Бонки Ҷаҳонӣ истифода мешаванд. Мувофиқи нишондиҳандаҳои байналмилалӣ камбизоатӣ дар Тоҷикистон, дар се сатҳ чен карда мешавад. Сатҳи аввал, камбизоатии мутлақ ё ҳадди поёнии камбизоатӣ, ки як аъзои оила дар як шабонарӯз то 1,9 доллари ИМА (тахминан 19 сомонӣ) даромади иқтисодӣ дорад. Сатҳи дуюми камбизоатӣ ё камбизоатии нисбӣ, ки даромади иқтисодии як аъзои оила ба 2,5 доллари ИМА (тахминан 25 сомонӣ) баробар аст. Ба ҳудуди сеюми камбизоатӣ нафароне шомил мегарданд, ки дар як шабонарӯз даромади иқтисодиашон ба 4,3 доллари ИМА (тахминан 43 сомонӣ) рафта мерасад. Камбизоатии субъективӣ дар раванди назарпурсиҳо муайян карда мешавад. Ченкунии сатҳи камбизоатӣ дар Тоҷикистон вобаста ба даромади иқтисодии аҳолӣ на ҳама вақт ба воқеият мувофиқат менамояд, зеро аҳолӣ даромади иқтисодии воқеии хешро камтар нишон медиҳанд ва ё пинҳон медоранд. Ба андешаи мо, барои

муайян намудани сатҳи камбизоатии аҳолии Тоҷикистон нишондиҳандаҳои хароҷоти аҳолӣ ва ҳадди ақали зиндагӣ мувофиқтар мебошанд [2-М]; [5-М].

6. Ба сатҳи камбизоатии аҳолии Тоҷикистон омилҳои гуногуни таърихӣ, иҷтимоӣ-демографӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҷуғрофӣ, фарҳангӣ ва ғайра таъсири назаррас мерасонанд. Ба ақидаи ҷомеашиносон ва иқтисодшиносони ватанӣ, афзудани сатҳи камбизоатӣ дар давраи аввали истиқлоли Тоҷикистон ба омилҳои сиёсӣ вобастагӣ дошт. Зеро аксарияти аҳолӣ ба тағйироти куллии ҳаёти иҷтимоӣ ва сиёсӣ омода набуданд, якбора дигаргун гаштани фазои иҷтимоӣ-сиёсӣ «изтироб»-и иҷтимоиро ба вуҷуд овард ва ҷангӣ шаҳрвандӣ сар зад. Дар натиҷа ҷомеаро буҳрони иқтисодӣ ва сиёсӣ фаро гирифт, корхонаҳои саноатӣ аз фаъолият бозмонданд, бештари аҳолии қобили меҳнат, махсусан, кормандони соҳаи буҷавӣ бекор монданд, аксарияти аҳолӣ ба камбизоатии мутлақ гирифтор шуданд. Ҳамзамон, ислоҳоти иқтисодӣ (хусусигардонии моликияти давлатӣ), ки дар ибтидои истиқлоли давлатӣ гузаронида шуд, натиҷаи дилхоҳ надод ва баръакс боиси шиддат гирифтани нобаробариҳои иҷтимоӣ ва камбизоатии аҳолӣ гардиданд.

Хушбахтона, пас аз Ваҳдати миллӣ, барқарор шудани Ҳукумати конститутсионии Тоҷикистон, кӯшишу талошҳои Ҳукумату давлат ва Президенти кишварамон сатҳи камбизоатӣ коҳиш дода шуд. Дар соли 2023 Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи коҳиши сатҳи камбизоатӣ ба рӯйхати 10 кишвари пешсафи ҷаҳон дохил шуда, сатҳи камбизоатӣ аз 83,0%-и соли 1999 то ба 19,0%-и соли 2025 коҳиш ёфт ва пешбинӣ шудааст, ки то 35-умин солгарди истиқлоли Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳиссаи намояндагони табақаи миёнаи ҷомеа то 45% зиёд ва сатҳи камбизоатӣ то соли 2030 то ба 10% паст карда мешавад [2-М]; [3-М]; [5-М]; [8-М].

7. Камбизоатии аҳолӣ дар Тоҷикистон ба мавқеи ҷуғрофии кишвар ва масъалаҳои шуғлмандии аҳолӣ низ алоқамандӣ дорад. Ҳудуди Ҷумҳурии Тоҷикистонро асосан минтақаҳои кӯҳӣ ташкил медиҳад ва аксарияти аҳолӣ дар деҳот зиндагӣ мекунанд. Мувофиқи омори расмӣ сатҳи камбизоатӣ дар минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон (23,0%) нисбат ба шаҳрҳо (20,1%) зиёдтар аст. Дар минтақаҳои деҳоти Тоҷикистон аксарияти аҳолӣ ба истеҳсолоти кишоварзии мавсимии камдаромад машғул буда, бо ҷойи кории доимӣ таъмин нестанд. Ҳамзамон, аҳолии аз ҷиҳати иқтисоди фаъоли Тоҷикистон босуръат меафзояд, аммо мувофиқ ба он ҷойҳои нави корӣ таъсис дода намешаванд. Мутаассифона, сатҳи дониш ва малакаи як қисми шаҳрвандон ба талаботи бозори меҳнат ҷавобгӯ нест. Вазъи иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва шароитҳои кории муҳоҷирони меҳнатии Тоҷикистон низ дар давлатҳои қабулкунанда, махсусан, Россия торафт ногувор мегардад. Кам гардидани интиқоли маблағҳои муҳоҷирони кории Тоҷикистон аз Россия ба сатҳи зиндагии оилаҳо таъсир расонида, ба афзоиши сатҳи камбизоатӣ мусоидат мекунанд [2-М]; [3-М]; [5-М].

8. Сатҳи камбизоатии аҳолии Тоҷикистон ба анъана, қолабҳои фикрӣ ва урфу одатҳои халқию динӣ низ ҳамбастагӣ дорад. Яке аз анъанаҳои таърихии мардуми тоҷик серфарзандӣ мебошад, ки то ба имрӯз ин анъана идома меёбад. Шумораи фарзандон низ омили камбизоатии оила шуда метавонад. Мутаассифона, фарзандони аксарияти оилаҳои камбизоат ба таҳсил, хӯрок, пӯшок ва хизматрасониҳои иҷтимоии босифат таъмин нагардида, дар оянда соҳиби тахассуси зарурӣ ва ҷойи кори муносиб шуда наметавонанд. Дар натиҷа, онҳо ба камбизоатӣ гирифтор гардида, аз он раҳоӣ ёфтанашон боз ҳам мушкилтар мегардад. Инчунин, баргузории ғайриоқилонаи анъана ва ҷашну маросим ба сатҳи некуаҳволии шаҳрвандон

таъсири манфӣ мерасонад. Баъзе аз шаҳрвандон гузаронидани анъана ва ҷашну маросимро ҳамчун воситаи худнамоӣ, шуҳратпарастӣ ва ба даст овардани мақоми иҷтимоӣ истифода намуда, ба исрофкорӣ ва худнамоишдиҳӣ даст мезананд, ки пеш аз ҳама, ба табақаи камбизоати аҳолӣ паёмади ногувор дорад [3-М].

9. Аз таҳлили натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ маълум мегардад, ки камбизоатии аҳолӣ ҷойивазкунии иҷтимоии амудии болоравандаи аҳолиро мушкил мегардонад ва ба пайдоишу паҳнгардии дигар мушкилоти иҷтимоӣ, аз қабили каҷрафториҳои иҷтимоӣ, паҳншавии бемориҳои сироятӣ, аз таҳсил дур мондани наврасону ҷавонон, ташаккули фарҳанги камбизоатӣ ва ғайра мегардад. Камбизоатӣ асосан ба рушди иқтисодиёти кишвар таъсир мерасонад, зеро шахсони камбизоат дар ҳаёти иҷтимоии кишвар фаъолона иштирок накарда, ба қонеи талаботи рӯзмарра машғул мегарданд ва қобилияту истеъдоди худро ошкор ва ташаккул дода наметавонанд. Оқибати аз ҳама ташвишовар, нигаронкунанда, манфӣ ва хатарноки зуҳуроти камбизоатӣ афзудани ҷинояткории наврасон ва ҷавонони оилаҳои камбизоат мебошад. Шаклгирӣ ва паҳншавии фарҳанги камбизоатӣ дар ҷомеа ба некуаҳволии аҳолӣ ва худтатбиқнамоии шаҳрвандон монеа мегардад, зеро дар ин ҳолат камбизоатӣ зуҳуроти муътадилу рӯзмарра ҳисобида шуда, худи камбизоатон ба ҳамин гуна тарзи зиндагӣ, ҳувияти махсус ва муҳити иҷтимоӣ мутобиқ шуда, одат мекунанд. Хушбахтона, дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳанӯз камбизоатӣ ба фарҳанг ва тарзи зиндагии муқаррарӣ табдил наёфтааст ва аҳолӣ камбизоатиро ҳамчун як мушкилӣ ва зуҳуроти номатлуб қабул намуда, барои ҳалли он чораҷӯйӣ менамоянд [2-М]; [11-М]; [12-М]; [13-М].

